

Маҷаллаи илмӣ-амалии
Агентии назорати давлатии молиявӣ ва
мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

# МИЗОНИ ҚОНУН

№3, 2022

**МАҶАЛЛАИ ИЛМӢ-АМАЛИИ**
**АГЕНТИИ НАЗОРАТИ ДАВЛАТИИ**
**МОЛИЯВӢ ВА МУБОРИЗА БО КОРРУПСИЯИ**
**ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

# МИЗОНИ ҚОНУН

**№3, 2022**

**МУАССИС**
Агентии назорати давлатии молиявӣ ва
мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон

**САРМУҲАРРИР**
Бойзод Хушбахт Раҳимдил – сардори шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ,
маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Агентӣ, капитани адлия

**МУОВИНИ САРМУҲАРРИР**
Раҳмонзода Ф.Н. – сарнозири шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ,
маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Агентӣ, капитани адлия

**АЪЗОЁНИ ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ**
Муовинони сардорони воҳидҳои сохтории Агентӣ

**КОТИБИ МАСЪУЛ**
Фозилзода Ш.Х. – мутахассис дар самти технологияҳои
иттилоотию коммуникатсионии Агентӣ

**МУТАХАССИСИ ТЕХНИКӢ**
Фозилзода Ш.Х. – коргузори Агентӣ

**НИШОНӢ**
734043, ш. Душанбе, хиёбони А. Сино 126/1.
Тел.: (+992 37) 236-64-72, факс (+992 37) 236-64-53.
Телефони боварӣ: (+992 37) 224-23-23.
Сомона: www.anticorruption.tj. Почтаи электронӣ: info@anticorruption.tj

Ба чоп __.06.2022 имзо шуд. Коғази ҷилодор. Чопи офсетӣ. Андоза 60×84 $^1/_8$.
Ҷузъи чопӣ 15. Адади нашр 200 нусха.

Дар матбааи «Контраст» чоп шудааст.
734042, ш. Душанбе, кӯч. Н. Муҳаммад, 28.

Маҷалла 5-уми майи соли 2020 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
таҳти №152/МҶ-97 ба қайд гирифта шудааст.

«Мизони қонун» на бо ҳамаи андешаҳои муаллифон мувофиқ буда, ба хотири риояи гуногунандешӣ ақоиди мухталифро чоп мекунад. Масъулияти саҳеҳии рақамҳо ва санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Нашри матолиби «Мизони қонун» танҳо бо ризоияти хаттии идораи он имкон дорад.

Дар шумора хабару аксу гузоришҳо аз шабакаи интернет, муаллифон
ва бойгонии маҷалла истифода шудаанд.



*Бо қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ҷаҳониён бори дигар эътимод ҳосил карданд, ки тоҷикон дар ҳақиқат яке аз миллатҳои куҳанбунёди дунё, фарҳангсозу хирадманд ва сулҳхоҳу ботаҳаммул мебошанд. Бо имзои ин санади таърихӣ мо дар кишвари худ ба муқовимати мусаллаҳона хотима бахшида, сарзаминамонро аз харобӣ, миллатамонро аз парокандагӣ ва Ватанамонро аз нобудӣ наҷот додем.*

*Эмомалӣ Раҳмон*

Ба ҳамагон маълум аст, ки созишномаи мазкур 27 июни соли 1997 ба имзо расида буд. Ин ҳуҷҷат ифодакунандаи қатъи ҷанги дохилӣ буда, ба оғози ҳаёти осоишта қадам ниҳодани мамлакатро инъикос менамояд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# БАХШИДА БА РӮЗИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

***Султонзода Сулаймон Саид – Директори Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, генерал-майори адлия***



Бисту чор сол қабл, яъне бисту ҳафтуми июни соли 1997 баъди музокироти тӯлонӣ ба хотири ҳифзи якпорчагии марзу буми кишвар, таъмини сулҳу субот, сарҷамъии миллат ва зиндагии ороми сокинони мамлакат Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ба имзо расид, ки ин санади муҳим дар таърихи навини халқамон аз ҷумлаи хуҷҷати сарнавиштсоз ба ҳисоб меравад.

Зеро ҳамин санади таърихӣ ба ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ хотима бахшида, барои оғози рушди давлатдории Тоҷикистони соҳибистиқлол ва ҳаёти орому осудаи мардуми он шароити мусоид фароҳам овард.

Маҳз ба ҳамин хотир мардуми шарафманди мо рӯзи бисту ҳафтуми июнро ҳамасола ҳамчун рӯзи Ваҳдати миллӣ, тимсоли сулҳ, ҳамдигарфаҳмӣ, эҳёи маънавию иқтисодии кишвар ва осоиш дар ҷомеаи навини Тоҷикистон ҷашн мегиранд.

Барои расидан ба ин рӯзи саид халқи тоҷик аз имтиҳони бисёр сахту сангини таърих гузашта, ба шарофати хиради азалии худ ба мухолифати мусаллаҳона ва ҷанги шаҳрвандӣ хотима бахшид ва ба аҳли башар исбот намуд, ки метавонад таҳти парчами ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ сарҷамъ гардад ва дар фазои сулҳу субот умр ба сар бурда, сарзамини аҷдодии хешро бо азму талоши ватандӯстона ободу зебо гардонад.

Дар воқеъ сулҳи тоҷикон таҷассуми олии майлу иродаи қавии инсондӯстонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хизмати таърихии ин сиёсатмадори барҷаста дар роҳи раҳоӣ бахшидани Тоҷикистон аз гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ ва вартаи нестӣ мебошад.

Баракати расидан ба Ваҳдати комили миллӣ ҳамчун омилҳои созанда ба мардуми сарбаланди тоҷик имкон фароҳам овард, ки дар самти бунёди давлати демократию ҳуқуқбунёд ва тарҳрезиву татбиқи барномаву нақшаҳои муҳими иқтисодиву иҷтимоӣ бо мақсади расидан ба ҳадафҳои стратегии рушд ва дар маҷмӯъ бунёди як ҷомеаи ободу ором қадамҳои устувор гузорад.

Маҳз ба ҳамин хотир Ваҳдат – ҳамчун шоҳроҳи худогоҳиву худшиносӣ ва сабақи ибратомӯзи таърихӣ моро водор месозад, ки

Ман воқеаҳои тӯли солҳои гузашта рухдодаро пеши назар оварда, чунин хулоса мебарорам, ки роҳи сулҳу осоиш ҳар қадар душвор набошад, дар баробари ин ҷидду ҷаҳди самимона ба сулҳ ва омодагии тарафҳои муқобил ба сарфи назар кардан аз манфиатҳои сиёсӣ ва шахсии худ ба нафъи оромию осудагӣ ва ваҳдати Ватан дар мубориза мо, муборизаи онҳое, ки тақдири сулҳ ба дасти онҳо супурда шуда буд, қувваи асосии пешбаранда буд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

аз ҳарвақта бештар ба қадри Ватан, истиқлолият, озодӣ, арзишҳои волои фарҳангиву ахлоқии халқи худ бирасем ва ҳамчун рисолати инсонию шаҳрвандии худ бо заҳмати созанда ин пояи давлатдории миллиамонро боз ҳам таҳким бахшем.

Худро масъул донем, то ки андешаи сулҳу ваҳдатро ҳамчун рукни боэътимоди истиқлолият ба яке аз ғояҳои давлатдории миллӣ табдил диҳем ва онро миёни наврасону ҷавонон ҳамчун шарти асосии бақои амнияти ҷомеа ва пойдории давлат васеъ тарғиб кунем.

Чунки сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ ба мардуми Тоҷикистон бар ивази ҷони ҳазорон нафар ҷавонмардони содиқу ватандӯст муяссар гардидааст.

Дар ин вазъияту шароите, ки баъзе хоинони миллату давлати тоҷик ҳанӯз аз ниятҳои душманонаи хеш даст накашидаанд, инчунин бо ба инобат гирифтани рӯз то рӯз вусъатёбии хатарҳои терроризму экстремизм, радикализми динӣ ва хурофотпарастӣ дар кишвари ҳамсарҳади мо Ҷумҳурии Исломии Афғонистон ва бар замми ин паҳншавии бемории сироятии Ковид 19, ки ҳаёти миллионҳо нафар сокинони сайёраро таҳти хатари ҷиддӣ қарор додааст, мо бояд бахри ҳимояи Ватану ваҳдати миллии хеш тамоми масъулияти худро равона созем.

Дар ин замина ҳушёриву зиракии сиёсӣ, худшиносии миллӣ, ҳисси баланди ватандӯстиву ватанпарастӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмиро аз ҳарвақта дида бештар дар худ тарбияту тақвият бахшем.

Бовар дорам, ки ҳайати шахсии Агентӣ низ дар баробари дигар сокинони кишвар ва хизматчиён давлатӣ таҳти парчами истиқлолу озодӣ тамоми кӯшишу талоши худро ба хотири пешрафти давлат, ободии Ватан ва осоиши ҳар як фарди мамлакат сафарбар месозанд.

Аз ин рӯ, бо шукргузорӣ аз сулҳу оромӣ, суботи комили сиёсӣ ва рушду тараққиёти устуворе, ки имрӯз дар Ватани аҷдодиамон бо шарофати ин ҷашни бузург ва ифодагари ҳамдигарфаҳмиву сарҷамъӣ – Рӯзи Ваҳдати миллӣ ба даст омадааст, ҳамаи Шумо ҳамкасбони гиромиро аз номи роҳбарияти мақомоти Агентӣ табрику таҳният гуфта, ба хонадонатон осоишу оромӣ, хушбахтиву сарбаландӣ ва саодати доимии рӯзгорро орзу менамоям.

Ҷашни Ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ муборак бошад ҳамватанони азиз!

Ман ҳамчун марди сиёсат, ки бо ҳукми тақдир, талаби замон ва бо иродаи халқ дар айни ҷӯшу хурӯши муқовимат, вақте ки тарафҳои муқобил ҳар рӯз аз ҳамдигар торафт бештар дур мешуданд, роҳбарии давлати мустақили Тоҷикистонро ба зимма гирифта, ба ғайр аз барқарор сохтани сулҳу созгорӣ дар ватани хеш вазифаи дигари олиро намедидам ва тайёр будам, ки барои ин тамоми корҳои зарурӣро кунам.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ОЗОДМАРДИ СУХАНВАР

*Мирзонабот Алишер Худобердӣ – Раиси Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон*



Дар тамоми давраҳои мухталиф шахсиятҳои бузург вазифаи таърихсозиро бар дӯш доштанд. Чун тақдиру сарнавишти халқу миллат бо номи онҳо пайваставу аз гуфтору кирдори онҳо вобаста буд, ин шахсиятҳо ҳаммаънои ватану миллату давлат гардида, барои халқ дар баробари дигар арзишҳои миллӣ муқаддас мегарданд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, бе шакку дудилагӣ, барои мардуми шарифи Тоҷикистон ва дар умум барои кулли тоҷикони ҷаҳон ҳамин мақому манзалатро касб намудааст.

Дар бораи хизматҳои бесобиқаи Пешвои миллат, заҳматҳои шабонарӯзии вай, қудрату тавоноии худододӣ, миллатсозиву давлатофарӣ, андешаҳои сиёсиву афкори илмӣ, меҳандӯстиву арҷгузорӣ ба суннатҳову арзишҳои милливу фарҳангӣ ва садҳову ҳазорҳо корномаҳои дигари ӯ муҳаққиқону мутахассисон зиёд навиштаанду навишта истодаанд. Ба қавли академик Т. Назаров «воқеан, хизмати бузурги таърихии Эмомалӣ Раҳмон дар таҳкими ҳокимияти давлатӣ ва истиқлолияти миллӣ аз он иборат аст, ки маҳз ӯ ихтиёри давлатдорӣ ба даст оварда, пеши роҳи оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуд, сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан, мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохт, артиши миллӣ ва неруҳои посбонии сарҳадро таъсис дод, барои таҳкими ҳокимият ва давлат шароит муҳайё намуд, бунёди сулҳи Тоҷикистонро гузошт, ислоҳоти конститутсиониро дар мамлакат амалӣ гардонид, сулҳи тоҷиконро ба даст овард, ваҳдати миллӣ ва эҳёи онро амалӣ сохт, эътибори сиёсии давлатро дар арсаи байналмилалӣ афзуд». Баргардонидани гурезагон ва истиқрори сулҳ, бунёди нақби «Истиқлол» ва табдили «Девдара» ба «Гулдара», пос доштани номи фарзандони фарзонаи миллат, барномаҳои ҷаҳонгир, бунёди НБО «Роғун», саноатсозии Тоҷикистон чанде аз он дастовардҳои миллати тоҷик дар замони Истиқлол мебошанд, ки бевосита бо ном ва кору пайкори Пешвои муаззами миллат пайвастагӣ доранд. Вақте ки дар бораи ин дастовардҳо ва пешрафтҳо андешамандон сухан мегӯянд, инҳо танҳо ҳосилу самараи он заҳматҳову ҷоннисориҳои шахсии Сарвари давлат мебошанд, ки албатта, бо тамоми ҷузъиёташ бояд мавриди омӯзишу таҳлилу баррасӣ қарор гиранд. Зеро то имрӯз он чи гуфта шудааст, ба унвони муште аз хирвор беш нест.

> Ман ҳанӯз зимни муроҷиати нахустинам ба халқи Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, вақте ки тақдири миллат ва давлати тоҷикон ҳал мешуд, вазифаи асосӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро муқаррар карда будам.
>
> ***Эмомалӣ Раҳмон***

Бояд иқрор шуд, ки дар баробари тамоми корҳову фаъолиятҳои пурзаҳмату беисти Пешвои миллат суханрониҳои ӯро нодида гирифтан нобахшиданист. Дар ин мақола мо талош хоҳем кард, то дар бораи суханрониҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар шаҳру ноҳияҳои Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон ироа намудааст, изҳори назар намоем. Ҳарчанд дар доираи як мақола ҳамаи он суханрониҳоро, ки шумораашон аз ҳафтод бештар аст, таҳлил кардан аз доираи имкон берун аст, мо саъй мекунем, то лоақал дар бораи муҳимтарин мавзуъҳои матни як суханронии Пешвои миллат нуқтаи назарамонро баён созем.

Аввалин вохӯрии Роҳбари кишвар бо фаъолони Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 13-уми июни соли 1993 дар шаҳри Хоруғ баргузор гардида буд. Замон ниҳоят ноором ва вазъият куллан нотинҷ буд. Дар ин вазъияти комилан бесубот ба Бадахшоне, ки аз мухолифони дохиливу хориҷӣ пур буд, сафари корӣ ба нақша гирифтан маънои аз ҷони худ гузаштанро дошт. Хатар ба ҷисму ҷон ба каф, аммо қуллаи муродашон, ки иборат аз таъмини осоиштагиву сулҳу субот дар тамоми нуқоти мамлакат буд, ӯро водор сохтанд, то ба Бадахшон, ки ҷигарпораи Тоҷикистон аст, сафар намояд. Аввалин ҷумлаи нахустсуханрониашон бо ифодаи «кайҳо орзу доштам» оғоз мешавад, яъне орзӯву ҳасрати деринаро дар дил парваридааст, то ки ба Бадахшон бо армони фирдавсиёна «хирадманд ҳаргиз накӯшад ба ҷанг» биёянду «чу аз оштӣ шодӣ ояд ба чанг» халқи азиятдидаи вилоятро «хоҳони сулҳу оромӣ ва меҳнати пурсамар дар роҳи аз бӯҳрони сиёсӣ баровардани Тоҷикистони азиз» дарёфтанд. Ҳарчанд он рӯзҳо сухан аз саодатмандиву дурахшидани ситораи саъд кардан ҳанӯз барвақт буд, аммо Сарвари давлат даст ба буридану кӯтоҳ кардани умеди мардум назаданд, баръакс, сармояи зафару нусратро дар иттиҳодӣ дида, асоси иқболу саодати халқро дар ҳамдиливу ҳамандешӣ пешниҳод карданд. Президенти мамлакат мардуми вилоятро умедвор сохтанд, ки «мо ба ҳеҷ як ҷудоиандозии дохили ҷумҳурӣ роҳ намедиҳем» ва «мақсади асосиамон як аст – мамлакатамонро ба ҷомеаи ҷаҳонӣ дохил намудан ва аз арзишҳои умуминсонӣ баҳравар гардидани халқамон». Роҳбари давлат мардумро мутмаин сохтанд, ки ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ кори душманони миллатсӯзи мо буда, ба ин роҳ мехостанд дар парокандагии миллату дар нобуд сохтани давлат дастболо шаванд, аммо хушбахтона, халқи фарҳангдӯсту ватанпарасту таърихшиноси мо ин андешаи шуми хиёнаткоронро пай бурданд ва маҳз огоҳдилии мардум заминасози ваҳдату якдилӣ гардида буд. «Тӯҳмату дурӯғ, бӯҳтону сиёҳкорӣ – инҳо воситаҳои асосие мебошанд, ки тавассути онҳо қувваҳои зиддиҳукуматӣ мехостанд ба сари қудрат биёянд»,– гуфтаанд дар ин вохӯрӣ Роҳбари давлат. Президенти кишвар умри дурӯғро кӯтоҳ гуфта, ба изҳори бегуноҳ ҳеҷ гоҳ озоре намеёбад, мардумро осудахотир гардонд, ки «ман ҳамчун сардори давлат бо тамоми масъулият ба шумо мегӯям, ки нисбати ҳеҷ фарде амали ғайриқонунӣ карда намешавад».

Солҳои 90-ум як давраи гузарише буд, ки гурӯҳҳои зиёди сиёсӣ ва ҷараёнҳои мухталифи мазҳабӣ хоҳони ба даст гирифтани лаҷоми қудрат мешуданд. Чун «дар замоне ки ҷанги шаҳрвандӣ пайкари Ватанро месӯхт, ба зимма гирифтани масъулияти роҳбарӣ ва наҷоти давлат кори басе мушкил буд», намояндаи ҳар гурӯҳ, махсусан бо такя ба хоҷагони хориҷии худ, сохти давлатдории худро пешниҳод ме-

Тарафҳои муқобил маҳз ҳамон вақт даъвати моро дар бораи дарки зарурати волоияти манфиатҳои миллӣ ва бартарии онҳо аз манфиатҳои ҳизбу ҷунбишҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ба хубӣ дарк намуда, бори аввал сари мизи музокирот нишастанд. Бинобар ин сароғози ҷараёни истиқрори сулҳро, ки баъдан соли 1993 давом дода шуд, воқеаи таърихии ҳаёти мардуми мо, яъне Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд шумоpидан зарур аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

карданд ва зӯран талош доштанд, то ҳукумати нав танҳо тобеи андешаи онҳо бошад. Сардори давлат дар ин вазъияти ҳассосу нозук андешаи муғризонаи «дилсӯзони миллат»-ро дарк намуда, дурандешонаву оянданигарона ва муҳим аз ҳама бебоконаву нотарсона роҳи тоҷиконаи пешрафтро пешниҳод намуданд: «...Дар ҷумҳуриамон ашхосе буданд, ки мехостанд Тоҷикистон танҳо бо давлатҳои ҳамсоя ва ҳамзабонамон робита дошта бошад. Баръакси он гурӯҳи дигар ақида дошт, ки Тоҷикистон танҳо бо мамолики Ғарб робита дошта бошад. Ба ақидаи ман, мо набояд ки ба ягон давлат ва минтақаи алоҳидае кӯркӯрона тақлид кунем. Мавқеи таърихӣ, стратегӣ ва геополитикии Тоҷикистон чунин аст, ки мо бояд шароити маҳаллиро пурра ба назар гирифта, аз таҷрибаи тараққиёти чи мамолики Ғарб, чи мамолики Шарқ баҳравар гардида, бо роҳи хоси худ, бо роҳи тоҷиконаи худ пеш равем, то ин ки кишвари азизамонро ба қатори давлатҳои мутараққии ҷаҳон дохил намоем».

Ин бузугмарди миллат, ки ба қавли Ҷомии хушбаён «Ҳаст шарти подшоҳӣ чор чиз: Ҳикмату иффат, шуҷоат, ҷуд низ», шуҷоатмандонаву ҷасурона хоинону ҷудоиандозонро мавриди интиқод қарор дода, бо тамоми азму иродаи қавӣ барои ҳар қатраи хуни тоҷики бегуноҳро, ки рехтанд, ҷавоб доданашонро кафолат доданд. Ба изҳори ӯ «мо ба ҳеҷ як ҷудоиандозии дохили ҷумҳурӣ роҳ намедиҳем... Он ҷудоиандозҳо, ки ҷумҳуриро ба вартаи ҳалокат наздик оварданду сабабгори хуни ноҳақи ҳазорон нафар ҳамватанонамон гардиданд, минбаъд бо тамоми қатъият ва масъулият дар назди халқ ва давлат ҷавоб мегӯянд».

Чунон ки таърих нишон дод, Сардори давлат дар мавқеи худашон устувору дар аҳди худ қавӣ буданд ва дар кӯтоҳтарин муддат дар Тоҷикистон ба дасисаву иғвогарии хоинон хотима бахшиданд, сулҳро пойдор намуданду ҷумҳуриро аз бӯҳрони амиқи иқтисодӣ бароварданд. Дуои холисонаву муҳаббатомезонаи «бигузор дар Бадахшон ҳеҷ гоҳ садои тире шунида нашавад», ки дар он рӯз аз забонашон баровaрда шуд, ба даргоҳи Ҳақ қабул гашт ва дигар баъд аз он дар вилоят садои тире ба гӯш нарасид.

Вазифаву масъулиятҳоеро, ки дар он рӯз Сарвари мамлакат бар дӯш гирифтанд, иборат буданд аз ба кор даровардани корхонаи барқии «Помир-1», ба итмом расондани роҳи автомобилгарди Даштиҷум-Қалъаи Хумб, сохтмони корхонаҳои истеҳсоли бор дар Оқ-Архар, истеҳсоли мармар, лаъл ва ҳамчунин обҳои маданӣ ва бунёди шифохонаҳои байналхалқӣ, авҷ додан ба соҳаи туризм ва тиҷорати байналхалқӣ. Ҷойи шукру сипос аст, ки Сарвари давлат аз ҳаллу иҷрои ҳамаи ин уҳдадориҳо сарбаландона баромада, маскунони вилоятро ифтихорманду сарфароз гардониданд.

Зимни ин суханронии пурмуҳтаво Сарвари мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи дӯстиву рафоқати халқҳои ҳаммилату бародари Тоҷикистону Афғонистон ва робитаи холисонаву бародаронаи тоҷику қирғиз изҳори назар намуда, пойдору боқӣ мондани ин муносибатҳоро, ки дар тӯли таърих душманони дӯстнамо чандин маротиба хоҳони зидди ҳам хезондани онҳоро доштанд, талқину ташвиқ намуданд. Ба таъкиди ҳақиқатбинонаи ӯ «...Ман шуморо бовар мекунонам, ки ин қувваҳои нопок ҳаргиз ба мақсадашон намерасанд ва дӯстию рафоқати халқҳои ҳаммилату бародари Тоҷикистону Афғонистон абадӣ боқӣ хоҳад монд... Тоҷикон ва қирғизҳо дар маҳалҳои сукунати якҷояшон асосан дузабона буда, то андозае бо ҳам омехта шудаанд, ки ҳеҷ гоҳ якдигарро ба миллат тақсим

Мо имрӯз бо камоли боварӣ гуфта метавонем, ки ҳамаи нақшаҳои андешидаи мо бо вуҷуди ниҳоят душвор будани онҳо дар амал татбиқ гардиданд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

намекунанд. Намунаи равшани чунин муносибатҳоро мо дар мисоли ноҳияҳои Ҷиргатол, Мурғоб ва Исфара мебинем» . Таърих гувоҳ аст, ки Пешвои миллат то ба имрӯз бар ин аҳди худ устуворанд ва то охирин лаҳза ба ғарази нопоки хориҷиён ва мақсадҳои шуми носипосони дохилӣ тан нахоҳанд дод.

Агарчи дар он замон мушкилоти зиёде вуҷуд дошт, нигаронии асосии Роҳбари давлат аз он буд, ки дар баъзе ноҳияҳои вилоят ҳанӯз силоҳбадастон ба умеди дастгирии сарварони беруна дар хаёли ҷанганд. Барои беяроқ гардонидани силоҳбадастон ниёзманд будани давлатро ба аҳолии вилоят изҳор намуданд. Сардори давлат равшанфикрону пирони кор ва депутатҳои шуроҳои халқии деҳотиву ноҳиявӣ ва шаҳриву вилоятиро мухотаб қарор дода, худро дар канор нагирифтанд ва дар ин самт саҳмгузорӣ намуданро аз онҳо талаб намуданд. Мардуми шарифи вилоят, албатта, самимияту холисияти андешаи Роҳбари давлатро дарк намуданд, назари ҷамъбастиашон «ҳамаи орзую умедҳои мо нисбати муътадил гардидани вазъият ва obод намудани ҷумҳуриамон, пеш аз ҳама, ба мову шумо вобаста аст», ба ҷон қабул карданд, мулоҳизаҳои ақлӣ ва хулосабарориҳои мантиқиашонро барои худ роҳнамои минбаъда қарор доданд ва дар кӯтоҳтарин муддат роҳи сулҳу салоҳро пеша қарор дода, дар ба муътадил овардани вазъият ҳиссагузор ва рушди ояндаи кишвар бо тамоми ҷумҳурӣ шарик гаштанд.

Хулоса, ин суханронии таърихии Пешвои муаззами миллат дар он вазъияти ниҳоят номусоид тавонист рӯҳияи мардуми Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшонро баланд бардораду хотирашонро ҷамъ созад ва ба ояндаи неки дурахшон умедвораш гардонад. Маҳз қудрати худододии сухангустарӣ дар баробари дигар авсофи воло ба Ҷаноби олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имкон доданд, ки миллатро сарҷамъ, давлатро пойдор ва саодати минбаъдаи мардуми шарифи тоҷикро таъмин созанд.

Муваффақияти бузургтарини бадастовардаи мо ҳамин аст, ки ваҳдати миллати тоҷик ва якпорчагии қаламрави Тоҷикистонро ҳифз карда тавонистем ва бо кӯмаки фаъолонаи ҷомеаи ҷаҳон ба мо муяссар гашт, ки ба ҷанги дохилӣ хотима дода, сулҳу созгорӣ ва адолатро дар мамлакат барқарор созем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# КОРРУПСИЯ МОНЕИ РАВАНДИ РУШДИ УСТУВОРИ ДАВЛАТ МЕГАРДАД

***Ҳакимзода Қурбон – Раиси вилояти Хатлон***



Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ таҳти сарварӣ ва роҳнамоии бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ дар ин самт оғоз намуд.

Ҷойи шубҳа нест, ки коррупсия аз ҷумлаи хатарҳое мебошад, ки метавонад ба раванди рушди устувори давлат монеа гардад ва ба эътибору обрӯи он дар арсаи байналмилалӣ таъсири манфӣ расонад. Барои мубориза бо ин зуҳуроти номатлуб бо заҳмату талоши Пешвои миллат ҳоло дар кишвар тамоми заминаҳои ҳуқуқӣ ва ташкилӣ ба вуҷуд оварда шудаанд.

Давлат ва Ҳукумати мамлакат аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ мубориза бо коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки фаъолияти худ қарор дода, дар самти ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои муқовимати самаранок ба ин зуҳурот як силсила тадбирҳои заруриро амалӣ гардонид.

Таъсиси ниҳоди махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия яке аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия мебошад, ки вазифаи он аз назорати истифодаи дуруст ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, амволи давлатӣ, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, манфиатҳои давлат ва ҷомеа иборат мебошад.

Вазифаҳои мақомоти мубориза бар зидди коррупсия муҳимму мураккаб буда, кормандони ин ниҳод ба ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлату ҷамъият, ташкилоту идораҳо, таъмини қонуният, ошкор ва пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор равона гардиданд.

Тавре ки Сарвари мамлакат таъкид медоранд, муқовимат бо коррупсия аз кормандони ин мақомот донишу малакаи пухтаи касбӣ ва масъулияти баландро тақозо мекунад. Бино-

Ман аз тақдир ва ҳамаи онҳое, ки ба мо барои ба даст овардани ин мақсади ҳақиқатан бузург дасти ёрӣ дароз карданд, сипосгузорам. Имрӯз онҳоеро ёдовар нашуда наметавонам, ки ҳаёти худро барои истиқрори сулҳу осоиш дар мамлакатамон қурбон карданд. Дар байни мубориззони фидокори сулҳ на танҳо тоҷикон, балки намояндагони мамлакатҳои дигар низ буданд. Онҳо ғаму андӯҳ ва фоҷиаи халқи тоҷикро ҳамчун ғаму андӯҳ ва фоҷиаи худ қабул карданд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

бар ин, кормандони ин ниҳод бояд шахсони пок бошанд, манфиатҳои давлатро аз манфиатҳои шахсӣ боло донанд, даст ба қонуншиканӣ назананд ва барои кормандони дигар мақомоти давлатӣ намуна бошанд. Зеро бидуни доштани чунин сифатҳои неки инсониву касбӣ мо наметавонем дар мубориза бо ин кирдори ҷиноятӣ ба натиҷаҳои дилхоҳ муваффақ шавем.

Муқовимат бо коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, аз иродаи олии сиёсати Роҳбари давлат оғоз мегардад ва татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, бахусус комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вобастагии амиқ дорад.

Ба таъкиди Пешвои муаззами миллат, имрӯз зарур аст, ки барои паст кардани сатҳи коррупсия ҷомеаи шаҳрвандӣ низ дар канор набошад ва барои мубориза бар зидди ин кирдори нангин бо сохторҳои давлатӣ бештар ҳамкорӣ намояд. Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон арзишҳои пуркимати маънавии халқамонро василаи хуби таблиғотӣ барои таҳкими робита миёни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти давлатӣ арзёбӣ кардаанд. «Истифодаи мақсадноки бойигарии маънавии мардуми мо яке аз воситаҳои асосии мубориза бо коррупсия ба ҳисоб меравад, ки шаҳрвандон, бахусус, ҷавононро ба шукру қаноат ва ҳалолкориву меҳнатдӯстӣ ҳидоят менамояд»,– қайд намудан Сарвари давлат зимни суханрониашон дар маҷлиси Шӯрои ҷамъиятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 27 январи соли 2017.

Маҳз натиҷаи чунин ҳамкории натиҷаовару эътимодбахш буд, ки соли 2021 аз ҷониби Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон 301 тафтишу санҷишҳои фаъолияти молиявию хоҷагии корхонаю ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидори давлатӣ ва дигар муассисаҳо гузаронида шуда, ба маблағи умумии 21,7 миллион сомонӣ зарари молиявӣ ошкор карда шудааст, ки аз он маблағи ба буҷет ворид кардашуда зиёда аз 15 миллион сомонӣ ва маблағи аз корхонаҳо барқарор кардашуда зиёда аз 3,5 миллион сомонӣ, инчунин ба буҷет зиёда аз 11,5 миллион сомонӣ маблағ ворид карда шудааст.

Дар ин давра баҳри ҳимояи манфиатҳои давлатӣ, моликият ва амнияти иқтисодии вилоят, инчунин баҳри пурзӯр намудани мубориза бар зидди ришвахӯрӣ, дуздии моликияти давлатӣ бо роҳи азонихудкунӣ ва исрофкорӣ, ва саркашӣ намудан аз супоридани андозҳо 537 адад ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта вобаста ба андоз ошкор карда шудааст, ки 188 ҷиноят вобаста ба замин ва 258 ҷинояташ ҷиноятҳои вазнин мебошад.

Тавре аз Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 бармеояд: «Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад».

Тибқи талаботи қонунгузории мурофиавии ҷиноятӣ муфаттиш ва таҳқиқбаранда вазифадоранд, ки барои ҳамаҷониба ва пурраву холисона тафтиш кардани ҳолатҳои кор тамоми чораҳои пешбининамудаи қонунро анде-

> Ин ҷо дар бораи ҷанбаҳои алоҳидаи чараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон сухан ронда, қайд карданиам, ки муваффақияти он аз бисёр ҷиҳат ба мавҷудияти силсилаи омилҳо вобаста мебошад. Ҷараёни муттаҳид гардидани халқҳо дар назди хавфу хатар ва таҳдидҳои гуногун, баррасии воқеии хавфи муноқишаҳои минтақавӣ аз ҳамин ҷумлаанд, ки ба вазъият ва амнияти на танҳо минтақаҳои алоҳида, балки саросари ҷаҳон таъсир расонда метавонанд.
>
> *Эмомалӣ Раҳмон*

шанд ва ҳамзамон ҳолатҳои ошкоркунанда, сафедкунанда, сабуккунанда, вазнинкунанда ва асосҳои ҷавобгарии айбдоршавандаро муайян намоянд.

Пешвои муаззами миллат дар вохӯрӣ бо кормандони мақомоти мазкур таъкид дошта буданд, ки танҳо бо роҳи ба ҷавобгарии ҷиноятӣ кашидан ва аз озодӣ маҳрум кардани шахсони гунаҳкор тамоми мушкилоти ҷойдоштаро бартараф намудан ғайриимкон аст. Мо бояд тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ дар ҷомеа фазои оштинопазирӣ нисбат ба коррупсияро тақвият бахшем.

Кормандони Агентӣ дар ин самт низ корҳои зиёдеро ба сомон расонида, соли гузашта дар ташкилоту муассисаҳо вохӯриҳо газаронида, дар рӯзномаю маҷаллаҳо даҳҳо мақола ба чоп ва тавассути телевизион баромадҳо ташкил кардаанд.

Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ, тафтиши ҷиноятҳо ва ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ корҳои назарраси дигареро ба анҷом расонида истодаанд, ки талошҳои шоистаи ҳар як корманди мақомот дар ин ҷодаи пуршараф аз ҷониби ҳам давлат ва ҳам аҳли ҷомеа ба хубӣ эҳсос мегардад.

Дар вилояти Хатлон ҷиҳати иҷрои талаботи моддаи 19-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи низоми мақомоти идоракунии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» оид ба масъалаҳои пешгирии коррупсия дар мақомотҳои давлатӣ сохтори назорати дохилӣ ва воҳидҳои корӣ он бо мақсади аз байн бурдани бархурди манфиатҳо ва дигар омилҳои бавуҷудоварандаи ҳолатҳои коррупсионӣ дар хизмати давлатӣ лоиҳаи қарори раиси вилоят оид ба низоми гузаргоҳ ва сохтори назорати дохилӣ ва воҳидҳои корӣ он таҳия ва тасвиб шудааст. Ҳамзамон дар доираи нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020, бо қарори раиси вилояти Хатлон аз 7 марти соли 2017, №61, Барномаи дохилиидоравии (соҳавии) зиддикоррупсионии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ба тавсиб расонида шуда, барои иҷро ба мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва ташкилоту идораҳои вилоятӣ ирсол гардид.

Доир ба таъмини иҷрои Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020 қарори раиси вилояти Хатлон аз 23 сентябри соли 2013, №213 қабул ва Нақшаи чорабиниҳои дохилиидоравии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят тасдиқ гардидааст.

Дар вилоят бо мақсади ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ, бахусус ҷавонон, бо ташаббуси шуъбаю бахшҳои дастгоҳи раиси вилоят ва шаҳру ноҳияҳо гурӯҳҳои таблиғотӣ таъсис дода шуда, тибқи речаи тасдиқнамудаи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ дар ташкилоту идораҳо, муассисаю корхонаҳо ва ҷамоатҳои шаҳраку деҳот мунтазам вохӯриҳо доир мегарданд.

Бо мақсади ташаккул додани муҳити оштинопазир ба зуҳуроти коррупсионӣ, тарғиб намудани фазилатҳои неки инсонӣ, аз қабили ҷавонмардӣ ва дар руҳияи ватандустӣ тарбия кардани аҳли ҷомеа, тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ баланд бардоштани эътимоди ҷомеаи шаҳрвандӣ нақшаи муштараки пешбурди корҳои маърифатию тарғиботӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия дар байни аҳолӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ омода карда шуда, дар якҷоягӣ бо мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар вилоят, ташкилоту муассисаҳо, корхонаву идораҳои вилоят чорабиниҳои муштарак, мулоқоту вохӯриҳо, семинару

> Мо ҳамон солҳо ҳис мекардем, ки халқамон бо фалокати ба сараш омада танҳо гузошта нашуд. Баръакс, мамлакатҳое, ки аз Тоҷикистон фарсаҳҳо дур буданд, барои тадриҷан ва қадам ба қадам ба ҳамдигар наздик шудани тарафҳои муқобили тоҷикон кӯшиш ба харҷ доданд.
>
> *Эмомалӣ Раҳмон*

конференсияҳо, мизҳои мудаввар, мақолаҳо ва гузоришҳои таҳлилию хусусияти пешгирикунанда нашр шудаанд, ки дар ин мақолаю гузоришҳо сабабу шароити сар задани ҷиноятҳои коррупсионӣ, роҳҳои бартараф ва пешгирии ин ҷиноятҳо, мухтавои қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон дода шудаанд.

Бо мақсади пешгирии ҳолатҳои хароҷоти ғайриқонунии маблағҳо, вайронкунии интизоми молиявӣ, натиҷаҳои санҷишҳои молиявии аз тарафи Палатаи ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Агентии назорати давлатии молиявӣ гузаронидашуда мавриди таҳлил ва баррасӣ қарор дода шуда, шахсони ба камбудиҳо роҳдода муҳокима ва нисбаташон чораандешӣ карда шудааст. Аз ҷумла дар ин давра аз тарафи Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят ва Палати ҳисоби Ҷумҳурии Тоҷикистон дар 12 шаҳру ноҳия санҷишҳои молиявӣ гузаронида шуда, ба маблағи 10 353,8 сомонӣ зарари молиявӣ ошкор намуд.

Дар сомонаҳои вилояти Хатлон маводҳо дар бораи фаъолияти Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ҷойгир карда шуда, инчунин дар сомонаи www.khatlon.tj саҳифаи алоҳида кушода шудааст. Китобхонаи вилоятӣ ва филиалҳои он дар шаҳру ноҳияҳои вилоят пайваста дар байни хонандагон адабиёти мазмунан баланди мафҳуми зиддикоррупсионӣ доштаро бо шаклу усулҳои ҷолиб васеъ тарғиб менамоянд.

Ҷиҳати пурзӯр намудани мубориза бар зидди коррупсия ва аз байн бурдани омилҳое, ки барои содир кардани амалҳои коррупсионӣ боис мегарданд, ташкилотҳои ҷамъиятӣ низ ҷалб гардида, бахри таъмини иҷрои муқарароти Стратегияи болозикр ва барномаҳои давлатӣ доир ба муқовимат бо коррупсия дар байни кормандони сохторҳои низомӣ тибқи нақшаи таҳиягардидаи комиссариати ҳарбии вилоят дар ҳамкорӣ бо Комиссияи даъватии вилоят ва шаҳру ноҳияҳо бо кормандони комиссариатҳои ҳарбии ноҳияҳои Шаҳритус, Қубодиён, Носири Хусрав, Панҷ, Ҷайҳун, Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Ёвон, Хуросон, Норак, кормандони комиссариатҳои ҳарбии минтақаи Кӯлоб ва ҳайати фармондеҳии қисмҳои ҳарбии дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳои вилоятбуда дар мавзуъҳои «Омӯзиши муқовимат бо коррупсия», «Сиёсати зиддикоррупсионии давлат», «Стандартҳои байналмилалии мубориза бо коррупсия ва пешгирии он» вохӯриҳои судманд гузаронида шуд.

Бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз 12 декабри соли 2014, №961 «Низомномаи комиссияи ҷамъиятии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон оид ба пешгирии коррупсия», нақшаи чорабиниҳои комиссияи ҷамъиятӣ иборат аз 14 банд ва ҳайати комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон иборат аз 16 нафар, дар асоси талаботи замимаи Низомномаи намунавӣ тасдиқ карда шудааст.

Инчунин бо мақсади тақвияти фаъолияти Комиссияи ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ҳайати комиссия бо қарори Маҷлиси вакилони халқи вилояти Хатлон аз 20 декабри соли 2018, №619 дар таҳрири нав аз 19 нафар тасдиқ карда шудааст.

Комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсия дар назди мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои вилоят

Ташкили қувваҳои дастаҷамъии посдори сулҳи Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар ҳайати ҷузъу томҳои низомии Русия, Қазоқистон, Қиргизистон ва Ӯзбекистон, миёнаравиҳои фаъолонаю самарабахши Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амнияту ҳамкории Аврупо, Созмони конфронси исломӣ, Кумитаи байналхалқии Салиби Сурх, кӯмакҳои башардӯстонаи бисёр мамлакатҳо ва созмонҳои байналхалқию ғайриҳукуматӣ барои бартараф сохтани муноқишаи тоҷикон нақши муҳим бозиданд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

низ таъсис дода шуда, фаъолият доранд. Ҷаласаҳои комиссия тибқи талаботи Низомнома соле ду маротиба гузаронида шуда, дар онҳо масъалаҳои муҳими муқовимат бо коррупсия мавриди муҳокима ва баррасӣ карор дода шуда, вобаста ба масъалаҳои баррасишаванда қарорҳои дахлдор қабул карда мешаванд.

Бо мақсади ба вуҷуд овардани фазои зиддикоррупсионӣ дар байни аҳолӣ ва ташаккул додани муҳити оштинопазир ба зуҳуроти коррупсионӣ, тарғиб намудани фазилатҳои неки инсонӣ, аз қабили ҷавонмардӣ ва дар рӯҳияи ватандӯстӣ тарбия кардани аҳли ҷомеа, тавассути корҳои фаҳмондадиҳӣ баланд бардоштани эътимоди ҷомеаи шаҳрвандӣ, нақшаи муштараки пешбурди корҳои маърифатию тарғиботӣ оид ба масъалаҳои муқовимат ба коррупсия дар байни аҳолӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ омода карда шудааст.

Қобили зикр аст, ки мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон хизматҳои кормандони ин мақомотро ҳамеша эҳсос намуда, қадрдонӣ мекунад ва ҷиҳати беҳтар намудани шароити кору хизмат, баланд бардоштани сатҳи ҳифзи иҷтимоии ҳаёти шахсӣ ва тақвият бахшидани заминаҳои моддиву техникии онҳо тадбирҳои муассир меандешад. Тайи солҳои охир ба ин мақсад аз ҳисоби буҷети маҳаллии вилоят ба сохторҳои мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия беш аз 150 ҳазор сомонӣ маблағгузорӣ карда шудааст.

Сокинони Хатлонзамин эътимод доранд, ки кормандони мақомоти мубориза бо коррупсия манфиати давлату миллат ва обрӯи касбии худро муқаддас дониста, минбаъд низ риояи бечунучарои қонуният ва иҷрои талаботи интизоми хизматиро дар сафҳои худ тақвият мебахшанд ва дар таҳкими волояти қонун, ҳимояи дастовардҳои мардуми кишварамон саҳми арзанда гузошта, ҳомии боэътимоди халқу Ватан будани худро собит менамоянд.

Бо итминон метавон гуфт, ки имрӯз Тоҷикистон ба ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ва фароҳам овардани заминаҳои мусоид барои муқовимати самаранок ба ин зуҳурот муваффақ шудааст.

Вазъияти дигари муҳиме, ки ба ҷараёни истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон таъсир расонд, ҳамин буд, ки Афғонистон, Ҷумҳурии Исломии Эрон, Федератсияи Русия, Ҷумҳурии Исломии Покистон, Ҷумҳурии Қазоқистон, Ҷумҳурии Қирғизистон ва Туркманистон имкон доданд, ки дар қаламрави онҳо давраҳои навбатии гуфтушуниди тарафҳои ба ҳам муқобили тоҷик гузаронида шаванд, зеро бо сабабҳои гуногун дар худи Тоҷикистон гузаронидани чунин гуфтушунидҳо имкон надошт.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ТОҶИКИСТОН – САРЗАМИНИ СУЛҲУ СУБОТ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

***Аҳмадзода Раҷаббой – Раиси вилояти Суғд***



Шукри ин рӯзгори босаодат, шукри меҳани маҳбубу ба ҷон баробар, ки имрӯз дар оғӯши гарму босафои он қарор дорем. Ин ҳама шукӯҳу шаҳомат, рӯзгори осуда аз файзу баракати ваҳдатест, ки дар саргаҳи он Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор доранд. Таҷаллии рӯзгори босафо, хандаҳои беғаши тифлони хушиқбол, суруру ангезаҳои шодмонии ҷавонони саодатёру шукуфтанҳои кишвар ин ҳама аз дурахши шуълаҳои офтоби Ваҳдат аст. Шукронаи афзуни Ваҳдат, шуълаи ормони ҳар як фарди поквиҷдон ва адолатпарвар, ки дар якдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, муҳаббат ба Ватан-Модар, посбони сулҳу субот, пойдорӣ, дӯстиву рафоқат эҳтироми арзишҳои миллӣ ифода меёбанд.

Арзишмандтарин дастоварде, ки тайи солҳои Истиқлолият мардуми кишвари мо ба он соҳиб шуд, ин расидан ба Ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, ҳамдигарфаҳмӣ аст ва мардум ин санаи мубораку таърихиро бо башорати некаш гиромӣ медоранд. Ба имзорасии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон барои халқи азизи кишвар ин рӯзи саид, фирӯз, ваҳдату нусрат маҳсуб меёбад. Ваҳдате, ки тавассути кӯшиши бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба даст омадааст, пеши роҳи нобудии кишвари моро гирифт, собит намуд, ки мардуми соҳибназари кишвар ба ҳалли душвортарин мушкилиҳо қодир мебошанд ва моҳияти падидаҳои замонро сари вақт ва ба хубӣ идрок менамоянд.

Бар асари ҷанги шаҳрвандӣ солҳои 1992–1997 ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ се баробар ва маҳсулоти кишоварзӣ ду баробар коҳиш ёфт. Ҳукумати мамлакат бо вуҷуди имкониятҳои ниҳоят маҳдуди молиявию иқтисодӣ ба андешидани тамоми тадбирҳои зарурӣ барои рафъи мушкилоти он рӯзҳо оғоз намуд. Яъне, замоне, ки ҳанӯз ҷангу даргириҳо дар минтақаҳои алоҳидаи кишвар идома доштанд, мо дар баробари ба Ватан баргардонидани гурезаҳо, муҳайё кардани шароити зиндагӣ ва ҷойи кор барои онҳо ҳамаи саъю талоши худро ба ҳалли масъалаҳои баркарор-

Ман аз фурсати мусоид, инчунин ҳузури намояндагони бисёр мамлакатҳо ва созмонҳои байналхалқӣ истифода бурда, аз номи халқи Тоҷикистон ба давлатҳо, созмонҳои байналхалқӣ ва ҳамаи онҳое, ки дар истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ.

*Эмомалӣ Раҳмон*

созии иқтисоди фалаҷгардидаи кишвар сафарбар сохтем ва пастравии иқтисоди миллиро боздошта, танҳо соли 2000-ум ба марҳалаи рушд ворид шудем,-зикр доштанд Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ, Президенти мамлакат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар маҷлиси ботантана ба ифтихори 30-солагии Истиқлолияти давлатӣ.

Ба даст овардани Ваҳдати миллиро, бешубҳа, метавон ҳамчун самараи талошҳои хурду бузурги Ватани азизамон маънидод кард ва маҳз ба ҳамин хотир ҳар яки мо вазифадорем, ки онро мисли гавҳараки чашм нигаҳдорӣ намоем. Ба ин маънӣ, меъмори сулҳ, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нақши Ваҳдати миллӣ дар рӯзгори мо баҳои баланд дода, таъкид карданд, ки Ваҳдати миллӣ ва таҷрибаи сулҳофаринии тоҷикон аз ҷумлаи сабақҳои басо арзишмандест, ки ҳам дар дохили кишвар ва ҳам дар сатҳи ҷаҳонӣ мавриди қабулу омӯзиш қарор гирифт. Он барои амалӣ гардидани ормонҳои халқамон, ки бо қалби пур аз умед интизори оромӣ ва дӯстиву ҳамдигарфаҳмӣ буданд, заминаи воқеӣ гардид. Барқарорсозии сулҳ ва Ваҳдати миллӣ Истиқлолияти Тоҷикистонро боз ҳам таҳкиму тақвият бахшид ва ҳукумати кишвар имкон пайдо кард, ки ба татбиқи барномаи ислоҳоти иқтисодӣ шуруъ кунад. Бо ин мақсад ислоҳоти фарогири иқтисодӣ дар тамоми соҳаҳо оғоз гардида, ҷиҳати барқарор ва мукаммал гардонидани низоми идоракунии давлат, дигаргунсозиҳои сохторӣ, таъмини гуногуншаклии моликият, фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкориву сармоягузорӣ, ташаккул додани низоми миллии буҷету андоз ва пуливу қарзӣ, рушди соҳаҳои воқеии иқтисод ва инкишофи бахши иҷтимоӣ тадбирҳои самарабахш андешида шуданд. Дар ин раванд таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқавории кишвар ҳамчун ҳадафҳои стратегии миллӣ, киояндаи Тоҷикистон ба амалӣ гардидани онҳо вобаста буд, муайян гардиданд.

Маҳз татбиқи ҳадафҳои зикршуда ва амалӣ гардонидани афзалиятҳои пешбинигардида имкон дод, ки дар 20 соли охир суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида,даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000-ум то 27, 6 миллиард сомонӣ дар соли 2021 афзоиш дода шавад. ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра аз 289 сомонӣ то 9 000 сомонӣ расида, беш аз сӣ баробар зиёд гардид.

Дар ҳамин замина, бо эҳтимоми Пешвои миллат дар соҳаи кишоварзӣ гузаронидани таҷдиди сохтор, ба соҳибаш-деҳқон супурдани замин, ба мардуми деҳот тақсим намудани 50 ҳазор гектар ва сипас 25 ҳазор гектар замин имконият фароҳам овард, ки сокинони деҳот соҳиби замин ва заминҳои президентӣ гарданд ва худ барои рӯзгорашон зироат кишт кунанду маҳсулот рӯёнанд. Аз он рӯзҳо ҳарчанд солҳо гузаштаанд, мардум бо меҳр дар замини президентии ҳадякардаи Пешвои худ зироат мекоранду аз пайи беҳбуди зиндагии хеш мешаванд. Ин раванд маҳз имрӯз, ки бархе кишварҳоро бӯҳрони амиқи озуқаворӣ фаро гирифтааст, ба мардуми кишвар, аз ҷумла вилояти Суғд имкон фароҳам овард, ки дар заминҳои президентӣ, қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ зироат кишт намоянд ва ҳатто, давоми сол аз як замин чанд маротиба ҳосил бардоранд.

Истиқлолият ва Ваҳдат барои халқу миллати тоҷик нишони барҷастаи пойдории давлат, бақои симои миллат, рамзи асолату ҳувият, мазҳари ормонҳои таърихӣ, шиносномаи

Дар бисёр ҷамъомадҳои байналхалқӣ, аз ҷумла ҷамъомадҳое, ки дар доираи Созмони Милали Муттаҳид баргузор гардиданд, бисёр олимони мӯътабар на як бору ду бор таъкид карданд, ки таҷрибаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар мамлакати мо барои истифода дар минтақаҳои дигари сайёра, чи барои иштирокчиёни муноқиша ва чи барои кӯшишҳо ва тадбирҳои миёнаравию эҳёи сулҳ ҳамчун қоидаи умумӣ хизмат карда метавонад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

байналмилалӣ ва шарафу эътибори ба ҷаҳони мутамаддин пайвастани кишвари тоҷикон мебошад.

Дар Паёми дар соли сисолагии соҳибистиқлолӣ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ироанамудаи хеш Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои муаззами миллат, Президенти мамлакат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марҳилаи тайкардаи халқи тоҷикро дар даврони Истиқлол ҷамъбаст намуда, ҳадафи тараққиёти ояндаи кишварро таъкид ва соли ҷашн, яъне имсолро соли гиромидошти ин падидаи сиёсӣ, пурфайз ва бобаракат эълон намуданд.

Зимни сафари кории худ ба вилояти Суғд дар рӯзҳои ҷашни фархундаи мамлакат-моҳи октябри соли 2021-ум Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти иқтисодиву иҷтимоии вилоятро баҳогузорӣ намуда, аз ҷумла зикр карданд, ки соҳаи саноати вилоят яке аз қисмҳои муҳими саноати кишвар буда, дар даврони соҳибистиқлолӣ дар бахшҳои мухталифи он иқтидорҳои бузурги истеҳсолӣ, аз ҷумла дар соҳаҳои саноати сабук, комплекси сӯзишвориву энергетикӣ, кимиё, мошинсозӣ ва маснуоти электротехникӣ, истихроҷу коркарди маъдан, истеҳсоли масолеҳи сохтмон, саноати мудофиа ва коркарди маҳсулоти кишоварзӣ ташаккул ёфтаанд. Дар натиҷаи истифодаи иқтидорҳои мавҷуда ва таъсиси корхонаҳои нав ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатии вилоят аз 1,5 миллиард сомонии соли 1995 то ба 15,6 миллиард сомонӣ дар соли 2020 афзоиш ёфта, ҳиссаи он дар истеҳсоли маҳсулоти саноатии кишвар ба 51 фоиз расидааст. Танҳо дар даҳ соли охир дар ҳудуди вилоят 496 корхонаи нави саноатӣ, аз ҷумла 198 корхонаи саноати хӯрокворӣ бо қариб 15 ҳазор ҷойи кории нав бунёд ва ба истифода дода шудааст. Ин баҳои баланди муҳтарам Ҷаноби Олӣ дар тантанаҳои ҷашни ҳумоюнии кишвар боиси рӯҳбаландии бузурги саноатчиёни вилоят гардида, онҳоро ба иқдомҳои неки нав ба нав ҳидоят намуд ва ҷамъбасти семоҳаи аввали соли равон собит сохт, ки ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти саноатӣ ба 5,4 миллиард сомонӣ ва суръати афзоиш бо назардошти индекси нархҳо ба 122,5 фоиз расонида шуд. Яъне дар семоҳаи аввали соли 2022-юм ҳиссаи вилоят дар маҷмуи маҳсулоти саноатии ҷумҳурӣ ба 57,2 фоиз расонида шуд. Мувофиқи дурнамо имсол ба истифода додани 145 корхонаву коргоҳҳои нави саноатӣ бо 2 904 ҷойи нави корӣ пешбинӣ гардида, дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда давоми се моҳи соли равон дар микёси вилоят 40 корхонаву коргоҳи нав бо 1 677 ҷойи нави корӣ ба фаъолият шуруъ намуданд.

Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин бобати соҳаи роҳу нақлиёти вилояти Суғд сухан карда, изҳор доштанд, ки дар солҳои соҳибистиқлолӣ ба ин соҳа аз ҷониби ҳукумати мамлакат 6 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ татбиқ гардида, 450 километр роҳҳои дорои аҳамияти байналмилалӣ, 71 пул ва 2 нақби мошингузар сохта, ба истифода дода шуд. Ҳоло дар ҳудуди вилоят боз 3 лоиҳаи сармоягузории давлатӣ амалӣ шуда истодааст, ки дар доираи онҳо вақтҳои наздиктарин 33 километр роҳҳои дорои аҳамияти байналмилаливу ҷумҳуриявӣ сохта ба истифода дода мешаванд.

Инчунин бобати соҳаи кишоварзии вилоят зикр намуданд, ки тайи солҳои соҳибистиқлолӣ соҳаи кишоварзӣ низ бомаром тараққӣ карда, ҳаҷми истеҳсоли маҳсулот 2,3 баробар афзудааст ва соли 2020 ба 12 миллиард сомонӣ баробар гардидааст.

Дар ҳамин замина ҷоиз ба зикр аст, ки тибқи дастуру ҳидоятҳои Ҷаноби Олӣ оид ба афзун намудани майдони кишти ин зиро-

Бо назардошти умумияти омилҳои на танҳо забонӣ, таърихӣ ва фарҳангӣ, балки қаробат ва шабоҳати бисёр ҷанбаҳои вазъияти имрӯзаи Афғонистон, чӣ тавре ки чанд сол пеш дар Тоҷикистон буд, имконияти истифодаи ин таҷриба аз тарафи ҳамсояи ҷанубии мо чандин баробар бештар мегардад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

ат дар зарфи даҳ соли охир танҳо соҳаи картошкапарварӣ чанд маротиба пеш рафт. Масоҳати кишти он ҳазорҳо гектар зиёд шуда, миқдори умумии ҳосили картошка дар вилоят аз 500 ҳазор тонна гузашт ва талаботи бозори дохилиро пурра таъмин кард. Нерӯи содиротии хоҷагиҳои деҳқонӣ ва инфиродӣ афзуда, ҳар сол ба мамолики дуру наздик садҳо ҳазор тонна пиёз, сабзӣ, карам, меваи тару тоза, ҳазорҳо тонна хушкмева содирот мегардад. Баробари ин ташкили боғҳои миллӣ дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, хоҷагиҳои махсуси зотпарварию тухмипарварӣ, ривоҷи фаъолияти корхонаҳои зиёди парандапарварӣ соҳаи кишоварзиро ба соҳаи сердаромад табдил доданд. ҳоло садҳо гармхонаву боғҳои махсуси интенсивӣ ва суперинтенсивӣ, корхонаҳои коркарди маҳсулоти кишоварзӣ, ҳавзҳои моҳипарварӣ, фермаҳоибо технологияи замони муосир таҷҳизонидаи мурғпарварӣ, ривоҷи занбӯрпарварӣ баробари дастархони мардумро пуранво кардан ба буҷаи вилояту мамлакат миллионҳо сомонӣ даромади соф меоваранд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ дар вилоят якчанд корхонаи сементбарорӣ, аз ҷумла «Хуаксин Ғаюр Суғд семент» дар шаҳрҳои Хуҷанду Панҷакент, Гулистону ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бунёд гардида, соли 2020 истеҳсоли ин намуди муҳими масолеҳи сохтмон ба 1,3 миллион тонна расонида шуд. Иқтидори солонаи истеҳсоли ин коргоҳҳо хеле бузург буда, баробари талаботи тамоми муассисаҳои бинокорӣ ва ташкилотҳои сохтмониву аҳолии мамлакатро пурра таъмин намудан барои содирот низ шароити мусоид фароҳам меоварад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ барои рушду такомули маориф ҳамчун соҳаи афзалиятнок эътибори ҷиддӣ равона гардида, дар вилояти Суғд дар зарфи даҳ соли охир биноҳои нави Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров, Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес ва сиёсати Тоҷикистон, Донишкадаи политехникии Донишгоҳи техникии Тоҷикистон ба номи академик Муҳаммад Осимӣ ба истифода дода шуданд. Танҳо соли хониши 2020–2021 дар қаламрави вилоят зиёда аз чиҳил адад мактаби миёна, кӯдакистонҳои нав бунёд гардиданд, ки ин нишонаи пешрафти соҳа мебошад.

Дар доираи омодагиҳо баҳри истиқболи сазовори ҷашни фархундаи 30-солагии Истиклолияти давлатӣ бо эълон намудани 1 300 – рӯзи меҳнати зарбдор ба истиқболи 30-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар қаламрави вилоят бунёди беш аз 7 570 иншооти таъиноти гуногун ба нақша гирифта шуда, дар амал бошад, бештар аз 8 100 иншоот, аз ҷумла муассисаҳои маориф, нигаҳдории тандурустӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, биноҳои истиқоматӣ бунёд ва ба истифода супурда шуданд, ки ин ифодагари дастгирии ҳамаҷонибаи сиёсати Сарвари давлат будани сокинони вилоят, ифодаи меҳру муҳаббати беандозаи мардуми вилоят ба сарзамини худ, ба арзишҳои олии он, саҳмгузорӣ дар рушду шукуфоии Ватани маҳбуб мебошад. Дар ин маврид месазад дар бобати ҳиссаи шоистаи соҳибкорон сухан кард, ки бо эҳсоси баландии ватандорӣ даҳҳо таълимгоҳ, муассисаи томактабӣ, бинои истиқоматӣ, майдон ва толори варзишӣ, майдонча барои бозии кӯдакон ва дигар иншоот бунёд намуданд.

Инак, сӣ сол аст, ки Тоҷикистони азизи мо дар фазои сулҳу Ваҳдат дар иҳотаи кишварҳои мутамаддини ҷаҳон бо ифтихор, бо шаъну шараф ва эътимоди пойдор ба оояндаи дурахшони худ гом мезанад. Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон масъулияти томро дар назди таърих, мардум, Ватан ва ҷомеаҳои ҷаҳонӣ ба дӯш гирифта, роҳи асосии рушди мамлакатро муайян карданд,

Ман ин ҷо пеш аз ҳама қайд карданиам, ки омили муҳимтарини ҷараёни истиқрори сулҳ хоҳиш ва азми қатъии тарафҳои ба ҳам муқобили тоҷик буд. Ба ақидаи ман, бе мавҷудияти омили мазкур бартараф сохтани ягон муноқиша имконпазир нест.

***Эмомалӣ Раҳмон***

ки бо ин роҳ имрӯз мардуми шарафманди кишвар пеш мераванд.

Таърих гувоҳ аст, ки муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон меъмори аввалин давлати миллии дунявии тоҷикон буда, он дар асоси мардумсолорӣ ва беҳтарин арзишҳо ва бо такя ба суннат ва анъанаҳои миллии мо бунёд ёфтааст.

Бошад, ки дар фазои сулҳу Ваҳдат бо раҳнамоии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон созандагиву бунёдкорӣ дар кишвари мо пойдор, файзу баракат, ободиву осоиш насиби ҳар як хонадони тоҷик гардад.

Ба ақидаи мо, Созмони Милали Муттаҳид дар ҷараёни муноқишаи тоҷикон таҷрибаи нав андӯхт, ки аз амалиёти классикии эҷоди сулҳи он ба куллӣ фарқ мекунад. Ин пеш аз ҳама ба фаъолияти Созмони Милали Муттаҳид дар бобати ҳамаҷониба ҳамоҳанг сохтани ҷидду ҷаҳди мамлакатҳои алоҳида, истифодаи имкониятҳои созмонҳои минтақавӣ ва байналхалқӣ дар ҷанбаҳои алоҳидаи амалиёт алоқаманданд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ОМИЛҲОИ МУҚОВИМАТ БО КОРРУПСИЯ

***Муқимӣ Раҳимҷон Набизода – Раиси ноҳияи Рашт***



Падидаи коррупсия таърихи тӯлонӣ дошта, яке аз омилҳои асосии таназзули раванди иқтисодиву иҷтимоии ҷомеа ба ҳисоб меравад. Дар тӯли таърих коршиносон алайҳи омили мазкур бо мақсади таъмини адолати иҷтимоӣ ва пешгирии ҳолатҳои қонуншиканӣ бо роҳу усулҳои гуогун, аз ҷумла таҳия, қабул ва тасдиқи қонунҳо, стратегияҳо ва дигар навъҳои санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ мубориза бурдаанд. Коррупсия шояд дар ҳар як ҷамъият вуҷуд дошта бошад, вале он дар баъзе давлатҳо ба таври васеъ паҳн гардидааст.

Дар замони ҷаҳонишавӣ яке аз мушкилоти асосие, ки имрӯз ҷомеаи ҷаҳониро ба ташвиш овардааст, ин зуҳур ва пайомаду оқибатҳои аъмоли хусусиятҳои коррупсионидошта маҳсуб мешавад, ки барои дуруст амалӣ гардондани салоҳияти дилхоҳ мақомоти давлатӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон монеаҳои асосиро эҷод менамояд. Муқовимат бо коррупсия қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва татбиқи як зумра санадҳои меъёриву ҳуқуқии танзимкунанда аз ташаббуси олии сиёсии роҳбарияти давлат мебошад. Самаранокии муқовимат бо коррупсия аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардонии он вобастагии зич ва ногусастанӣ дорад.

Бояд тазаккур дод, ки мафҳуми «коррупсия» (аз лотини corruptio – вайрон кардан ва харида гирифтан) дар ибтидо амалҳои ашхосеро, ки ҳадафашон вайрон сохтан, халал расондан ба рафти муътадили мурофиаи судӣ ва ё раванди идоракунӣ ба корҳои ҷомеа буд, ифода мекард [1, с.102–108]. Минбаъд мардум зери мафҳуми «коррупсия» харидани шахсони мансабдори воломақом ва истифодаи имкониятҳои хидматӣ ба манфиатҳои шахсиро мефаҳмидагӣ шуданд. Тамоюли ташаккули мафҳуми ҳозираи коррупсия дар таърихи тамаддуни башар якчанд ҳазорсоларо дар бар мегирад [1, с.102–108].

Ба ақидаи муҳаққиқон, аломатҳои нахустин дар бораи падидаи номатлуби коррупсия дар бойгониҳои Мисри қадим ба чашм мерасад. Ҳарчанд дар баъзе аснод сабт шудааст, ки гӯё суди Миср тантанаи ҳақиқату адолат буд, вале дар асл судҳо қаллобию ришвахӯрии зиёд мекарданд. Ҳамин тариқ, нишонаҳои коррупсия дар қонунҳои Ҳаммурапӣ дида мешавад [1, с.102–108]. Мувофиқи қонунҳои Ҳаммурапӣ ришвагирандаву ришвадиҳанда ба қатл ҳукм мегардид.

Дар ҷараёни истиқрори сулҳ дар мамлакати мо ҷидду ҷаҳди созмонҳои гуногун танҳо бо мақсади истиқрори сулҳу осоиш муттаҳид ва ҳамоҳанг гардонда шуданд.

***Эмомалӣ Раҳмон***

Ба ақидаи олими машҳури рус К. Сонин (мактаби иқтисодии русӣ) дар соли 1930-юм дар ИҶШС коррупсия мавҷуд набуд. Назарияи иқтисодӣ кайҳо эътироф намудааст, ки вобастагии бизнес аз қарори ҳокимият хусусияти бозоргонии иқтисодиётро вайрон ва самараи онро кам менамояд, ки ин ба ҷамъият умуман таъсири манфӣ мерасонад. Эътирофи коррупсия ба ҳайси вайронкунандаи иқтисодиёт боиси қабул гардидани як қатор қонунҳои зидди коррупсия гардид. Соли 1977 дар ИМА Қонун «Дар бораи коррупсия» қабул гардид. Қонуни мазкур соҳибкоронро барои бевосита ва ё ба воситаи додани пул ё ин ки дигар тухфаҳо ба хизматчиёни давлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ бо мақсади расонидани таъсир ба ҷараёни қабули қарор ба манфиати соҳибкорон манъ намудааст. Аксари муҳаққиқони муосир бар он ақидаанд, ки коррупсия ё бар истилоҳи тоҷикӣ «фасод» ва «ришваситонӣ» дар ҷамоҳири Иттиҳоди Шӯравӣ, аз ҷумла кишвари мо натиҷаи ҳузнангези даврони баъдишӯравӣ ва сиёсати ниҳоиву ихтилофнопазири он мебошад.

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шӯравии Сотсиалистӣ ва соҳибистиклол гардидани Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати аз нав сохтани тамоми пояҳои ҳуқуқии сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва маданӣ ба миён омад. Паҳншавии коррупсия дар фазои иқтисодии фаъолияти соҳибкорӣ бо арзи вуҷуд кардани тавлиди шаклҳои муосири танзими давлатии иқтисодиёт, ба монанди литсензиякунонӣ, бақайдгирии давлатӣ, сертификатсиякунонӣ, қарздиҳӣ, имтиёзҳо, озмунҳои хусусигардонӣ, хариди моликияти давлатӣ, ҷойгиркунии фармоишҳои давлатӣ ва ғайра алоқаманд мебошад. Яъне аз як тараф омилҳои болозикр агар барои рушди соҳаҳои соҳибкорӣ ва дар маҷмуъ ҷиҳати баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум мусоид бошад, аз тарафи дигар назорат ва пешгирии ҳолатҳои коррупсионӣ масъулияти баланди сохторҳои давлатиро тақозо менамояд. Ин фишангҳо дар сурати танзими қонунии ҳамаҷонибаи худро наёфтан, барои реша давондани коррупсия шароити боз ҳам мусоидро ба миён меоранд.

Вобаста ба ин, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намудаанд: «Чунин як навъ падидаи номатлуб ҳамчун коррупсия дар пешравии ҷомеаи мо яке аз монеаҳои ҷиддӣ ба ҳисоб меравад». Маълум аст, ки дар шароити кунунӣ мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии сабабу омилҳои он дар Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати пешгирифтаи давлат ба ҳисоб меравад. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти роҳбарии Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба ин падидаи номатлуб ҳанӯз аз солҳои аввали соҳибистиқлолӣ диққати хоса зоҳир намудааст. Бахусус, аз соли 1999-ум шурӯъ карда, кӯшишҳои зиёде дар самти мубориза бар зидди коррупсия андешида шудааст. Аз ин рӯ, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон заминаҳои қонунӣ ва сохтории мубориза алайҳи коррупсия ба тадриҷ инкишоф ва такмил меёбад.

Равшан аст, ки коррупсия яке аз зуҳуроти хавфноки ҷомеа буда, дар миқёси ҷаҳон ҳамчун ҷинояти вазнин ва яке аз унсурҳои таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ ва халалдоркунандаи рушду суботи иҷтимоию иқтисодии давлат эътироф гаштааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат бо коррупсия гардида, дар сатҳи миллию байналмилалӣ қонунгузории худро вобаста ба ин масъала мустаҳкам намудааст.

Бо мақсади ташкили мубориза бар зидди коррупсия ва андешидани чораҳои зарурӣ дар сатҳи миллӣ, маҷмуи санадҳои

Ҳаминро ҳам таъкид кардан лозим аст, ки истиқрори сулҳ ба фаъолонатар ва самарабахштар гузаронидани ислоҳот мусоидат кард.
*Эмомалӣ Раҳмон*

меъёрӣ-ҳуқуқӣ қабул гардидааст, ки барои кам кардани амалҳои коррупсионӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Аз ҷумла, Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 июли соли 1999, таҳти №1262 «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 декабри соли 1999 «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардида, баъдан 25 июли соли 2005 Қонуни зикргардида бо назардошти ухдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав ба тасвиб расид. Инчунин, бо мақсади иҷрои ухдадориҳои байналмилалӣ ва ислоҳоти идораи давлатӣ, ташаккули низоми шаффофи фаъолияти мақомоти идоракунӣ, сарфа ва истифодаи самараноки маблағҳои буҷетӣ, таъмини рушди устувори иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, таҳти №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Ҷиҳати ба танзим даровардани фаъолияти ин ниҳод ва муайян кардани мансубияти ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта 20 марти соли 2008, таҳти №374 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бар зидди коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шуд. Зуҳуроти коррупсия дар ҳар шакле набошад, боиси заиф шудани сутунҳои давлатдорӣ ва паст гардидани сатҳи некӯаҳволии мардум мегардад ва муқовимат бар зидди ин падида на танҳо вазифаи мақомоти давлатӣ, балки тамоми аҳолии ҷомеа мебошад.

Лозим ба ёдоварист, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон мубориза бо коррупсиро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ ҳанӯз аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ оғоз намуд. Аз ҷумла дар Паёми Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон Пешвои муаззами миллат чунин таъкид намуданд: «коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯйи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норозигиҳои шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад». Дар ҳамин замина лозим ба ёдоварист, ки барои таъмини шаффофияти раванди идоркунӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани намудҳои кирдори коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ кардани чунин амалҳо аз тарафи Ҳукумати мамлакат заминаҳои боэътимоди ташкилию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуданд.

Лозим ба ёдоварист, ки зуҳуроти мазкур боиси ташвиши аҳолии сайёра мебошад . Бо дарки ҷиддияти оқибатҳои хисороти коррупсия ба амнияти иқтисодии давлатҳои ҷаҳон, бо изҳори ташвиш аз воқеияти масъалаҳо ва таҳдидҳои коррупсия барои амният ва суботи ҷомеа, ки арзишҳо ва ниҳодҳои демократӣ, меъёрҳои ахлоқӣ ва адолатро халалдор месозанд, ба руши устувор ва тартиботи ҳуқуқӣ зарар мерасонанд, бо нигаронӣ аз алоқаи байни коррупсия ва шаклҳои дигари ҷинояткорӣ, аз қабили ҷинояткории муташаккилона ва иқтисодӣ, ҳамчунин маблағгузории терроризм, паҳнкунии силоҳи қатли ом ва қонунигардонии маблағҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда, 31 октябри соли 2003 «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» қабул карда шуд, ки дар он принсипҳои асосии мубориза

Мо дар доираи амалӣ сохтани паймонҳои бадастомада дар муддати кӯтоҳ тавонистем, ки парлумони касбии доимоамалкунанда бунёд намоем, ҳол он ки дар шароити дигар барои ин солҳои тӯлонии баҳсу мунозира дар масъалаи мувофиқи мақсад будани он сарф мешуданд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

бо коррупсия, номгӯи чорабиниҳои муҳими зиддикоррупсионӣ, чораҳои пешгирии коррупсия барои давлатҳои иштирокчӣ пешбинӣ шудаанд.

Дар навбати худ 9 декабри ҳамон сол дар шаҳри Меридаи Мексика дар Конфронси сиёсии сатҳи олӣ маросими баимзорасонии ин санади муҳим баргузор гардида, конвенсияи мазкур аз ҷониби аксари давлатҳои ҷаҳон мавриди пазирой қарор гирифт.

Дар ин замина бо ташаббуси Маҷмааи умумии Созмони Милали Муттаҳид 9-уми декбар ҳамчун «Рӯзи байналмиллалии мубориза бар зидди коррупсия» дар тамоми ҷаҳон эълон гардид. Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳонии муқовимат бо коррупсия «Конвенсияи Созмони миллали Муттаҳид зидди коррупсия»-ро 25 сентябри соли 2006 ба имзо расонида, 16 апрели соли 2008 тасдиқ (ратификастия) намуд. Дар ин бобат меъёрҳои қонунгузории кишвар ба талаботи Конвенсияи зикршуда мутобиқ гардонида шуда, дар ин замина чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва барномаву стратегияҳои давлатӣ қабул гардиданд.

Дар баробари ташаккули заминаҳои меъёриву ҳуқуқӣ ва таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза бо коррупсия дар кишвар баҳри пешгирӣ ва муборизаи беамон бо ин падидаи хатарзою фалаҷкунандаи давлату ҷомеа «Стратегияи мубориза бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008», №34, «Стратегияи муқовимат бо коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020 бо фармони Президенти Ҷумухрии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва Нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои давраи марҳилаи якум (солҳои 2021–2025) бо фармони Президанти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 қабул ва тасдиқ гардиданд.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дар давраи амалисозии стратегияҳо барои солҳои 2008–2012 ва 2013–2020 ҷиҳати паст кардани шиддати коррупсия ва баланд бардоштани обрӯву нуфузи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ заминаҳои мусоид фароҳам оварда шуданд.

Чорабиниҳои дар стратегияҳо зикргардида ба меъёр ва принсипҳои қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳлили вазъи ҷиноятҡорӣ ва пешгӯии раванди он, натиҷаҳои таҳқиқоти илмию амалисозии муқовимат бо коррупсия, таҷрибаи амалҳои муштарак, ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шудаанд, асос ёфтаанд.

Маврид ба зикр аст, ки муқовимат бо коррупсия ва коҳиш додани сатҳи он аз бисёр омилҳо ба монанди дастаҷамъӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, савияи баланди донишу маърифати ҳуқуқӣ ва фаъолнокии ҳар як фарди ҷомеа дар муносибати оштинопазир бо ин зуҳурот вобаста аст.

Ба андеши ин ҷониб, ҷиҳати ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар самти муқовимат бо коррупсия дар якҷоягӣ бо тамоми қишрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ бо истифода аз маҷмӯи тарзу усулҳои муосири муқовимат ба ин зуҳуроти номатлуб бояд фаъолият ва корбарӣ намуд.

Халқи мо имрӯзҳо ба оянда бо назари нек ва боварӣ менигарад, зеро таҷрибаҳои аз муковимати шахрвандӣ бадастомада на танҳо ба такрор шудани воқеаҳои гузашта имкон намедиҳанд, балки барои меҳнати осоишта ва бунёдкорона кафолат хоҳанд дод.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ВАҲДАТ – БАҚОИ МИЛЛАТУ ПОЙДЕВОРИ ДАВЛАТ

***Акрамзода Парвиз Акрам – Раиси шаҳри Турсунзода***



Боиси ифтихор ва шукргузорист, ки бо шарофати сиёсати ваҳдатофари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хиради азаливу таҳаммулпазири халқи соҳибтамаддуни тоҷик мо, мардуми шарафманди Тоҷикистон дар фазои сулҳу суботи комил 25-солагии Рӯзи ваҳдати миллиро бо шукӯҳи хоса ҷашн мегирем.

Андешаи Ваҳдати миллӣ ҳамчун ҳадафи асосии сиёсати давлат ва шиори зиндагӣ барои мардум бесабаб набуд. Зеро бар асари нобасомониҳои солҳои охири асри гузашта байни мардуми куҳанбунёду бофарҳанги мо амали нангин ва хатарбори бадбиниву таҳдид ва душманҷӯиву сангаргирӣ доман паҳн намуд, ки оқибат боиси сар задани ҷанги шаҳрвандӣ гардид.

Хушбахтона миллати тоҷик, ки табиаташ аз сифатҳои дӯстиву рафоқат, ватанпарастиву садоқат ва дӯстдории фарҳангу маърифат сиришта шудааст, атрофи Раҳнамову Сарвари маҳбуби халқ-муҳтарам Пешвои миллат муттаҳид гардида, мухолифин аз паси сангарҳои муқовимат паси мизҳои музокират баромада, Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро имзо намуданд. Ба Ватан сулҳи деринтизор омад, аз сулҳу салоҳ ва якдиливу ваҳдат қалби мардум пур аз меҳр ва чароғи бахту саодатва меҳру муҳаббат дар хонадони тоҷик боз мунаввар гардид. Таҷрибаи сулҳи тоҷикон намунаи ибрати давлатҳои даргир гардида, аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ чун падидаи нодири фарҳанги сулҳофар пазируфта шуд. Ин санади сарнавиштсоз давлати тозаистиқлоли моро эҳёи дубора ва умри миллатро бақои ҷовидона бахшид.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ ва 25-соли Ваҳдати миллӣ шаҳри Турсунзода низ дар баробари дигавр шаҳру навоҳии мамлакат рушду нумуъ ва тараққӣ намуда, некӯаҳволӣ ва сатҳи иҷтимоиву иқтисодии мардум сол то сол боло рафт. Асоси дастоварду пешравиҳои мо аз сулҳу ваҳдати миллӣ, инчунин ташрифу ҳидоят ва дастуру супоришҳои созандаи муҳтарам Пешвои миллат ба шаҳри Турсунзода сарчашма гирифта, барои расидан ба натиҷаҳои назаррас ба ҳар як сокини шаҳр илҳоми тоза бахшидаанд.

> Тоҷикистон дар ҷараёни авҷ гирифтани саҳми он дар мубориза ба муқобили терроризми байналхалқӣ ба мамлакате табдил ёфт, ки мавқеи онро бисёр роҳбарони мамлакатҳои ҷаҳон ва созмонҳои байналхалқӣ ба инобат мегиранд.
>
> ***Эмомалӣ Раҳмон***

Аз ҷониби муҳтарам Пешвои миллат дар давраи соҳибистиқлолӣ силсилаи сафарҳои корӣ ба шаҳри Турсунзода ба вуқуъ пайваста, аз қудуми файзбори Роҳбари кишвар дар шаҳр корхонаҳои саноатӣ, муассисаҳои таълимиву табобатӣ, фарҳангию фароғатӣ ва хизматрасонӣ ифтитоҳ гардида, ба рушди иҷтимоиву иқтисодии шаҳр мусоидат намуда, омили зиндагии шоиста сокинон гардидаанд.

Хусусан, барои муаррифии заҳмати кишоварзони шаҳр дастгирии муҳтарам Пешвои миллат бесобиқаву бузург буда, дар баробари сафарҳои кории худ ба боғу токзор ва гармхонаҳои шаҳр, инчунин муҳтарам Пешвои миллат ба як қатор роҳбарони аввали давлатҳои олам ангури шаҳдбори токзори моро муаррифӣ намуда, самараи меҳнати токпарваронро дар арсаи ҷаҳон шуҳратёр гардонидаанд.

Аз ин лиҳоз, ба хотири сазовор гардидан ба боварии муҳтарам Пешвои миллат, ҳифзи дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ аз ҷумла сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва боз ҳам беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии сокинони шаҳр ҳар яки мо вазифадорем, ки минбаъд низ тамоми донишу таҷриба ва саъю кӯшиши худро ба ин роҳи пуршараф сафарбар созем ва бо заҳмати содиқонаи худ шаҳрамонро боз ҳам ободу зебо гардонем.

Бо боварии комил изҳор медорем, ки барои амалӣ намудани чунин раванди неку созанда мардуми меҳнатдӯсти шаҳри Турсунзода ҷиҳати татбиқи пайкори созандаи муҳтарам Пешвои миллат меҳнати содиқонаву пурсамар намуда, барои Ваҳдату пойдории сулҳу суботи мамлакат хизмати содиқона намуда, баҳри фардои шукуфони Ватан ва татбиқи ҳадафҳои стратегӣ тамоми малакаву ғайрати худро сафарбар менамоянд.

Мо дар чунин шароити нави таърихӣ ҳаминро ҳам ба назари эътибор мегирем, ки мароқи ҷаҳониён ба мамлакати мо ва ба тамоми минтақаи Осиёи Марказӣ кам нахоҳад шуд, зеро сабабҳо ва имкониятҳои сар задани муноқиша ҳанӯз пурра бартараф нашудаанд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ВАҲДАТ ВА ОМИЛҲОИ ТАҲКИМУ ТАҚВИЯТИ ОН

***Рудобаи Мукаррам – Раиси Кумитаи иҷроияи Ҳаракати ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон***



Ваҳдат сарчашмаи саодат аст, ки ба мо ҳаёт ва сарзиндагӣ ҳадя мекунад. Ин ҷонмояи ҳастӣ дар ҳилоли таърих ҳамеша ба қудрати безаволи адолат такя намуда, сулҳ, растагорӣ, дустӣ, садоқат, ҳамдилӣ ва тавҳид ҷонмояи ӯ мебошанд. Ваҳдати миллӣ қавитарин рукни давлатдорӣ буда, низоми густурдаи кишвар танҳо аз мавҷудияти ӯ тақвият меёбад.

Аз сарчашмаҳои нақлӣ ва ақлӣ барои мо маълум аст, ки мардуми тоҷик дар гузори асрҳову наслҳо ҳамеша хостори сулҳу оромиш будаанд ва зиндагиро қобили парастиш ва даме аз онро ғанимат дониста ягона ормони алмосии онҳо ин танҳо осоишта зистан дар қаламрави қарини оромиш будаасту халос. Таърих чун шаҳодатдиҳандаи барҳақ аз ин ормони миллии халқи тоҷик ҳамеша гувоҳӣ медиҳад.

*Ваҳдат сапедаҳои самои нишоти мост,*
*Дар рӯйи рӯз шуълаи гарми ҳаёти мост.*
*Ваҳдат паёму нусрати мо дар китоби бахт*
*Ҳар вожааш чу қосиди бахту наҷоти мост.*

Вале зиндагӣ чун раванди давомдор ҳамеша ҳукми хешро дорад. Дар баробари дигар фоҷиаҳои хунбори таърихӣ яке аз маҳзунтарин ва андӯноктарин саҳифаи китоби миллати мо ин ҷанги бародаркушӣ дар Тоҷикистон буд. Дар ҳаракати сиёсии даҳаи навад, неруҳои паси пардагӣ, наҳзатиҳои ҳангоматалаб ва ситезаҷӯ мехостанд давлати воҳиди моро бар ҳам зананд.

Даҳшати ҷанг пеш аз ҳама аз он иборат буд, ки дар он халқи тоҷик ибтикор ва халоқиятро аз даст дод. Зулмати бешуурӣ, ранг бохтани отифа, мурдани ахлоқ, маҳдудияти мафкураи миллӣ, ноумедиву беҳуввиятӣ ва бефарҳангӣ, нодориву ночорӣ пойгоҳи хашму хушунатро зиёд намуд.

Ин ҷанг чун сиёҳтарин сатри авроқи зиндагии мо солҳои тӯлонӣ дар зеҳну ҳуши мо аз худ дарак медиҳад. Зеро дар он даврони саъбу сангин, зи бераҳмиву бе меҳрии ноҷавонмардони дастомӯзи аҳриман, як насли ташнаи зиндагӣ, орзуву ормонашро абадият бо худ ба хок бурд.

Баъдан барои ҳалли проблемаҳои рӯзмарра, ки мамлакатҳои мо дар марҳалаи имрӯзаи тараққиёташон бо онҳо рӯ ба рӯ мегарданд, кӯмаки доманадори байналхалқӣ зарур аст. Дар акси ҳол минтақаи мо ба минтақаи вазъияти доимии муташанниҷ табдил ёфта метавонад.

***Эмомалӣ Раҳмон***

Дар он давроне, ки рӯзгори ҳар як тоҷик фоҷианок буд, халқ ва миллат ба шахсияти комилиродае ниёз доштанд. Зеро зуҳуроти ноумедӣ, бардоштҳои нодуруст аз падидаҳои номатлуби зиндагӣ, афсурдагии рӯҳӣ, гумроҳиҳои сиёсии давлатмардони он даврон, каҷравиҳои эътиқодӣ, мардумро ба дунболи ноумедӣ бурд. Хушбахтона дар он рӯзҳои сахту мотамзо ба мададу наҷоти халқу миллат, ҷавонмарди асил бо номи муборакі Эмомал Раҳмон аз миёни хуну хокистар бархост.

Дар он рӯзгоре, ки ҳазорон дар як рӯз ба хоку хун ғалтиданд, яке аз қаҳрамониҳои фавқулодаи Пешвои миллат аз он иборат буд, ки ӯ халқ ва миллатро пеш аз ҳама бо иродаи чун кӯҳ устувор ва азму идроки рафеъ, руҳан қувват бахшид. Ӯ дар шароити бисёр сахту сангини ҷанг аз даруни мусибатҳо ва фоҷиа бо сухани шуълабори хеш, ки дар он ваъдаи сулҳу ором буд, ба халқи худ аносири умед ва хушбиниро берун кашид.

Халқ ба умеду хушбинӣ ба зиндагӣ, чун волотарин қудрати руҳонии инсоният, ки ҷанбаи некбинонаи ормони миллиамонро ифода менамояд, ҳамеша ниёз дорад.

Каломи сулҳофари Пешвои миллат чун саршор аз гармӣ, меҳр, лутф, хирад, садоқат,ҷозиба ва пеш аз ҳама самимияти миллӣ буд, тавонист, ки башариятро ба дунболи ваҳдат кашонад.

Роҳбари тозаинтихоб хуб дарк намуд, ки боэътибортарин санади фарҳанги Сулҳ ин бахшидани гуноҳи рақиб аст. Ӯ бо истифода аз чунин суннати азалии ниёкон, кишвари бе мароми бе низомро ба амнтарин давлати минтақа табдил дод.

Пешвои миллат рисолат ва нақши таърихии худро оиди устувор гардидани пояи Истиқлолият ва ваҳдати миллӣ бо ду тамоюли фитрӣ, шуҷоат ва ҷавонмардӣ шарофатмандона иҷро намуд. Пешвои миллат ба тамоми барнову пири кишвар бо сухани фаросатзой ва амали ибратбахш исбот намуд, ки ватандорӣ як раванди давомдор дар сартосари зиндагии инсоният аст.

Имон доштан ба рукнҳои муҳимтарин давлату давлатдорӣ ва эҳтиром гузоштан ба муқаддасоту асолати миллӣ чун як раванди пешравандаи ҳаёт, барои ҳар як тоҷики закӣ ҳам қарз ҳасту ҳам фарз.

Ҳар як сухани Пешвои миллат дар он рузҳо дар тафаккури мардум як модели назарявии табдил ва такоммулро эҷод намуда, дар баробар самт бахшидан ба зиндагӣ, инчунин руҳияи онҳоро ба ояндаи хубу равшанзо баланд намуд.

Ҷаҳониён имруз Пешвои миллати моро ба унвони таблиғгари фарҳанги волои ваҳдатофар, сафири равшанрой ва ҳумоюнқадам, пайвандгари аслҳову наслҳо шинохта, адолат, садоқат ва ҷавонмардиро, ки хоси дарси тавъам бо кишвардории ӯст, як ҷузъи андеша ва дастури давлатдории хеш ҳисоб намудаанд.

Бо дарки мафҳуми қавии бародариву баробарӣ, имрӯз мардуми тоҷик аз шарофати Ваҳдат ба ҳазорон таҳаввулотҳои шигарф сиёсиву иқтисод ва иҷтимоиву фарҳангӣ ноил шуд, ки дар таърих мондагору бесобиқа аст. Ва имсол мардуми посдори Сулҳ 25-умин солгарди ӯро дар партави дустиву саодат истиқбол мегиранд.

Дар раванди бошитоб, ҷаҳони модигаро имрӯз дучори таҳаввулоти дунявӣ аст. Дар баробари дигар падидаҳои нохушоянди ҷаҳонишавӣ яке аз падидаи хело хатарзо, ки ба пояи салтанату давлатдорӣ ва оромишу иттиҳод, сахтарин зарба мезанад ин таассуб аст (мағзҳои заҳролудшуда) [1, с.88].

Аз таърихи башарият ба мо маълум аст, ки аз сапедадами таърих ду нерӯи ба ҳам муқобилу оштинопазир ба ҳам рақобат до-

Дар шароите, ки оғози муноқиша ногузир аст, ҷомеаи ҷаҳон бояд барои маҳдуд сохтани минтақаи муноқиша ва кам кардани оқибатҳои он тадбирҳо андешида, дар баробари ин барои ба ҷустуҷӯи роҳу усулҳои қобили қабули ҳалли проблемаҳо равона сохтани тарафҳои муқобил кӯшиш ба харҷ диҳад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

штаанд. Ин яке маърифат, ки сарчашмаи тамоми илмҳои башарият аст ва дигаре ҷаҳолат, яъне ифрот, хиёнат, фиску фуҷур, вахшонният,ҷаҳл ва торикии донишу имон.

Аз ҳама амали зишт ва ботил ин хиёнат ба халқу Ватан аст. Имрӯз гуруҳои муғриз ва тамаъҷуй , ифротиёни наҳзатӣ, барои хароб кардани пояҳои давлатдорӣ ва халал расонидан ба оромиши кишвари мо иттилоотро ягона василаи муборизаи худ қарор дошта, бо амвоҷи сиёҳолуди тарғибу ташвиқи кутоҳандешонаи хеш, мағзҳои ҷавононро шустушӯ мекунанд. Мардумро ба хунрезӣ, парокандагӣ, яъне ҷиҳоди сағир, даъват мекунанд. Равоншиносон бар он ваҳдати назар доранд,ки дар радифи иллатҳои равонии инсон, манфуртарин бемор ин бахилӣ, иғвоандозӣ , тухмат ва бадбинӣ мебошад.

Мо амалҳои зишти ин гурухе, ки аз лиҳози равонӣ бемор ҳастанд, сахт маҳкум мекунем. Ин ифротиёни дастомӯзи аҳриман бо суханҳои бе чуну чаро, қудратҳои дурӯғин ва ақидаҳои бебунёди хеш ҳеҷ гоҳ ба ҳадаф намерасанд ва чун ҳарвақта ба шикасти шармандавор рӯ ба рӯ мешаванд.

Мо бояд бо зиракии сиёсӣ, дониши васеъ, ҷаҳонбинии дақиқ, имконот, таҷриба, шуури дунёдаркӣ ва бидъати равшанбинона нагузорем,ки ҳар ҳаракат ва бедорӣ, ки нияти нопок доранд, ҳадафҳои худро дар кишвар амалӣ созад.

Мо бояд бо фару фарҳанги азалии хеш мабдаъ ва маоди ваҳдати асливу азалиро дар зеҳни насли имрузу фардо беш аз пеш бедор намоем.

Мо бояд дар ҳама ҳолатҳо масири илму донишро дунбол кунем. Маърифат аз ҳар куҷое, ки пайдо шавад онро ҷустуҷӯ намоем. Рӯҳи ваҳдати аслиро тавассути омӯзиши таъриху фарҳанг дарк намуда, тақвият бахшем. Дар ҳамовозӣ бо паёмҳои ваҳдатбахши Пешвои миллат рисолати худро ҷойгиртару муассиртар анҷом бахшида, Тоҷикистони азизи худро аз ин беш ба авҷи пешрафту ифтихор бирасонем. Ба ормонҳои баланди милливу майҳанӣ содиқ бошем, миллатро бо неруи қудрати ақлонӣ мусаллаҳ намоем ва ҳамеша ӯро руҳан қувват бахшем.

Ватандориро чун зеботарин ибодат пазиро намоем. Бо ҷиддияту ҳавсалаи тамом барои пешрафту созандагии ӯ бикушем.Ба усули инсонӣ ва маънавият такя дошта бошем.Танҳо бо ин васила метавонем аз душвориҳо ва мазоиқи ҷаҳонишавӣ сарбаландона бигзарем.

Мунодии асили ваҳдат, Пешвои миллат, қобилэҳтиром Эмомалӣ Раҳмон умрҳо хунобаи дил хурду ин давлату миллатро барои мо бо ашки гарму оҳи сард сохт. Мо бояд бо рушди такомули маънавият, иттиҳод, садоқат ва дилбастаги Ваҳдати миллиро чун рӯҳ ва азамати ҷовидона ба ояндагон ба саломат бирасонем.

27 июн, бешубҳа, дар таърихи мамлакати мо ҳамчун санае сабт хоҳад ёфт, ки фоҷиаи аз сар гузарондаи мо, зарурати ҳамеша ҳифз намудани сулҳу осоиш ва таҳкими ваҳдати миллӣ ва истиқлолияти мамлакатро хотиррасон месозад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# НАҚШИ ҲУВИЯТИ ФАРҲАНГӢ ДАР ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

***Қаландариён Ҳоким Сафар – Институти илмҳои гуманитарии ба номи академик Б.Искандарови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон***



Ҳар кишваре, ки соҳиби истиқлол гашт, шаҳрвандаш ҳам бидуни он ки ба дарки маъно ва вазъияти истиқлол бирасад, таъсирпазир хоҳад буд. Таърифи зиёдеро барои мафҳуми истиқлол додаанд. Аммо ба фикри инҷониб дар чаҳорчӯби ҳар кишваре ин истилоҳ аз тарафи нухбагону боҳушони он кишвар таъриф мешавад ва ҳуҷҷату далел пайдо мекунад. Дар Тоҷикистони азизи мо дар баробари тоҷикони асил зиндагӣ карданашон майдамиллатҳои дигар ҳам сукунат доранд. Ҳамчунин ба иллати дар қаламрави сарзаминамон мавҷуд будани вилояти худмухтор мунҳасир ба фард будани ин кишварро нишон медиҳад. Аз ин рӯст, ки агар дар умум бихоҳем, ки дар байни кулли тоҷикистониён сухан аз истиқлоли миллӣ кунем, мебоист арзишҳои миллӣ муайяну мушаххас шаванд. Зеро қадами аввалини миллатсозӣ аз равшан сохтани ин арзишҳо ва ҳувияти муштарак оғоз мегардад.

Ба таҳқиқи равоншиноси машҳури фаронсавӣ Клотер Рапай «агар ҷаҳон яксон шавад ва ҳамаи мо ҳамчун як фарҳанги сайёра вуҷуд дошта бошем, пас мо ҳувияти фарҳангие, ки моро шакл додааст, аз даст медиҳем» . Пас, чун бе фарҳанг ҳувияту бидуни ҳувият эҳсосу озодиҳои шаҳрвандӣ вуҷуд надоранд, дар раванди ҷаҳонишавии олами сиёсиву фарҳангӣ, масъалаи мутамарказ гадидани фарҳангҳову тамаддунҳо ба миён омадааст. Дар ин вазъият ҳифз намудани арзишҳои маънавию фарҳангӣ аз таъсири ҷаҳонишавӣ муҳим арзёбӣ мегардад.

Гуногунии фарҳангӣ дар Тоҷикистон дар сурати баҳрагирии муносиб дар тақвияти ҳувияти миллӣ омили муҳиме хоҳад буд. Аммо бархӯрдҳои номуносиб дар ин раванд ба гусасти иҷтимоиву миллӣ ва заиф шудани ҳувияти милливу фарҳангӣ оварда мерасонад. Аз ин рӯ, бо таваҷҷуҳ ба арзишҳои миллӣ, махсусан арзишҳои фарҳангӣ ва огоҳӣ ёфтан аз чигунагии асаргузории ҳувияти фарҳангии қавмҳои мухталиф дар бунёдсозии ҳувияти миллӣ дар шароити муосир муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ин чанд саҳифа саъй хоҳем кард, то бо такя ба андешаи муҳаққиқон ва рӯйкарди таҳлилии хеш нақши ҳувияти фарҳангии

Дар таърихномаи ҳар миллат саҳифаҳои сабақомӯз ва пурарзише ҳастанд, ки аз икдоми нек ва хирадмандона ба нафъи халқу Ватан башорат медиҳанд ва барои наслҳои минбаъда ҳамчун чароғи ҳидоят хизмат мекунанд. Чунин саҳифаи заррин барои миллати тоҷик рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумӣ дар бораи барқарор кардани сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон низ мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

замони истиқлолро бар ҳувияти миллӣ муайян намоем.

Дуруст аст, ки фарҳанг ҷавҳари таҷрибаҳои тозае аст, ки оҳиста-оҳиста дар ҳофизаи ҷамъӣ нақш мебандад. Аммо ин ба он маъно нест, ки ҳар зеҳнияти ҷадид боиси аз байн бурдани пешина гардад, балки нақши ҳамоҳангкунандаи фарҳанг на танҳо афрод ва ё шаҳрвандони як замонро ба ҳам пайванд месозад, он ҳамчунин ба ҳайси такомулдиҳандаи арзишҳои пешин ва дар камол бахшидани пояҳои тафаккурии мавҷуда хизмат мекунад. Танҳо ба василаи робита бо дигар фарҳангҳои пешини аҷдодӣ, ҳарчанд онҳо тобеи режимҳои диктаторӣ ва ё тоталитарӣ бошанд ҳам, ҳувияти фарҳангии як қавм ва ё як миллатро таҳлил карду сарнавишти минбаъдаашро муайян намуд. Зеро ҳар гурӯҳи иҷтимоӣ дорои таърих, қонунмандиҳои хешовандӣ, шеваи иқтисодӣ, роҳу равиши эътиқодӣ, забону адабиёт ва ҳунари хоси худ аст. Маҳз ҳамин хусусиятҳо фарҳанги як ҷомеаро аз ҷомеаҳои дигар тафовут месозанд ва муаррифи шиносномаи фарҳангии он ҷомеа шинохта мешаванд. Ба ифодаи дигар, таъриху қаҳрамониҳои гузаштагон, сарзамини аҷдодӣ, забони модарӣ, расму суннатҳои қавмӣ, ифтихороти миллӣ, ҳунару адабиёти бозмонда ҳувияти фарҳангии ҷомеаро сомон мебахшанд. Ба андешаи профессор Файзализода Ҷумъахон «имрӯз фарҳанги амалан нави муколама ва ҳамкории тамаддунҳоро бояд ҳамчун наҷоти фарҳанг ва бақои таърих арзёбӣ намуд, зеро тамаддунҳои пешрафта ва зиндагисоз, суннату фарҳангҳои дорои ҷанбаи ҳаётӣ, алалхусус, дастовардҳои зеҳнӣ ва маърифатӣ дар ҳама давру замон пешбарандаи ҷомеаи башарӣ буданд ва бо ҳамин сифат боқӣ хоҳанд монд» [6, с.336].

Дар шароити ҷаҳонишавӣ миллатҳои зери таъсир аз бисёр ҷиҳат метавонанд тобеи фарҳангҳову арзишҳои бегона гарданд. Бидуни далел нест, ки чорабиниҳои таърихию фарҳангие, ки ба ибтикороти пайгиронаи Сарвари давлат бо тантана таҷлил мегарданд, маҳз ба хотири пешравии шуури фарҳангӣ ва болоравии ифтихори ватандориву худшиносии миллии мардуми кишвар буда, ба изҳори Ҷаноби Олӣ «мо ба хотири наслҳои оянда ва фарзандону наберагонамон бояд фарҳанги сулҳ ва эҳтироми амиқро бо гуногунрангӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дастгирӣ намоем. Ба ҳамин хотир мо маърифату фарҳанги арзишманд ва ҳаётбахшу зиндагисозро ба таҳдиду хатарҳо, таассубу хурофот, эҳсоси нафрату бадбинӣ ва дигар падидаҳои манфӣ мухолиф гузошта, ба сифати як узви воҳиди ҷомеаи башарӣ дастовардҳои фарҳангии миллати хешро чун падидаи арзишманди тамаддуни ҷаҳонӣ истиқбол мегирем». Имрӯз арзишҳои умумибашарӣ агар аз як тараф маънои мусбатро ифода кунанд, аз тарафи дигар ин «арзишҳои умумибашарӣ» таҳмиле аз ҷониби кишварҳои абарқудрат мебошанд, ки натиҷааш барои зертобеон бо аз байн рафтани фарҳанги худиву арзишҳои миллӣ меанҷомад. Ҷойи шакке нест, ки ҳар навоварӣ фақат ҳангоме ба тағйири рафторӣ дар ҷомеа меанҷомад, агар он бар низоми арзишҳо асаргузор бошад. Бино бар ин таъсири арзишҳои бегона метавонад заминасози бухрони ҳувиятӣ шавад. Дар ин маврид шаҳрвандони огоҳдил муқовимат ба ин равандро дар эҳёи арзишҳои суннатӣ мебинанд, зеро ин ягона аксуламале мебошад, ки дар баробари ормони бегонаситезон истодагарӣ мекунад. Аз як ҷиҳат ин амал метавонад ба поягузории фарҳанги худӣ мусоидат кунад, аммо дар баробари ин мабнои арзишҳои фарҳангии пешрафтаи миллӣ, ки аз қаъри таърих то ба ҳол рушду такомул ёфта, ҷавобгӯи замони муосиранд, заифу суст мегарданд. Пас, чун фарҳанг муҳимтарин

Ин санади таърихӣ, ки 27 июни соли 1997 дар Маскав ба имзо расид, маҳз пайғоми ҷонбахше аз фаросиси сулҳи деринтизор буд. Дар он ормони халқи мо бо каломи ширини Сулҳ ва Ваҳдат таҷассум ёфта, дар як муддати кӯтоҳ ҷомаи амал пӯшидани ин орзу гувоҳи тинати поку сулҳпарвар, фарҳанги сиёсӣ ва заковати баланди мардуми тоҷик аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

манбаи ҳувияти инсонҳо дониста мешавад ва ба илова ҳувият шарти лозими зиндагии иҷтимоӣ аст, бидуни чаҳорчӯби муайян шаҳрвандон наметавонанд ба сурати маънодору пойдор бо ҳамдигар иртибот дошта бошанд. Ба ин маъно аст, ки ҳар миллате талош бар он дорад, ки аз фарҳанг ба унвони муҳимтарин рукн дар раванди миллатсозӣ истифода барад, зеро фарҳанг ҳам қудрати тафовутофаринӣ дорад ва ҳам тавони устуворбахшӣ. Яъне бо нишонаҳои фарҳангӣ як миллат аз дигар миллатҳо фарқ мешавад ва дар доираи як миллат арзишҳои фарҳангии миллӣ появу решаи онро мустаҳкам месозанд. Бесабаб нест, ки Пешвои миллат, Президенти муҳтарами мо Эмомалӣ Раҳмон дар бозёбӣ ва эҳёи арзишҳои суннатӣ ва дар шиносондани ҳувияти фарҳангӣ басо саҳмгузор ҳастанд ва онро аз доруҳои муассир дар дармон аз худбегонагӣ маҳсуб донистаанд. Дар яке аз суханрониҳои худ Ҷаноби Олӣ аз авҷ гирифтани мавқеи зоҳирпарастон дар ҷомеа ва заифу паст гардидани сатҳи маърифатию фарҳангии шаҳрвандон нигарон буда, бамаврид қайд намуданд: «Воқеан, қисме аз мардуми мо бо сабаби зоҳирпарастии беасос ва дар иҷрои маросимҳо ва маъракаороиҳо пойбанди таассубу хурофот будани худ ба амалҳое даст мезананд, ки дар ягон гӯшаи дигари олам ба назар намерасад». Ин сабабҳо боис гардиданд, ки Сарвари мамлакат бо ба роҳ мондани чорабиниҳои фарҳангиву маърифатӣ ва қабул кардани як қатор қонунҳои хосса моҳияту маънои аслии баргузории маъракаву маросимҳои суннативу диниро ба мардум фаҳмонда, манфиатҳои табақаҳои гуногуни аҳолиро бо ин роҳу василаҳо ҳимоя намуданд. Ҳақ аст, ки чун Президенти кишвари мо «худ аз миёни мардум бархоста, бо зиндагонии мардум ошноии хуб доштаанд, маҳз моҳияти иртиҷоии хурофот, хусусияти исрофкоронаи расму ойинҳо ва монеаи рушди фикрию иҷтимоии ҷомеа будани онҳоро ба назар гирифта, иқдоми ҷиддӣ ва ҷасуронаро пеш гирифтанд ва бо ислоҳоти бузург даст задаанд, ки дар таърих назир надораду бесобиқа буда, идомаи кору пайкор ва фаъолияти маорифпарваронаи бузурги халқи тоҷик мебошад» [12, с.363].

Ҳувияти фарҳангии ҳар ҷомеа аз се омил вобаста аст: таърихӣ, забонӣ ва равоншиноҳтӣ. Дуруст аст, ки ҳар гоҳ яке аз ин се омил дар миллат вуҷуд надошта бошад, ҳувияти фарҳангӣ комил буда наметавонад. Ҳар шахс ҳам бояд дар доираи миллат аз ин омилҳо баҳраманд бошад. Аммо ҳар ҳувияти худӣ бояд созмондиҳандаи ҳувияти ҷамъӣ бошад. Вагарна то даме, ки шаҳрванд ба ҳувияти худӣ таъкиди бештар кунаду тааллуқияти худро ба як қавм ё мазҳаб танг кунад, осебпазирии ҳувияти миллӣ бештар ба назар мерасад. Чаро ки ҳувияти фарҳангии як миллат маҳсули худогоҳӣ аз монеаҳои таърихии таҷрибаҳои фарҳангии он миллат аст, ки дар тӯли замон шакл гирифтааст. Чун пешинаи таърихӣ ва тамаддунии тоҷикон ба ҳазорон сол расида, маҷмӯаи беназир аз захираҳои гуногуни озмоишро дар худ андӯхтааст, ҳувияти фарҳангии ягонаро фароҳам овардан нисбат ба дигар қавму халқиятҳо осонтар ба даст меояд. Ин масъаларо Пешвои миллат аз рӯзҳои аввали лаҷоми ҳокимиятро ба даст гирифтанашон хуб дарк карда, муътақид буданд, ки фарҳанг дар тамоми адвори мухталифи таърихӣ зербинои миллати тоҷик будааст ва ин мақомро то ҳол аз даст надодааст. Ҳанӯз соли 1993 муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақолае мусаммо ба «Ҳадафи сиёсати мо манфиати мардум аст» таълиф намуда, дар он чунин нигоштааст: «Нигоҳ доштани афзалияти ҳамешагии маориф, илм ва фарҳанг вазифаи муҳимтарини мо бояд бошад. Бо ин мақсад зарур аст, ки ба таври қонунӣ дар

Халқи Тоҷикистон санаи таваллуди ин ҳуҷҷати воқеан сарнавиштсозро ҳамчун сарчашмаи якдилӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва дӯстию рафоқат пазируфт ва он рӯзи муборак дар асоси фармони Президенти ҷумҳурӣ бо номи «Рӯзи ваҳдат» маъмул гардид.

*Эмомалӣ Раҳмон*

сатҳи Шӯрои Олӣ барои аз даромади миллии истифодашаванда ба хазинаи инкишофи илм, маориф ва фарҳанг фоизи доимии ҳисса ҷудо кардан қарор карда шавад».

Дар Тоҷикистони азизи мо фарҳангҳо ва қавмҳои чандгона дар дохили як миллат вуҷуд доранд. Ба ақидаи баъзе андешамандон ин махсусиятҳо монеъ барои таҳкими ваҳдати миллӣ хоҳанд шуд. Аммо ин ҷо ба ин нукта таъкид бояд варзид, ки чун дар кишвари мо кулли мардумон, новобаста аз тамоюли эътиқодии мухталиф, доштани забони модарии ягона, расму суннатҳои шабеҳ, таърихи муштарак доранд. Дар ин маврид, албатта, ҳувияти миллӣ бартар аз ҳувиятҳои қавмиву мазҳабии чандгона хоҳад буд ва ваҳдати миллӣ бо вуҷуди чандандешиву чандгунагӣ устувор хоҳад монд. Шарт ин аст, ки ақвоми мухталифу фирқаҳои мазҳабӣ, гурӯҳҳои сиёсиву андешамандони ғоявӣ, қишрҳои гуногуну табақаҳои хос набояд хоҳони қудратҷӯйиву бартарихоҳӣ бошанд, баръакс, имкони ҳамҷавориву ҳамкорӣ, ҳамдиливу ҳамдардиву ҳамбастагиро аз байн набаранд. Дар ин робита бояд таъкид кард, ки гуногунии фарҳангӣ дар тамоми адвор ҷузъе аз ҳувияти фарҳангии тоҷикӣ буда, хусусияти ҷудоинопазири ҳувияти миллии мо гаштааст. Бе тардид, он чи имрӯз ҳувияти тоҷикӣ меномем, ихтисос ба қавму гурӯҳи хоссе надорад. Ба ин лиҳоз, ҳувияти фарҳангии мардуми тоҷик фарҳанг ва ҳувияти ақвоми мухталиф аст ва ба мурури замон шакли воҳиде ба марзҳои як миллати куҳан роҳ ёфтааст, яъне фарҳанги тоҷикӣ маҷмӯае аз аносири мухталифи фарҳанги ақвоми тоҷикӣ аст. Дар давоми мавҷудияти худ халқи тоҷик бо афзудани унсурҳои фарҳангии худ ба фарҳанги тоҷик пурбории онро афзудаанд. Сиёсати давлатии фарҳангии муосири тоҷик баланд бардоштани мақоми иҷтимоии фарҳанг, таъсири фарҳанг ба тамоми соҳаҳои сиёсати давлатӣ ва ҳаёти ҷомеаро дар назар дорад. Муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон фарҳангро ба як омили таҳкимбахши ваҳдату ҳамдигарфаҳмӣ табдил доданд. Ба таъкиди Роҳбари андешаманд «мо дар замони соҳибистиқлолӣ ба рушди соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи неруҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, ойину анъана, дигар муқаддасоти миллӣ ва ташаккулдиҳандаи одобу ахлоқи ҳамида эътибори доимӣ медиҳем» [3]. Махсусан, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба забон чун аситарин аносири ҳувиятбахши фарҳанг дар ҷомеа ва ба унвони яке аз омилҳои муассир дар ҳамбастагии миллӣ мавриди таваҷҷуҳ қарор медиҳад. Зеро забони ягонаи расмӣ ҳамвора ҳамчун омили иртиботӣ байни мардуми як сарзамин маҳсуб мешуд. Пешвои муаззами миллат, Ҷаноби Олӣ, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бесабаб забонро оинаи миллат унвон накардааст. Ба изҳори ӯ «забон дар маҷмӯъ як қисмати муҳим ва ё ба иборати дигар як бахши нигорандаи таърихи халқи мо буда, оинаест, ки дар он роҳи дуру дарози тайкардаи халқи тоҷик бо ҳама шебу фарози он инъикос ёфтааст» [9, с.13]. Президенти кишвар вижагиҳо ва муҳимтарин сифоти забони тоҷикиро баршумурда, маҳз ба хосияти баҳамоварию ваҳдатофарӣ ва тавоноиву рақобатпазирии он махсус ишора намудааст. Дар китоби дувуми «Забони миллат – ҳастии миллат», ки ба таҳқиқи марҳалаҳои таърихи густариши забони тоҷикӣ бахшида шудааст, Пешвои миллат забонро заминасози ҳувияти фарҳангӣ номида, аз ҷумла чунин ишора кардааст: «Забон инчунин падидаи фарҳанги миллӣ буда, ба воситаи он ҳар як шахс ҳувияти хешро мешиносад, ҷаҳонбиниашро васеъ менамояд ва ҳофизаи маънавиашро қавӣ мегардонад». Ҳарчанд дар канори забони муштара-

> Ба ин рӯзу ба ин санад ихлос кардану меҳр бастани мардуми мо бесабаб нест. Зеро халқе, ки бар асари найрангу фитнаангезин душманони дохилию хориҷӣ гирифтори ҷанги хонумонсӯз гардид, фарзандонашро талаф дод, ранҷ кашид, азоби раҳдурии Ватанро чашид, ба қадри сулҳу салоҳ мерасад.
>
> ***Эмомалӣ Раҳмон***

ки тоҷикӣ забонҳову лаҳҷаҳои ғайрирасмии мухталиф, махсусан дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вуҷуд дошта бошанд ҳам, ҳамаи ин соҳибзабонҳо боз гирди як забони тоҷикӣ ҷамъ шуда, дар шаклгирии ҳувияти миллӣ хизмат мекунанд. «Ҳамаи миллатҳо ва халқиятҳое, ки дар ҳудуди ҷумҳурӣ зиндагӣ мекунанд, ҳуқуқ доранд аз забони модариашон озодона истифода кунанд»,– омадааст дар Моддаи 2-юми Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон. Ба ҳамин далел забон ба унвони омили интиқоли фарҳанги хаттӣ ва шифоҳӣ аз замоне ба замони дигар ва аслитарин омил дар шиносондани фарҳанги миллӣ мавриди таваҷҷуҳи давлат будааст. Ба қавли муҳаққиқи тоҷик Гавҳар Шарофзода «забон ҳамчун нахустунсури Ваҳдати миллӣ, сарвати бебаҳои фарҳангӣ, яке аз шоҳаҳои асосӣ – шиносномаест, ки дар ҷаҳон миллатҳоро, пеш аз ҳама, ба воситаи он мешиносанд... Забон яке аз унсурҳои асосии ҳифзи ҳувияти миллӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ буда, ҳифзу ҳимоя ва нигаҳдории он на танҳо вазифаи давлатӣ, балки вазифаи ҳар як шаҳрванди ҷумҳурӣ аст».

Ҳифзи ҳувият ва суботи миллӣ яке аз муҳимтарин масъалаҳои имрӯзи кишварҳои мухталифи ҷаҳон ва ба вижа кишварҳое аст, ки аз гуногунии қавмӣ, забонӣ, мазҳабӣ ва ба таври куллӣ, танаввӯи фарҳангӣ бархӯрдоранд. Хуллас, дастёбӣ ба устувории милливу фарҳангӣ дар Тоҷикистон бидуни дар назар гирифтани фарҳангу ҳувияти фарҳангии кулли маскунони кишварамон имконнопазир аст. Муҳаққиқи тоҷик С. Ҷонбобоев саҳми Роҳбари давлат дар пойдории аркони милливу осори фарҳангиро қайд намуда, аз ҷумла чунин хулоса кардааст: «Дар нигоҳдории осори фарҳангӣ, пешрафти андешаи миллӣ ва инчунин таъмини ваҳдати минбаъдаи миллат мақоми раҳбарияти сиёсӣ хеле бузург аст. Боиси хушӣ аст, ки имрӯз раҳбарияти олӣ самти фикри ҷомеаро ба сӯи навовариву эҷодкорӣ равона намудааст. Аз суханрониҳо, асарҳо ва дастурҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин хулоса бармеояд, ки мероси ғании гузашта бояд барои имрӯзу оянда эҷодкорона истифода гардад ва баҳри эъмори ҷомеаи навини Тоҷикистони соҳибистиқлол, боло бурдани ҳисси ифтихори миллӣ ва шуури солими таърихӣ хидмат намояд». Дуруст аст, ки ташаккули фарҳанги сиёсии ҷадид дар кишварамон идома дорад. Андешаамонро дар ин мавзуъ бо суханони Сарвари давлат хотима мебахшем: «Умуман, раванди шакл гирифтани фарҳанги нави ягонаи сиёсӣ дар Тоҷикистон ба тадриҷ идома дошта, заминаҳои аввалия ва бунёдии худро устувор карда истодааст, ки дар солҳои минбаъда дар шакли ниҳодин ба миён меояд ва арзишҳои хостаҳои мардуми кишварамонро яксон мегардонад».

Сулҳу субот ва ризоияти миллӣ ба халқи тоҷик ба осонӣ муяссар нашудааст. Барои расидан ба ин рӯзи фирӯз моро лозим омад, ки роҳи тӯлонии ноҳамворро тай намоем, мамониатҳои сангинро аз миён бардорем ва мушкилоти гаронро паси сар кунем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ВАҲДАТУ ЯГОНАГӢ МАРОМИ МОСТ

***Аламшозода Фозилҷон Муҳаммаддовуд – сардори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили ҳокимияти давлатӣ адолати судӣ ва хизматчиёни ҳарбии Агентӣ***

*«Ҳарчанд ки ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ раванди бисёр вазнину сангин ва тӯлониву пурмашаққат буд, вале хушбахтона ҷаҳду талоши фарзандони содиқи халқи тоҷик бо сулҳу оштӣ ва ваҳдату ягонагӣ анҷом пазируфт, ки он имрӯз ҳамчун таҷрибаи нодири ҷаҳонӣ эътироф шудааст».*

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –***
***Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***



Баъди ба даст овардани истиқлолият дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сабабу омилҳои дохилию берунӣ ҷанги шаҳрвандӣ шуруъ гардида, ба сари миллати тоҷик харобиҳои хеле зиёдро ба бор овард. Дар натиҷаи ин ҷанги хонумонсӯз зиёда аз 150 ҳазор нафар сокинони кишвар ба ҳалокат расида, қариб як миллион нафар гуреза ва 55 ҳазор кӯдак ятиму бе сарпаноҳ монд...

Хушбахтона иродаи қавию сулҳпарваронаи миллати тоҷик ва ақли солим ғалаба намуда 27 июни соли 1997 бо ибтикори бевоситаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ ба имзо расид, ки ба раванди ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон нуқта гузошт. Ин руйдоди ниҳоят муҳими таърихӣ давлати тоҷиконро аз парокандагӣ наҷот бахшида, тақдири ояндаи миллатро ба тарафи дурахшандагӣ тағийр дод.

Сулҳи тоҷикон на танҳо давлату миллатро наҷот дод, балки дар дили насли ҷавони тоҷик умед ба ояндаи нек, хушбахтӣ, ифтихори миллӣ ва ваҳдати ногусастаниро зинда намуд. Имрӯз миллати тоҷик ифтихор аз он дорад, ки дар баробари дигар халқиятҳои олам ҳуқуқу овози баробар дошта, ҳувияти миллии хешро дар арсаи ҷаҳонӣ муаррифӣ менамояд.

Маҳз истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллӣ ба мо имкон дод, ки ба сифати кишвари соҳибистиқлол ва узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ сиёсати «дарҳои боз»-ро эълон ва пайгирӣ намуда, барои ҳимоя ва пешбурди манфиатҳои миллӣ бо тамоми кишварҳои ҷаҳон, соз-

Имрӯз мехоҳам як ҳақиқати воқеиро, ки қаблан ҳам гуфта будам, бори дигар таъкид намоям. Ҳақиқат ин аст: омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дӯстнавозии азалии ин мардум вобаста аст.

***Эмомалӣ Раҳмон***

монҳои бонуфузи байналмилалӣ ва минтақавӣ муносибатҳои нек ва мутақобилан судмандро ба роҳ монад. Дар муддати начандон тӯлонӣ Тоҷикистон тавонист худро на танҳо чун узви комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ, балки ба сифати кишвари пешсаф дар роҳи ҳалли масъалаҳои сатҳи ҷаҳонӣ нишон диҳад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ин маврид чунин таъкид намудаанд: «Созишномаи сулҳ барои сарзамини аҷдодии мо субботу оромии воқеиро таъмин кард, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва зиндагиеро фароҳам сохт, ки онро ҳар фарди покдилу неххоҳи мамлакат дер боз интизор буд».

Дар ин ҷо мавриди зикр аст, ки дар роҳи расидан ба сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон нақши фарзанди фарзонаи миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон басо бузург аст. Маҳз шахсияти Пешвои миллат буд, ки халқи тоҷик аз парокандагӣ наҷот ёфт ва то охирин гурезаи тоҷик ба ватан баргашт. Аз ин ҷост, ки хизматҳои бузурги ӯро миллат ҳаргиз фаромӯш нахоҳад кард.

Тавре қайд гардид, Ваҳдати миллӣ ба василаи талошҳои пайвастаи роҳбарияти Ҳукумати кишвар баҳри густариш ёфтани сиёсати дохиливу хориҷӣ, рушди минбаъдаи кишвар ва таъмини амнияти давлату ҷомеа таҳкурсии мустаҳкам ба вуҷуд овард.

Гузашти солҳо собит намуд, ки музокироти сулҳ роҳи ягонаи рафъи ихтилофоти дохилӣ, асоси пешрафту ободии кишвар мебошад ва мардуми тоҷик низ амиқан дарк намуд, ки Ваҳдати миллӣ омили муҳимтарини рушди ҷомеа ва шарти асосии пешрафти соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ ба ҳисоб меравад.

Имрӯзҳо рӯ ба таҷрибаи сулҳу оштии миллии тоҷикон овардани ҷаҳониён, мавриди омӯзишу истифодаи созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ ва ҷомеаи башарӣ қарор дода шудани он, гувоҳи гуфтаҳои болост.

Ҳаргиз фаромуш набояд кард, ки танҳо Ваҳдати милли ва Истиклолияти давлати асоси оромиву осудагии халк, кафолати инкишофи давлат ва рушди хамачонибаи чомеа мебошанд. Бинобар ин ҳар як сокини меҳандӯсти ватанро зарур аст, ки бо шукрона аз фазои ҳамдигарфаҳмии миллӣ бо дилу нияти пок баҳри пойдории сулҳу субот аз сидқи дил камари ҳиммат бандад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намуданнд: «Ваҳдату ягонагӣ ва пойдории сулҳу созиш эътимоднoктарин роҳи наҷот аст. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд аз ҳама гуна майлу хоҳишҳои хидмат кардан ба ҳадафҳои ғаразноку тафриқаангези миллӣ, ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ даст кашида, манфиатҳои умумимиллии худро бо манфиатҳои умумибашарӣ мутобиқ созем. Таърих ибратомӯз аст ва Рӯзи ваҳдат ба мо ҳушдор медиҳад, ки аз хатоҳои гузашта хулоса барорем, имрӯз бо азми бунёдкорию созандагӣ пойдевори зиндагии фардоро гузорем ва ба қадри давлату давлатдории миллии худ бирасем ва ба наслҳои ояндa кишвари обод, тараққикарда ва хуррамро ба мерос монем. Ин аст қарзи ҳар як насл дар назди наслҳои оянда.»

Боварии комил дорем, ки ҳар як фарди бедордил махсусан мо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ гуфтаҳои Пешвои муззами миллатро сармашқи кори худ намуда, бо дастгирӣ аз сиёсати хирадмандонаи сарвари мамлакат ва бо нишони арҷгузорӣ ба гузаштагони халқи тоҷик баҳри пойдории сулҳу субот, оромии ҷомеа ва якдиливу ояндаи дурахшони ватани азизамон содиқона хизмат менамоем.

Аз оғоз то анҷоми даргириҳо ҳар як фарди миллатдӯсту бедордили тоҷик дар қалби хеш фақат як орзу мепарварид: сулҳу салоҳ ва бо ин васила ба ҳам овардани миллату раҳоии давлати миллӣ аз парокандагӣ ва шикасти ногузир.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ВАҲДАТ ШАРТИ ПЕШРАФТИ КИШВАР

***Сафарзода Шодӣ Ҷумахон – сардори Раёсати мубориза бо ҷиноятҳо дар соҳаи андози Агентӣ***

*«Ваҳдат барои мо як вожа ва калимаи одӣ нест, балки номаи тақдири мо, шарти пешрафти кишварамон ба сӯйи ояндаи ободу осуда ва муҳимтар аз ҳама кафили сарҷамъиву хушбахтии имрӯзу ояндаи халқамон аст».*

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –***
***Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***



Вожаи «ваҳдат» дар забони мо ҳамеша бо оҳанги мутантану пурифтихор садо медиҳад, мисли вожаи Ватан-Модар. Бубинед вожаи Ватан-модар ҳаргиз дар забони фарзандони меҳандӯсту ватанпарвар кӯҳнаву обшуставу дилбазан намегардад. Зеро ки дар он муҳаббат, садоқат, баландтарин эҳтиром ва эҳсосоти мо ҳамеша зуҳур меёбад. Танҳо ҳамон вақте ки вожаи ваҳдат дар забони мо ҳамин мақомро воқеан мегирад, метавон чунин ҳисобид, ки мо ба мақсади баландтарини миллии худ, ба Ваҳдати миллӣ расидаем, ба дарки он ки бе ваҳдати миллӣ на Ватан пойдор асту на ягон муқаддасоти дигари он. Бо як ҷумла метавон собит сохт, ки кафолати хушбахтӣ ва пойдории миллат танҳо ҳамин ягонагӣ, якдиливу якҷисмуҷонии миллат аст.

Дар воқеъ Ваҳдати миллӣ эҳсоси ягонагӣ, ҳамсириштӣ, ҳамдигарфаҳмӣ ва пойдории як халқ, як миллат аст. Барои ба вуҷуд омадан, шакл гирифтан, пойдор ва хусусан бегазанд гардидани худ як халқ ва миллат бояд ин ваҳдат, ин ягонагиро дар ҷисму ҷони худ аз кӯраи сӯзони асрҳо бигзаронад ва имтиҳонҳои гарони сарнавиштро бо пирӯзӣ пушти сар намояд.

Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ миллати моро имтиҳони фоҷиаборе фаро гирифт, ки онро дар панҷаи нестӣ қарор дод. Бадхоҳону нотавонбибон хостанд, ки фарҳангу тамаддуни бегорнаро ба сари мардуми тоҷик бор карда тамаддуни чандинҳазорсолаи миллатро аз байн баранд. Бар асари найрангу фитнаангезии душманони дохилию хориҷӣ гирифтори ҷанги хонумонсӯз гардид. Даҳҳо ҳазор ҳамватанони бегуноҳи мо қурбон шуданд, даҳҳо ҳазор модарон бе фарзанд,

Ҳарчанд ки душманони миллат оташи ҷангро дар кишвари мо барангехтанд, халқи баору номус, ватандӯст ва сулҳпарвари тоҷик тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ забонаҳои оташи ҷангро хомӯш кунад, Ватанро аз вартаи ҳалокат наҷот бахшад, гурезаҳои сарсонро баргардонад ва ба ободонии мамлакат камар бандад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

занон бе саробон ва тифлон ятим монда, зиёда аз як миллион нафар шаҳрвандони мо дар дохилу хориҷи мамлакат ба гуреза табдил ёфтанд. Миллати дар масири таърих борҳо ҷафодидаи моро дар он шабу рӯз хатари пароканда шуда, ва ҳамчун давлат аз байн рафтан таҳдид мекард. Даҳшати фоҷиаҳоеро, ки ба сари миллати мо омада буд руи қалам тасвир кардан ғайриимкон аст. Милати моро яъсу ноумедӣ фаро гирифта ҷанги хонумонсуз моро дар байни ҷомеаи ҷаҳонӣ сархам намуд. Сулҳу суботе, ки дар кишвар ҳукмфрмо буд акнун танҳо ба як орзуе табдил ёфт, ки ҳар як фарди бо нангу номуси мамлакат дар дил онро мепарварид...

Хушбахтона бо азму иродаи мардона ва бо ғуруру нигоҳи тоҷикона, яке аз барҷастатарин фарзондони фарзонаи миллат Эмомалӣ Раҳмон зимоми давлатдориро дар он шабу рузҳои барои миллат сахту сангин ба даст гирифта шуълаи умедро дар қалби миллат шуълавар гардонид. Миллати тоҷик дарк намуд, ки сарвари мамлакат ифтихори миллии хешро болотар аз ҳама гузошта бароисулҳу субот ва сарҷамъ кардани миллати пароканда ҷони ҷавони худро дареғ намедорад. Ҳалқи тоҷик зери роҳбарии оқилонаву дурандешонаи муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон роҳи тӯлонии ноҳамворро тай намуда, мамониатҳои сангинро аз миён бардошт ва мушкилоти гаронро аз сари миллат дур кард. Пешвои муаззами мллат бо мақсади ба эътидол овардани вазъи сиёсии мамлакат бо мухолифин дар давоми чор сол зиёда аз ҳашт музокирот, бисту як вохӯрии расмӣ ва даҳҳо мулоқоти ғайрирасмӣ, анҷом дода, эҳсоси хусумат, шубҳа ва ноумедиро аз байн бурд. Бо заҳмату талошҳои шабонарӯзии сарвари мамлакат хиради азалӣ ва ақли солим пируз гардида, 27 июни соли 1997 «Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ» баста шуд. Дар воқеъ Пешвои муаззаи миллат ҳамчун меъмор ва асосгузори сулҳу ваҳдати миллати тоҷик барои ватан-модар, барои миллат, барои ҳар як тоҷику Тоҷикитсонӣ ҳаёти хешро дареғ надошта, синаи худро дар муқобили набарди зиндагӣ сипар намудааст. Чуноне, ки шоир дар бобати Пешвои муаззами миллат қайд намудааст:

*Ҷавониро фидо кардам, диерам то чавон бошад.*
*Гузаштам борхо аз чон,ки чонат дар амон бошад.*
*Чу аз хар чонибе суи Ватан боди хазон омад.*
*Бахорамро сипар кардам,ки эмин аз хазон бошад.*
*Ба минбархои болои чахон бурдам забонамро.*
*Ки халки хушзабонам бо чахоне хамзабон бошад.*
*Басо хори кашида,гунчаи умед парвардам.*
*Ки хориро набинад ин диеру гулфишон бошад.*

Маҳз самараи ваҳдати миллӣ ва тарғибҳои пайвастаи замингузории ғояҳои ваҳдатгиройӣ буд, ки Тоҷикистон дар арсаи сиёсати байналмиллалӣ дар муддати кӯтоҳи таърихи ба қавли Пешвои муаззами миллат мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «то фаро расидани давраи бӯҳронӣ дар иқтисоди ҷаҳонӣ ба марҳилаи рушди устувори иқтисодӣ ворид шуда, дар самти беҳтар намудани сатҳ ва сифати зиндагии аҳолӣ ба хеле дастовардҳои наззарас ноил гардид, ки ин ифтихори ҳар як шаҳрванди давлатӣ аст!».

Имрӯзҳо ҳар як сокини кишвари азизро таасуроти гуворо аз тадбирҳои омодагӣ ба истиқболи 28-умин солгарди рӯзи Ваҳдати Миллӣ фаро гирифтааст. Дар ин айёми омодагӣ ба таҷлили ҷашни Ваҳдати миллӣ ба таърих ва саргузашту сарнавишти халқу миллатамон назар афканда, аз дастовардҳо ва бурду бохти он ёдовар шудан зарур ва ҳатмист, зеро имрӯзҳо бояд тамоми мардуми кишвар, махсусан наслҳои ҷавони имрӯзу ояндасози мо аз он ифтихор намоянд, сабақ гиранд, ба

Баъд аз муқовимати шадид ба даст овардани боварию эътимоди тарафайн ва ҳосил шудани созишу якдигарфаҳмӣ, ба хотири ояндаи давлату миллат, далели қобилияти суннатии тоҷикон дар роҳи миллатсозию ватандорӣ мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

мероси бузурги маънавӣ ва фарҳанги муқаддасоти ниёгонамон арҷгузорӣ намоянд. Ин неъмати олӣ, сулҳу амонӣ, иттиҳоду ягонагиро чун гавҳараки чашм эҳтиёт намоянду қадр кунанд.

Воқеан, иттиҳоди миллӣ неъмати бузург ва муқаддасе мебошад, ки тамоми пешрафту комёбиҳои давлатамон ва саодати рӯзгори мардуми шарафи мо аз он сарчашма мегирад. Аз ин лиҳоз ҳар як шаҳрванди Ҷумҳурӣ уҳдадор аст, ки барои пешрафти Тоҷикистони беҳамто саҳми арзандаи хешро гузорад! Барои ободиву осоиштагии Ватан саъю кӯшиш кунаду ба қонуну қоидаҳои он риоя намояд!

Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон омилҳои зиёди таҳкимбахш дорад. Амалӣ ваҳдати миллӣ дар ҳаёти давлат самараи хубе ба бор овардааст, ки муҳимтараш ягонагии қавлу амали Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ Пешвои миллат муҳтарам Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон боиси мустаҳкам гардидани ваҳдати миллӣ гардидааст. Рушди сиёсати иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Сарвари давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон далели равшан ба ҳаёт татбиқ гардидани ормонҳои мардум аст. Заҳматҳои бедареғи фарзанди фидокори миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмонро дар бобати истиқрори сулҳу ризоияти миллӣ ва пойдор гардонидани ваҳдату ҳамдилӣ халқи миннатпазири кишвар инро аниқу дақиқ эҳсос намуда, мавсуфро ба унвони олии Қаҳрамони Тоҷикистон арзандаву шоиста донист. Рисолати ваҳдати миллӣ, ки мақсаду мароми тамоми ҷомеа гардидааст, имрӯзҳо торафт тавсиа ва густариш меёбад. Аз ҳама муҳимаш он аст, ки тавассути ин ҳама тадбирҳо давлати мо Тоҷикистон ва миллати тоҷики машҳури мо ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нуқтаи назари воқеияти таърихии худаш ҳамчун давлати сулҳпарвар ва тараққихоҳ муарифӣ гардидааст.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Бо қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ҷаҳониён бори дигар эътимод ҳосил карданд, ки тоҷикон дар ҳақиқат яке аз миллатҳои куҳанбунёди дунё, фарҳангсозу хирадманд ва сулҳхоҳу ботаҳаммул мебошанд. Бо имзои ин санади таърихӣ мо дар кишвари худ ба муқовимати мусаллаҳона хотима бахшида, сарзаминамонро аз харобӣ, миллатамонро аз парокандагӣ ва Ватанамонро аз нобудӣ наҷот додем.»

Санаи 27 июн ҳамчун рӯйдоди тақдирсоз дар хотираи таърихии халқи тоҷик ҷовидон хоҳад монд. Зеро иттиҳоди миллӣ неъмати бузург ва муқаддасе мебошад, ки тамоми пешрафту комёбиҳои давлатамон ва саодати рӯзгори мардуми шарафи мо аз он сарчашма мегирад. Аз ин лиҳоз ҳар як фарзанди ватан уҳдадор аст, ки барои пешрафти Тоҷикистони беҳамто саҳми арзандаи хешро гузошта, барои ободиву осоиштагии Ватан чун сарвари оқилу меҳанпараст ҷони худро дареғ надорад.

Бо ифтихор аз миллату сарвари хеш ва фазои сулҳу ҳамдигарфаҳмии миллӣ фарорасии Рӯзи ваҳдати миллиро ба ҳар як фарди худогоҳу хештаншиноси Ватан аз самими қалб табрик гуфта, рӯзгори ободу осуда, бахту иқболи баланд ва ба Тоҷикистони маҳбубамон ваҳдату оромии ҷовидонаро орзу менамоям.

Чунин таҷрибаи дар як фосилаи кӯтоҳ ва бо роҳи мусолиҳатомез ҳал намудани ҷанги гражданӣ дар ягон кишвари дунё то ҳол ба назар нарасида буд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ ВА ТАҲКИМИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ

***Ҳикматуллозода Изатулло Ҳикматулло – муовини сардори раёсати мубориза бо ҷиноятҳо ба муқобили моликият, фаъолияти иқтисодӣ ва сармоягузории Агентӣ, полковники адлия***



Ваҳдати миллӣ ба гул-гул шукуфтани Ватани мо мусоидат менамояд. Ҳама вақт дар давлате, ки сулҳу амонӣ, дӯстию якдигарфаҳмӣ ҳукумфармост, он рӯз то рӯз гул-гул мешукуфад ва аз лиҳози сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ пеш меравад. Ваҳдат таъвами сулҳ аст ва ба гӯши кас ширину гуворо садо медиҳад. Ин Ваҳдати миллист, ки мардуми мо ба ҳам омадан, аз як гиребон сар бароварда барои пешрафту шукуфоии кишвар заҳмат мекашанд. Инак, соли 25-ум аст, ки мо ин санаи нишотоварро ботантана қайд менамоем.

Вале ҳамаи ин ба осонӣ ба даст наомадааст. Дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ чанде аз душманони миллати мо ва гумоштагони онҳо аз дохили кишвар, ки тобу тоқати дидани соҳибихтиёрии моро надоштанд, ҷанги бародаркушро ба кишвари мо таҳмил дода, мардумро ба қатлу ғорат, бархеро ба муҳоҷирату сарсонӣ гирифтор карда, мавзеъҳои ободро ба харобазор табдил доданд.

Хушбахтона, душманони мо ба ниятҳои зишти худ нарасиданд. Дуруст аст, ки ба шарофати ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ, ҳамчун ҳуҷҷати тақдирсоз, ки рӯзи 27-уми июни соли 1997 сурат гирифт, каишвари мо тавонист як марҳилаи душворро пушта сар намуда, пойдевори сулҳро гузорад.

Мутаассифона, як дастаи хоинони миллат, ки зери ливои Ҳизби наҳзати исломӣ муттаҳид шуда, дар амал як ячейкаи террористони байналмиллалӣ буданд, ҳатто баъди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ низ ором нагирифта, дар давоми чандин сол ба кирдорҳои нопоку душманонаи худ – тарконидани иншооту биноҳо, қатлу куштор ва террор идома дода, ҳатто якчанд маротиба ба кӯшиши табаддулоти ҳарбиву давлатӣ даст заданд.

Аз рӯи омори расмӣ, дар 5 соли ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон 150 ҳазор кас кушта, 1 миллион нафар гуреза, 55 ҳазор кӯдак ятим ва 25 ҳазор зан бесаробон монданд.

Сулҳ неъмати бебаҳотарин аст ва ҳифзу пойдории он вазифаи ҳаётан муҳим ва қарзи муқаддаси ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон мебошад.
***Эмомалӣ Раҳмон***

Ин ҷанг ба иқтисодиёти кишвар беш аз 10 миллиард доллар зиён расонд ва рушди мамлакатро чанд даҳсола ба ақиб партофт.

Дар бобати ба по хезондани давлати ба хоку хун оғӯшта, истиқрори сулҳу Ваҳдати миллӣ, гирфтани пеши роҳи душманони миллат, ки кори нопоки худро идома медоданд, таҳкими давлату давлатдорӣ пешрафти иқтисодиёт ва марҳила ба марҳила соҳиби зиндагии шоиста намудани мардум, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши калиди бозиданд ва мардуми кишвар дар гирди ин абармарди таърих бо ваҳдати воқеӣ муттаҳид шуда, кишвари моро ба ин рӯзи фирӯз ва оғози дастовардҳои оянда расонд.

Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳақ ба ҷониби шоир аст, ки гуфтааст:

*Зиндагии дар гираҳ афтодаро,*
*Берун аз чаҳли мураккаб ӯ намуд.*
*Аз шикасту пораву вайронаҳо,*
*Тоҷикистонро мураттаб ӯ намуд.*

*Кишвари дар хоку хун афтодаро,*
*Рӯи по хезондаву барнома дод.*
*Миллати моро ба ҳам овард ӯ,*
*Ваҳдати моро шаҳодатнома дод.*

Дар бораи хидмати таърихии Пешвои мо барои миллат бисёриҳо гуфтаанду навиштаанд. Аз ҳам бештар ба ҷасорати шахсӣ ва далериву шуҷоати Сарвари давлат бояд қоил шуд. Дар шароити кишвари мо ягон шахси дигар наметавонист чун Эмомалӣ Раҳмон ҷони худро ба гарав монда, барои баргардондани гурезаҳо ба Афғонистон равад, барои ба кор даровардани Неругоҳи барқи обии «Помир-1» ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сафар намояд. Ин ду сафари таърихӣ маънои онро дошт, ки Сарвари давлат ба халқаш сидқан наздик мебошанд ва ба тақдири ояндаи он заррае бепарвогӣ надоранд. Ҳатто **Аҳмадшоҳи Масъуд**, ки яке аз ҷасуртарин сарлашкарони дунё эътироф шудааст, дар ин бора гуфта буд: *«Ман дидам чӣ гуна Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҷон ба кафи даст, зери тиру туп ба Афғонистон омад. Роҳбаре, ки барои мардумаш ҷонашро дареғ намедорад, қодир аст сулҳ оварад. Бояд атрофи ӯ муттаҳид шуд ва манзалаташро гиромӣ дошт. Бадбахтии миллати мо – афғонҳо дар он буд, ки чу нин роҳбари ғамхор надоштем...».*

**Доналд Туск** сарвари вақти Шӯрои Аврупо низ дар ҳаққи Пешвои мо гуфта буд: *«Дар ҳақиқат, мардуми тоҷикро шахсияте роҳбарӣ мекунад, ки сокинони Сайёра дар орзуи чунин сарваранд – («Воистину таджикским народом руководить личность, о которой мечтают жители планеты»).*

Дар солҳои минбаъда тахти сарварии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон на танҳо харобазори ҷанги хонумонсӯз бартараф гашта кишвари мо ободу шукуфон шуд, балки ҳамаи соҳаҳои иқтисодиёт рӯ ба пешравӣ овард.

Дар давраи даҳ соли охир, ки баъди тармими харобаҳои ҷанг боз имкони бунёдкориҳо пайдо гашт, дар кишвари мо ба қадри зиёда аз 2000 мегаватт иқтидорҳои энергетикӣ ба кор сар карданд, зиёдтар аз 1 600 корхонаҳои саноатӣ, 2 200 километр роҳҳои мувофиқ ба стандартҳои байналмилалӣ, 220 километр роҳи оҳан бунёд ёфтанд. Дар ин давра соҳаи маориф ва ниг аҳдории тандурустӣ ба по хеста, рушду нумӯъ ёфт. Зиёда аз 3 030 муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ бунёд ва таҷдид

Барқарор шудани сулҳу субот ва ризоияти миллӣ дар сарзамини мо истиқлолияти Тоҷикистонро боз ҳам устувор гардонд, нури умед ба дили мардум роҳ ёфт, Ҳукумати ҷумҳурӣ имконият пайдо кард, ки татбиқи Барномаи иқтисодиро густариш диҳад.

***Эмомалӣ Раҳмон***

гардиданд, 28 муассисаи нави таҳсилоти олӣ кушода шуданд, 1 258 муассисаи нави тандурустӣ бунёд гардид.

Ободиву зебоии Душанбе имрӯз тасвирнопазир аст. Агар як даҳсола пеш мегуфтанд, ки Душанбе чунин шаҳри зебову муосир табдил меёбад, касе бовар намекард. Дар баробари бунёду таъмири роҳҳо ва кӯпрукҳо, қомат афрохтани биноҳои хуштарҳи замонавӣ, нав шудан ва хеле ба танзим даромадани нақлиёти мусофиркаши шаҳрӣ, дар муддати як давраи муайян дар шаҳри Душанбе зиёда аз 231 майдончаи варзишӣ ва 71 боғу хиёбонҳо мавриди баҳрабар дорӣ қарор гирифтанд.

Ҳама медонем, ки ин шукуфоӣ ва ин пешрафт самараи заҳматҳои Пешвои мо мебошад, ки дар назди миллат ва дар назди таърих вазифаи худро бо сарбаландӣ иҷро карда истодаанд.

Он чизе дар боло овардам, қатрае аз баҳр аст. Ҳоло ҷаҳон дар рӯ ба рӯи таҳаввулоти бузурги сиёсӣ ва иҷтимоӣ истодааст. Дар ин давраи муҳиму мураккаб моро лозим аст, ки дар атрофи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зичтар муттаҳид шуда, Ваҳдати худро чун арзиши миллӣ гиромӣ дорем.

Ҳамин тариқ, метавон гуфт, ки Созишномаи умумӣ аз лиҳози аҳамияти фавқулоддаи худ бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёрӣ ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт.

***Эмомалӣ Раҳмон***

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ МАҲСУЛИ АНДЕШАИ МИЛЛИИ МОСТ

***Ҳакимзода Абдуҷаббор Раҳим – Сардори Шуъбаи назорати сохторҳои низомӣ ва судҳои Раёсати назорати буҷет ва фондҳои давлатии Агентӣ***

*«Ба ибораи дигар, Вахдати миллӣ маҳсули андешаи миллии мост. Зеро маҳз андеша ва ҳуввияти миллӣ мардуми соҳибфарҳангу тамаддунсози тоҷикро водор сохт, ки сулҳу ваҳдатро барқарор карда, якпорчагии марзу буми кишварро ҳифз намояд ва миллатро аз парокандагӣ эмин дошта, барои рушди давлати сохибихтиёри худ шароити мусоид фароҳам оварад».*

***Эмомалӣ Раҳмон***



Баъд пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ, ҷумҳуриҳои иттифоқ бе ягон ҷангу ҷиддол истиқлолияти комили хешро ба даст оварда, барои бунёди ҷомеаи миллӣ хеш камари ҳиммат бастанд. Дар қатори ин давлатҳо 9 сентябри соли 1991 халқи бузургу соҳибтамаддуни тоҷик, баъди ҷоннисориҳои фарзандони фарзонаи миллат пас аз ҳазор сол соҳибистиқлол гардида, ин рӯзро бо ҳарфҳо заррин дар дар китоби таърих сабт намуд. Таърихи бою куҳан ва рӯҳи гузаштагони соҳибтамаддуни халқи тоҷик ҳар як фарзанди бо нангу номуси ватанро водор намуд, ки бо ифтихори миллӣ барои ояндаи дурахшон сарзамини хеш саҳми арзандаи хешро гузорад. Миллати моро зарур буд, ки дар шароити номусоидти иқтисодӣ зербинои давлатдории хешро бунёд намуда, бахри зиндагии арзандаи ҳар як сокини кишвар талош варзад. Мутаассифона бадхоҳони миллат аз берун ва дохили мамлакат бо баҳонаи вазъи номусоиди иқтисодиву сиёсии кишвар фароҳам овардани тартиботи демократиро шиори худ қарор дода, маҳалгароиро пеш гирифтанд. Шахсоне,ки ифтихори миллиашон дар зинаи паст қарор дошта, арзишҳои миллиро мадди назар қарор дода буданд, бозичаи дасти хориҷиён гардида, бар зидди миллати беғаразу сарҷамъи хеш, ҳатто падару бародар ва модару хоҳари хеш бархостанд.

Хоҷагони хориҷӣ, ки аз азал душмани асосии миллати тоҷик буданд бахри даст овардани ҳокимияти сиёсӣ ва идора кардани аркони давлатдории тоҷикон аз тамоми роҳу восита истифода бурда, ба ҷанги бемаъниии бародаркуш, ки мислашро таърих дар хотир

Бояд тазаккур дод, ки дар ин марҳила нерӯҳои гуногуни сиёсӣ дар Тоҷикистон пурра дарк намуданд, ки сулҳ ва истиқлолият бузургтарин дастовардҳои миллат ҳастанд ва дар баробари ин ду неъмати бебаҳо манфиатҳои маҳдуди ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва ғайра мақоми дуввумдараҷа доранд.

***Эмомалӣ Раҳмон***

надошт, замина гузоштанд. Дар натиҷа парокандагии миллат ба вудуд омада, барои ояндаи миллати тоҷик хатари бе ниҳоят калонро ба бор овард. Ҳазорон нафар аз фарзандони фарзонаи миллат зери даргириҳо монда қурбон шуда, ҳазорони дигар ба аз кишвар баромада рафтанд. Дар ҳамин гуна вазъият халқи моро зарур буд, то баҳри идора намудани кишвар марди тавоно, хирадманд, оқил, ташкилотчии моҳир, сиёсатмадори асил ва ҷасуру дурандешро интихоб намоянд. Бо ин мақсад дар қасри Арбоби шаҳри Худанд 16 ноябри соли 1992 Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба кори худ оғоз бахшида, марди дар ғураи ҳаёт обутоб ёфтаро бо чеҳраи асили тоҷиконаи нуронӣ яъне мухтарам Эмомалӣ Раҳмонро Раиси Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб намуданд.

Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон аз аввалин сонияҳои корӣ азму иродаи худро ба умдатарин масъалаҳои ҳастии халқу мамлакат таъмини сулҳу субот, муттаҳид кардани сокинони кишвар ва истеҳкоми ваҳдати миллӣ бахшида, ормонҳои чандинасраи миллат ва рисолати ҷамъиятию азалии халқи тодикро таҷассум намуданд. Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон савганд ёд карда, иброз доштанд, ки ман ба мамлакат сулҳ меорам, халқи заҳматкашро аз фоҷиаи ҷангу хунрезӣ наҷот медиҳам, ваҳдати мардумони гуногунмиллати кишварамонро таъмин менамоям.

Сарвари давлат бо ғурури тоҷикона ва қавли мардона бо мақсади барқарор намудани сулҳу амният ва ояндаи дурхашони миллат аз минбари Иҷлосияи XVI Шурои Олии Ҷумҳурӣ ба роҳбарони гуруҳҳои силоҳбадаст муроҷиат намуда, самимона иброз доштанд:

«Бародарони гиромӣ! Ҳоло тақдири Ватани азизамон – Тоҷикистон, ки ҳамчун як давлати тозаистиқлол, ҳуқуқбунёд ва демократӣ бояд арзи ҳастӣ бикунад, дар асоси торафт шиддат гирифтани вазъи сиёсию ҷамъиятӣ, бухрони амиқи сиёсӣ-иҷтимоӣ сахт дар хатар аст. Чанд рӯз аст, ки дар шаҳри бостонии Худанд намояндагони мардум дар Иҷлосияи XVI Шурои Олӣ ба хотири наҷоти Тоҷикистон ба хотима бахшидан ба ҷанги бародаркуш ба оҳанги сулҳу ризоият ва ҳамдигарфаҳмӣ муваффақ мешаванд. Бо ҳамин мақсад ва ба хотири воҳидияту ваҳдати тамоми халкҳои сокини Ҷумҳурӣ Шуморо 25-уми ноябри соли 1992, соати 14 барои иштирок дар кори Идлосияи Шурои Олӣ даъват менамоем. Ҳукумати Тоҷикистон бехатарӣ ва амнияти Шуморо таъмин менамояд».

Бо ҳамин мақсад дар саҳни Касри Арбоб «дусту душман» дар атрофи як дастурхон нишаста, азму иродаи худро дар ҷодаи истикрори сулҳ нишон доданд.

**Новобаста аз саъю талошҳо ва тадбирҳои андешидашуда,** дар гушаю канорҳои гуногуни Тоҷикистон тахрибкорӣ идома ёфта, имкон намедод, ки мардум зиндагии осоишта ба сар барад. Бинобар ин мухтарам Эмомалӣ Раҳмон боз бо забони сулҳпарастӣ ба онҳо муроҷиат намуданд: «Биёед, кинаю адоватро як су гузорем, ба гузашта салавот гуфта, ҳамдигарро бародарвор ба огуш бикашем ва силоҳ ба замин гузошта, ба меҳнати бунёдкорона машғул бишавем. Танҳо дар якҷояигию муттаҳидӣ метавонем, Тоҷикистони азизи худро аз вартаи нобудӣ раҳо намуда, ба давлати соҳибистиқлоли ғанию мутараққӣ табдил бидиҳем».

Ба шарофати саъю кушиши пайваста ва ҳаракатҳои пайгиронаи Сарвари мамлакатамон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ғояи ваҳдати миллӣ ба яке аз самтҳои сиёсати доимии давлат ва Ҳукумати Тоҷикистон табдил ёфт.

Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикстонро Пешвои муаззами миллат ҳамчун сароғози ҷараёни истиқрори сулҳ

Осоиши халқ, рушди давлат, таҳкими пояҳои истиқлолият ва ваҳдати миллӣ, обрӯйи байналхалқии мо, пеш аз ҳама ба таъмини волоияти қонун дар саросари мамлакат вобаста мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

баҳо дода ин нуктаро дар баромади хеш чунин қайд намудаанд. «Ман ҳамчун марди сиёсат, ки бо ҳукми тақдир, талаби замон ва бо иродаи халқ дар айни ҷӯшу хурӯши муқовимат, вақте ки тарафҳои муқобил ҳар рӯз аз ҳамдигар торафт бештар дур мешуданд, роҳбарии давлати мустақили Тоҷикистонро ба зимма гирифта, ба ғайр аз барқарор сохтани сулҳу созгорӣ дар ватани хеш вазифаи дигари олиро намедидам ва тайёр будам, ки барои ин тамоми корҳои заруриро кунам. Ман ҳанӯз зимни муроҷиати нахустинам ба халқи Тоҷикистон моҳи ноябри соли 1992 дар Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии ҷумҳурӣ, вақте ки тақдири миллат ва давлати тоҷикон ҳал мешуд, вазифаи асосӣ ва принсипҳои асосии сиёсати давлатиро муқаррар карда будам. Тарафҳои муқобил маҳз ҳамон вақт даъвати моро дар бораи дарки зарурати волоияти манфиатҳои миллӣ ва бартарии онҳо аз манфиатҳои ҳизбу ҷунбишҳо ва гурӯҳҳои алоҳидаи одамон ба хубӣ дарк намуда, бори аввал сари мизи музокирот нишастанд. Бинобар ин сароғози ҷараёни истиқрори сулҳро, ки баъдан соли 1993 давом дода шуд, воқеаи таърихии ҳаёти мардуми мо, яъне Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ дар шаҳри Хуҷанд шуморидан зарур аст.»

Воқеан ҳам ягона роҳи расидан ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ин бо роҳи мусолиҳатомез ҳал намудани масъалаҳои сиёсӣ буд. Аз ин лиҳоз солҳои 1995, 1996 дар шаҳри Кобул ва Хосдеҳи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон, соли 1995 дар шаҳри Теҳрони Ҷумҳурии Исломии Эрон соли 1996 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия, соли 1997 дар шаҳри Машҳади Ҷумҳурии Исломии Эрон ва соли 1997 дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон 1995 гуфтушуниди Президенти Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо роҳбарияти неруҳои мухолифин баргузор гардида, ба мусолиҳаи миллӣ ва ваҳдати воқеӣ заминаи мусоидро фароҳам оварда шуд.

Ҳамин буд, ки 27-уми июни соли 1997 дар шаҳри Москав дар ҳузури намояндагони мамлакатҳои ҷаҳон, аз он ҷумла Русия ва Эрон ва иштироки фаъолонаи Г. Мереем, намояндаи махсуси Муншии умумии СММ ҳуҷҷати умумии истиқрори сулҳ ва оштии миллӣ ба имзо расида, ба ихтилоф ва мунокишаҳои дохилии Тодикистон хотима дод.

Ба шарофати ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ, ҳамчун ҳуҷҷати таќдирсоз халқи шарифи тоҷик тавонист, ки ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ поя гузошта ба марҳалаи навини рушди Тоҷикистон оғоз намояд.

Ваҳдати миллӣ хамчун омили муттаҳидсозандаи тамоми мардуми Тоҷикистон шароит фароҳам овард, ки бо истифодаи арзишҳои неки инсонӣ дар ҷумҳуриамон таҳкурсии ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ гузошта шуда ба баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, ободӣ ва ояндаи давлати соҳибистиқлоламон заминаи мусоид муҳайё гардад.

Аз ин лиҳоз аҳли ҷомеаи Тоҷикистон ҳуҷҷати таърихии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллиро чун санади гаронбаҳои такдирсоз хуш истикбол карда, ин санаро ҳар сол дар тамоми каламрави мамлакат ҳамчун ҷашни миллӣ таҷлил менмоянд.

Имрӯз ҳар як фарди бо нангу номуси ватан шукрона аз он мекунад, ки дар фазои сулҳу субот ва орому осоиштагӣ умр ба сар мебарад. Маҳз ҷонфидоиҳои фарзандони фарзонаи миллат ва заҳмату талошҳои шабонарӯзии сарвари мамлакат муҳатрам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки мо имрӯз дар ҳавои беғубори ватан ормонҳои гузаштагони миллати хешро амалӣ намуда истодаем.

Бинобар ин ҳар як фарди хештаншиноссу худогоҳро зарур аст, ки ҳисси миллӣ ва

Фаъолияти тамоми ташкилотҳои давлатию ғайридавлатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ ва созмонҳои ҷамъиятӣ, муассисаҳои динӣ, умуман ҳар як шаҳрванд бояд фақат дар чорчӯбаи Конститутсия сурат гирад. Танҳо дар ҳамин ҳолат, мо метавонем ҷомеаи воқеан демократию мутамаддин бунёд намоем ва сазовори чунин ҷомеа бошем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

ватандустии хешро болотар аз ҳама гузошта сулҳу ягонагӣ ва ваҳдату ҳамдигарфаҳмиро чун гавҳараки чашм нигоҳ дорад ва нагузорад, ки он халалёб шавад. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни ироаи Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гуфтанд: «Ҳифзи ин гавҳари бебаҳо аз ҳар яки мо саъю талош ва кӯшишу ғайрати шабонарӯзӣ, нангу номуси миллӣ, заҳмати содиқонаву фидокорона ва муҳимтар аз ҳама, иттиҳоду сарҷамъӣ мехоҳад. Дар шароити ниҳоят мураккабу ҳассоси ҷаҳони муосир мо бояд ҳамеша дар паҳлуи якдигар бошем ва ҳамдигарро дастгирӣ кунем, зеро ин хислати нек ба мову шумо аз гузаштагони некномамон ба мерос мондааст.»

Ман аз фурсати муносиб истифода намуда, кормандони Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дар симои онҳо тамоми мардуми шарифи ватанамро бо Рӯзи Ваҳдати миллӣ аз самими қалб табрику таҳният гуфта хоҳони онам, ки зери сиёсати оқилона ва дурбинонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сулҳу ваҳдат, ҳамдигарфаҳмӣ, иттиҳоди миллӣ ва якпорчагии ватани азизу маҳбубамон Тоҷикистон пояндаву ҷовид бод!

Дар остонаи асри XXI аз нав ба ҳам омадану ба сулҳу оштӣ рӯй овардани тоҷикон худ як падидаи нек аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# САНАДИ ТАҚДИРСОЗИ СУЛҲ РАМЗИ ВОҚЕИИ БАҲАМОИВУ САРҶАМЪИИ МИЛЛАТ

***Маҳмадзода Фаридун Маҳмад – сардори Раёсати назорати субъектҳои хоҷагидорӣ, сармоягузорӣ ва қарзҳои давлатии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***

*«Санади тақдирсози сулҳ рамзи воқеии баҳамоиву сарҷамъии миллат, рамзи иттиҳоду ягонагии мардум, рамзи пирӯзии ақлу заковати солим ва тантанаи сулҳу субот дар саросари кишвар гардида, моро ба кохи бегазанди ваҳдати миллӣ расонид ва роҳи ояндаро ба сӯи татбиқи нақшаҳои бузурги созандагӣ ва ҳадафҳои наҷиби бунёдкорӣ оғоз кард».*

***Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –***
***Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон,***
***муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон***



Ҳар як фарди бо нангу номуси ватан шукрона аз он мекунад, ки имрӯз дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ умр ба сар мебарад. Халқи соҳибтамаддуни тоҷик бо масхулияти том дарк намудаанд, ки сулҳу Ваҳдат роҳи ягонаи пешрафту тараққиёт ва ободии давлату миллат мебошад. Вале ин дарки маънавии сулҳу субот дар натиҷаи сабақи талхи таърих яъне пас аз ҷанги беамони бародаркушӣ, ки он харобӣ, марг ва бесарусомониро ба вуҷуд оварда буд, ба амал омад. Агар ба таърих назар афканем ба таври возеҳ маълум мегардад, ки халқи тоҷик аз азал сулҳпарвару инсондӯст буда, дар фазои ҳамдилию ягонагӣ умр ба сар бурдаанд. Баъди ба даст овардани соҳибистиқлолӣ баъзе аз фарзандони миллат ба фиребу найрангҳои хоҷаҳои хориҷӣ фирефта шуда, бехабар аз он, ки бозичаи дасти дигарон гаштаанд фазои сулҳу суботи хонаи умеди ҳар як тоҷики руи дунё яъне Тоҷикистонро тира намуданд.

Хушбахтона фарзанди фарзонаи миллат қаҳрамонии воқеии халқи тоҷик муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимоми давлатдорирро ба дасти хеш гирифта, поягузори сулҳу ваҳдат ва якпорчагии ватани азизамон гардид. Ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихории миллӣ сарвари мамлакатро водор намуд, ки ҷони ҷавони хешро дар хатар гузошта баҳри адои қарзи фарзандии хеш дар назди ниёгони халқи

Мардуми тоҷик пас аз он ки фоҷиаи сахти миллиро паси сар кард, ҳоло ба шинохти ҳастии хеш оғоз намуда, зарурати ваҳдати миллӣ ва ҳифзи якпорчагии давлати миллиро беш аз пеш дарк намудааст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

тоҷик ба ҳама таҳдиду фишорҳои душманони миллат мардонавор истодагарӣ намуда, миллатро аз парешонӣ наҷот диҳад. Чуноне, ки Пешвои муаззами миллат дар он лаҳзаҳои барои миллат ҳасос мардонавор қайд намуда буданд «…Ман қасам ёд мекунам, ки тамоми донишу таҷрибаамро барои дар ҳар хона ва ҳар оила барқарор шудани сулҳ равона карда, барои гулгулшукуфии Ватани азизам садоқатмандона меҳнат мекунам. Барои ноил шудан ба ин нияти муқаддас, агар лозим шавад, ҷон нисор мекунам, чунки ман баояндаи дурахшони Ватанам ва ҳаёти хушбахтонаи халқи азияткашидаам бовар дорам».

27 июни соли 1997 – баъди 8 даври гуфтушуниди байни Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва тарафи мухолифин, дар ш. Москва, аз ҷониби Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари иттиҳодияи мухолифини тоҷик Саид Абдуллои Нурӣ «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» ба имзо расид. Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» мамлакатро аз таҳдиди нестшавӣ ва мардумро аз парокандашавӣ нигоҳ дошт.

27 июн тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ҳамчун «Рӯзи Ваҳдати миллӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иди расмии давлатӣ табдил ёфтааст ва ҳар сол халқи шарафманди тоҷик онро бо шукуҳу шаҳомати хоса ҷашн мегиранд.

Ҳарчанд, ки ба даст овардани сулҳ ва ризоияти миллӣ раванди бисёр вазнину сангин ва тӯлониву пурмашаққат буд, вале хушбахтона ҷаҳду талоши фарзандони содиқи халқи тоҷик бо сулҳу оштӣ ва ваҳдату ягонагӣ анҷом пазируфт, ки он имрӯз ҳамчун таҷрибаи нодири ҷаҳонӣ эътироф шудааст.

Мояи ифтихори мост, ки сулҳи тоҷиконро ҳамчун сабақи таърихӣ барои расидан ба сулҳ ва пойдории он дар баҳамоии қавму мазҳаб, мунокишаҳои қисме аз кишварҳои рӯи олам истифода мебаранд. Сулҳи тоҷикон барои ҳар сокини солимфикри кишвар азизу гиромӣ буда, пойдору устувор нигоҳ доштани он вазифаи шаҳрвандии ҳар як соҳибватан аст.

Осудагию оромӣ, тинҷию амонӣ, шукуфоиву сарсабзӣ, ободониву фаровонӣ, рушди бомароми иқтисодиёту иҷтимоиёти кишвар, беҳтар шудани сатҳи зиндагии мардум, сол ба сол паст шудани сатҳи камбизоатӣ, таъмини амнияти миллӣ, тақвияти рукнҳои давлатдорӣ, дифоъ аз ҳуқуқу озодиҳо, таҳкими мавқеи давлат дар арсаи байналмилалӣ, риоя ва иҷрои талаботи Конститутсия ва қонунҳо, яъне волоияти қонун ва ба ин васила ташаккул ва рушди давлати ҳуқуқбунёду демократӣ, расидан ба ҳадафҳои стратегӣ ва афзалиятҳои миллӣ ва амсоли инҳо мафҳумҳое мебошанд, ки маҳз ба шарофати ваҳдати миллӣ ба даст омада, зина ба зина ташаккул ва рушд ёфта истода, Истиқлолияти давлатиро устувортар гардонида истодаанд.

Мутасифона ҳануз ҳам шахсон ва гуруҳҳои алоҳидае мавҷуданд, ки ваҳдату ягонагии моро мехоҳанд халалдор намоянд. Созмону ташкилотҳои мамнуъ дар сомонаҳои интернетӣ, маълумотҳои бардуруғ бо мақсади паст задани мавқеи давлати тоҷикон ва шаҳрвандони онро дар миқёси байналхалқӣ ва минтақавӣ пахн менамоянд. Инчунин, гуруҳҳои мазкур барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ ба куштору бетартибиҳои омавӣ дар кишварамон даъват менамоянд.

Бинобар ин ҳар як фарди ватандусту хештаншиносро зарур аст, ки ифтихори миллии хешро дар мадди аввал гузошта бахри пойдории сулҳу субот ва якпорчагии ватан камари ҳиммат бандад.

Ҳар касе, ки ниҳолеро сабзонда бошад, медонад: дарахт соле як бор ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Ин ниҳол ниҳоли дӯстӣ ва ваҳдат аст. Мо меваи ширини ин ниҳоли сабзондаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид ва мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша бар решаи он расад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар навбати худ мо кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмии миллӣ, бо нишони арҷгузорӣ ба гузаштагони халқи тоҷик зери сиёсти хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бахри ояндаи ҳамин миллату сарзамин ва пешрафту шукуфоии Тоҷикистони азиз бо сари баланд ва ғурури тоҷикиона саҳми арзандаи хешро мегузорем.

Имсол, ки мо 25-умин солгарди ваҳдати миллиро ҷашн мегирем мехоҳам аз фурсати муносиб истифода бурда, халқи шарифи Тоҷикистонро бо ин иди якдилӣ ва ягонаӣ, бародариву ҳамбастагӣ табрику таҳният гуфта, хонаи обод ва сулҳу суботи ҷовидониро таманно дорам. Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудаанд: «Бигзор мардуми шарифи Тоҷикистон бо шукргузорӣ аз сулҳу субот, фазои осудаи мамлакат ва пойдории истиқлолияти Ватан, бо меҳнати бунёдкоронаи хеш кохи бегазанди ваҳдати миллиро обод нигоҳ дошта, ба сӯи фардои дурахшон ободу осуда қадамҳои устувор гузоранд!

Бигзор осмони соф, сулҳу суботи поянда, дастовардҳои ваҳдати миллӣ, ормонҳои волои истиқлолият ва ҳадафҳои наҷиби созандагӣ илҳомбахши рӯзгори осудаҳолонаи мардуми кишвари мо бошанд!

Ваҳдати миллӣ муборак ҳамдиёрони азаз!

Бузургтарин масъалае, ки имрӯз дар назди аҳли башар меистад, ҳифзи сулҳ ва пешгирии ҷангҳои офатбор дар саросари ҷаҳон мебошад.
*Эмомалӣ Раҳмон*

# АСОСГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ПЕШВОИ МИЛЛАТ, ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН, МУҲТАРАМ ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ДАР ЭҲЁИ СУЛҲ ВА ВАҲДАТИ МИЛЛӢ!

***Носирӣ А.Қ. – сарнозири калони раёсати таҳлили хавфҳои коррупсия ва пешгирии ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионии Агентӣ, подполковники адлия***



Пас аз анҷоми Иҷлосияи таърихии XVI-уми Шӯрои Олӣ, Раиси навинтихобшудаи Шӯрои Олӣ Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро барои таъмини сулҳ, баргардонидани муҳоҷирин ба Ватан ва шурӯи музокирот бо мухолифини собиқ равона намуд.

Ҳамин буд, ки ӯ аз рӯзи нахустини ба ҳайси Раиси Шӯрои Олӣ интихоб шуданаш, савганд ёд намуда гуфт: «…Кори худро аз сулҳ сар хоҳам кард…»

Иқдоми Эмомалӣ Раҳмон дорои аҳамияти ниҳоят бузург буд, зеро ӯ миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накард ва савганд хӯрд, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан бармегардонад, миллатро сарҷамъ намуда, ҳама дар якҷоягӣ дар заминаи Ваҳдати миллӣ Тоҷикистони соҳибистиқлолро созанд.

Бо ин изҳороти худ фарзанди фарзонаи миллати тоҷик, Пешвои муаззами миллат, Эмомалӣ Раҳмон аз ибтидо дарҳоро барои музокира кушод ва ин заминаи бисёр муҳим барои дар оянда шурӯъ шудани музокироти байни тоҷикон гардид. Ҳамчунин Сарвари давлат дар натиҷаи музокироти сулҳ Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистонро имзо карданд.

Аз ин бармеояд, ки расидан ба сулҳ кори басо душвор ва ниҳоят мураккаб буд.

«Таърих гувоҳ аст,– менависад Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон,– ки тӯли ҳазорсолаҳо оини давлату давлатдории тоҷикон сахтиҳои хорошикани таназзулу эҳё шуданро борҳо аз сар гузаронида, аз дунболи ҳар шикасту инқироз, боз эҳёшавӣ ва камолоти афзунтарро ноил гаштааст…»

Қобили зикр аст, ки дар ин роҳи басо душвор шуҷоату ҷасорати нотакрор доштани

Мо дар оғози марҳилаи бузургтарини таърихи инсоният қарор дорем ва вақти он расидааст, ки бани одам идораи хирадмандонаи сайёраро омӯзад. Умеди мо бар он аст, ки асри нав даврaи бунёдкориву созандагӣ, корнамоиҳои беназири меҳнатӣ, кашфиётҳои беамсоли илмӣ ва тараққиёти босуръати инсоният мегардад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Эмомалӣ Раҳмон, фаросати азими мардумпарваронааш, ватанпарастӣ ва миллатдӯстиаш боиси он гардид, ки ӯ ҷони худро ба гарав монда, барои таъмини ваҳдат ва барқарории сулҳ дар Тоҷикистон сафарҳои пурхатар намуда, сулҳу ваҳдатро дар кишвар барқарор намуд.

Яке аз солҳои бениҳоят душвор ва сарнавиштсози гуфтушунидҳо соли 1995 маҳсуб меёбад, ки дар ин сол аввалин бор музокироти сатҳи олӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин дар шаҳри Кобули Ҷумҳурии Исломии Афғонистон баргузор гардид.

Пас аз баргаштани ҳайати ҳукуматии Тоҷикистон ба Душанбе, шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд, вазири дифои даврии Афғонистон дар мулоқот бо хабарнигорон аз хусуси мавқеи гуманистӣ ва ватандӯстона доштани Раиси Ҷумҳури Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ёдовар шуда гуфтааст: – «Роҳбари Тоҷикистонро ман ҳамчун шахсияте дарёфтам, ки халқи кишвараш, миллати тоҷикро, ватанаш Тоҷикистонро хеле амиқ ва самимона дӯст медорад, барои беҳбудии халқу марзу бумаш омодааст ҷонбозиҳо кунад, бо чунин Раис тоҷикон ҳатман ба сулҳу оштӣ даст хоҳанд ёфт».

Музокироти бениҳоят душвори дигари сатҳи олӣ зимистони соли 1996, дар яке аз деҳаи дурдасти афғонӣ – Хустдеҳ сурат гирифт, ки дар заминаи он Протокол дар бораи танзими авзои ҳарбию сиёсии минтақаҳои доғ дар 8 банд таҳия ва ба имзо расид. Президенти Тоҷикистон дар ин музокирот пешниҳод намуд, ки ҷиҳати таъмин ва таҳкими сулҳ дар Тоҷикистон бояд Комиссияи Оштии Миллӣ таъсис дода шавад ва роҳбари он бояд намояндаи мухолифин бошад.

Чунин пешниҳоди ҷасурона дар он давра кори осон набуд. Дар маҷмӯъ, аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар кишварҳои гуногун вохӯриҳо идома ёфтанд ва муяссар шуд, ки барои амалӣ намудани ҳадафҳои сулҳ 9 даври музокирот, 6 вохӯрии сарон ва 21 маротиба гуфтушунидҳо анҷом дода шаванд, ки дар натиҷаи онҳо 40 ҳуҷҷати тақдирсози миллат ба имзо расонида шуд.

Дар ҷараёни гуфтушунидҳо тоҷикон ба хубӣ дарк намуданд, ки ҷанги таҳмилӣ бояд фавран қатъ гардад, зеро ин даргирии бародаркуш миллати тоҷикро метавонист аз байн барад ва ба давлатдории тоҷикон хотима бахшад. Бегонагоне, ки ин ҷангро ба сари миллат таҳмил карданд, маҳз таназзулу нобудии давлатдории тоҷиконро мехостанд, аммо хушбахтона ба ин ниятҳои нопоки худ ноил нагардиданд.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москваи Федератсияи Россия ба имзо расид, ба ҷаҳониён нишон дод, ки миллати бофарҳанг, ватандӯст, сулҳхоҳ ва сулҳпарвари тоҷик дар он давраи хеле сахт ва мудҳиш тахти роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон якпорча шуд, роҳи музокироти сулҳро пеш гирифт, аз ақлу фарҳанги азалии хеш истифода намуд, аз роҳи ба тариқи зӯрӣ ҳал кардани мушкилоти сиёсӣ ва иҷтимоӣ даст кашида, сиёсати пешгирифтаи Сарвари давлатро ба хотири таъмини сулҳи сартосарӣ самимона дастгирӣ намуд.

Имзо ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷомеаи мо раванди Ваҳдати миллӣ, худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ба мисли парчам ва нишонҳои миллӣ, демократикунонӣ, таҳаммулпазирӣ ва гуногунандеширо тақвият бахшид ва сулҳи тоҷиконро пойдор кард.

Инак, таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон, ки асосгузори он Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мебошад, имрӯзҳо вирди забони ҷомеаи байналмилалӣ гашт.

Тавре, собиқ Котиби Генералии Созмони Миллали Муттаҳид Кофи Аннан иброз медорад: «Тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи

Хушбахтона, мо дар кишвари худ барои сулҳи пойдор ва ҳаёти осоиштаи ҷомеа заминаи боэътимод гузошта тавонистем, вале агар мо хоҳем, ки мамлакати мо ҳамвора тараққӣ карда, ба сафи давлатҳои пешқадами дунё ворид гардад, наслҳоиояндаамон зиндагии сазовор дошта бошанд ва аз падарону модарони худ ба некӣ ёд кунанд, бояд ҳаргиз ба халалдор шудани сулҳу субот роҳ надиҳем ва бақову пойдории давлати миллиро пайваста таъмин намоем.

***Эмомалӣ Раҳмон***

сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон овარданд».

Президенти Федератсияи Россия – Владимир Путин ба таҷрибаи сулҳоварии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳо дода, баён менамояд, ки «Эмомалӣ Раҳмон дар байни сиёсатмадорони ИДМ яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол менамояд. Ҳар он чӣ ки дар Тоҷикистон ба амал меояд, барои бисёр халқҳо ва кишварҳо намунаи ибрат аст».

Дар ҳамин радиф Президенти Ҷумҳурии Белорус – Александр Лукашенко низ самимияти худро нисбат ба таҷрибаи сулҳоварии Роҳбари давлати тоҷикон нишон дода, чунин мегӯяд: «Тоҷикони сарбаланду меҳнатдӯст, боистеъдод ва меҳмоннавоз воқеан ҳам бо ҳамватани худ – Эмомалӣ Раҳмон ифтихор мекунанд. Сиёсати оқилона ва созандаеро, ки ин марди хирад, сиёсатмадори тавоно пеш мебарад, кишварашро аз маҳвшавӣ ҳифз кард ва ба ин сарзамин сулҳу осоиш овард».

Мисраҳои зер баёнгари нишоту шодмонӣ ва шукргузорӣ аз ин неъматҳои худодод буда, орзуву омоли ҳар як тоҷику тоҷикистониро бароварда месозанд:

*Ба сулҳи сарзамини тоҷикон шукрона бояд кард,*
*Зи бедорӣ аз ин хоби гарон шукрона бояд кард.*
*Паи ваҳдат бикӯшид он,*
*ки меҳри Тоҷикистон дошт,*
*Зи фарзандони оқили замон шукрона бояд кард.*

Имрӯз мардуми Тоҷикистон ба Эмомалӣ Раҳмон на ҳамчун ба Сарвари давлат, балки ҳамчун ба як наҷотбахши давлат, сарҷамъкунандаи миллат, кафили сулҳу ваҳдат, эҳёгари фарҳанги миллӣ, бунёдгузори мактаби давлатдории муосири миллӣ ва дар маҷмӯъ, ҳамчун ба меъмори давлатдории навини тоҷикон ва пешвои эътирофшудаи умумимиллӣ менигаранд.

Ин аст, ки дар Тоҷикистони имрӯза ҷонибдорӣ аз Эмомалӣ Раҳмон маънои васеътар аз ҷонибдорӣ аз Сарвари давлатро гирифтааст, ҷонибдорӣ аз Пешвои миллат ба маънои ҷонибдорӣ аз ояндаи устувори давлатдории миллӣ, аз истиқлолияти сиёсӣ ва фикрии миллат, аз низоми давлатдорӣ, аз суботу амнияти ҷомеа ва ҷонибдорӣ аз ваҳдату сарҷамъии миллат мебошад.

Зеро сиришти мардумӣ, эҳсоси худӣ, иродаи қавӣ ва таҷрибаи бузурги Эмомалӣ Раҳмон қалби ҳар як шаҳрвандро саршор аз ҳисси боварию эътимод ба фардо, баояндаи фарзандони худ ва ба дурнамои давлату миллат менамояд.

Ин ҳолати нодирест, ки мардум ба роҳбари худ ҳамчун ба худ, бештар аз худ, боварӣ ва эътимод дорад.

Ин аст моҳияти Пешвои миллат будан.

*Сиёсат ба дастони марди Худост,*
*Ҳар он кас надонад, ниҳодаш хатост.*
*Миёни ҳазорон сиёсатмаоб,*
*Ягона ҷавонмарди оличаноб.*
*Баромад, ҷиҳоди ватандорӣ кард,*
*Дили халқи тоҷик зи ҷанг орӣ кард.*

Маҳз бо азму ирода ва талошҳои пайгиронаю сулҳофари Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки бо оби рӯди муҳаббату дарёи дилаш оташи ҷанги хонумонсӯзро хомӯш кард, имрӯз дарахти сулҳу ваҳдати тоҷикон меваҳои шаҳдборе ба бор овардааст. Ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, фарҳангиву маънавӣ, ислоҳоти рукнҳои давлатдорӣ аз рӯи принсипҳои соҳибихтиёрӣ, демократӣ, ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягонагии Тоҷикистон, қонунияту тартибот ва амният ба ҳадди бузург мустаҳкам гашта истодааст.

Рӯзи ваҳдат дар байни ҷашнҳои миллии мо мақоми хоса дорад. Чунки мо ба ин рӯзи пурсаодат ба ивази зиёни бузурги моддию маънавӣ, ҳазорон ҷони қурбоншуда, заҳмату машаққат ва сабру таҳаммули зиёд расидаем. Маҳз аз ҳамин лиҳоз, ба имзо расидани ин санади воқеан тақдирсоз яке аз саҳифаҳои муҳимтарини таърихи навини кишварамон ба ҳисоб меравад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дастовардҳои қобили мулоҳиза ва арзандаи ситоиши кишвари азизи мо дар замони соҳибистиқлолӣ зиёданд. Бегуфтугӯ, кулли дастоварду комёбиҳо ба номи абармарди олами сиёсат – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон марбут буда, арҷгузорӣ ба онҳо қарзи виҷдон ва рисолати инсонии ҳар тоҷику тоҷикистонӣ маҳсуб меёбад.

Насли навраси мо, ки таваҷҷуҳи Пешвои миллат ба онҳо бениҳоят зиёд аст, бояд дарк созанд, ки тундравию худхоҳӣ, мансабталошӣ, ҷангу хунрезӣ ва сарфи назар намудани қонуну тартибот метавонанд пайомадҳои ногувор ба бор оранд.

Дар шароити кунунӣ моҳияти Ваҳдати миллӣ он қадар фузун шудааст, ки дар доираи як матлаб баён кардани он ғайриимкон аст. Далели бебаҳс ин аст, ки маҳз ҳамин неъмати бебаҳо ба мардуми тоҷик неруву тавоноии нав бахшид, дар қалби ҳар сокини кишвар шуълаи умедро ба фардои ободу осуда фурӯзон намуд ва қалбҳои хурду бузурги мамлакатро пур аз шодиву фараҳ гардонид.

Боиси ифтихори ҳар тоҷику тоҷикистонист, ки Ваҳдати миллии мо аз ҷониби ҷомеаи ҷаҳонӣ бозёфти нодир эътироф гардида, дар доираҳои илмӣ ва сиёсии дохиливу байналмилалӣ мавриди таҳлилу омӯзиши амиқ қарор дорад.

Рӯйдодҳои имрӯзаи ҷаҳони муосир, хусусан ҷаҳду талоши гурӯҳҳои ифротӣ дар робита ба ҷалби ҷавонон ба сафҳои худ, андешаеро дар бобати он ки насли ҷавони кишвар бояд сулҳу ваҳдатро ҳамчун ҷузъи муҳимтарину ҷудоинопазири фарҳанг ва ҳувияти миллӣ қабул намоянд, лаҳза ба лаҳза тақвият мебахшад.

Ба ин васила, мо моҳияти Ваҳдати миллиро фарогиру устувор мегардонем ва шароит фароҳам месозем, ки он ҳамчун як унсури муҳимтарини худшиносии миллӣ дар байни ҷомеа ҳарчи бештар густариш пайдо намояд.

Ҳоло кулли тоҷику тоҷикистониён, сарфи назар аз мансубияти милливу динӣ ва ақидаи сиёсии худ, дарк намудаанд, ки рушди ҷомеа ва амалишавии орзуҳояшон дар сурати пойдории сулҳу субот ва Ваҳдати миллӣ имконпазир аст.

Ноороми ҳои кишварҳои ҷаҳон ҳар яки моро водор месозанд ба хотир орем, ки чунин рӯзҳои ниҳоят сахту сангин ба сари мо ва сарзамини мо низ омада буданд.

Аз ин лиҳоз, бояд ба ҳар гуна омилҳои номатлуб ва найранги доираҳои манфиатхоҳи бегона фирефта нагардем, беш аз пеш зирак ва бахри ҳифзи манфиатҳои давлату миллат фаъол бошем. Бар зидди таассубу хурофот, ифротгароии динӣ, экстремизм ва паҳн гаштани фасод, ки дар мамлакатҳои гуногуни ҷаҳон доман густурда, ҳамчун вабои аср ба амнияти минтақаву давлатҳои алоҳида ва умуман, ҷомеаи ҷаҳонӣ таҳдиди воқеӣ ба вуҷуд овардаанд, мубориза и оштинопазир барем.

Албатта, дар бораи корнамоиҳои Пешвои миллат, мафҳум ва моҳияти Ваҳдати миллӣ ҳар қадар ҳарф занем, яқин аст, ки як ҳиссаи онро дар умум ифода карда наметавонем.

Аз ин рӯ, бояд беш аз пеш ба қадри заҳмату хизматҳои муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бирасем, дар атрофи андешаву ғояҳои ин абармард муттаҳидтар гардем ва исбот намоем, ки меросбари воқеии таъриху фарҳанги миллати тоҷик буда, нисбат ба фардои фарзандон бетараф нестем.

Пешвои миллат дар яке аз суханрониҳояшон таъкид кардаанд: «Дастоварди бузурги таърихӣ – Ваҳдати миллиро гиромӣ доред, онро эҳтирому эҳтиёт кунед, ояндабину дурандеш бошед, парчами ваҳдатро баланд бардоред, ба Ватани маҳбубамон содиқу вафодор бошед ва ҳар порчаи сарзамини аҷдодиро чун ҷони худ азизу чун модар дӯст доред».

Ин суханони пурҳикмат бояд сармашқи кори ҳар кадоми мо бошанд.

Баъди мухолифати мусаллаҳона, ки ба таърихи чандинҳазорсолаи халқи мо ҳамчун давраи бисёр фоҷиабор дохил гардид, рӯзи сулҳу оштӣ ва пирӯзии хиради миллати солори тоҷик фаро расид.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ТАРЗУ УСУЛҲОИ ОШКОР НАМУДАНИ ОМИЛҲОИ БАВУҶУДОВАРАНДАИ КОРРУПСИЯ ДАР САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ ВА ЛОИҲАҲОИ САНАДҲОИ МЕЪЁРИИ ҲУҚУҚӢ

***Сайфиддинзода Нуриддин Сайфиддин – Нозири калони раёсати экспертизаи зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳои Агентӣ, лейтенанти адлия***



Асосгузори сулху ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон «коррупсияро яке аз хатарҳои асосии ҷомеа шуморида, онро ҳамчун воридсозанадаи халали ҷиддӣ ба пешрафти соҳаҳои мухталифи ҳаёти давлату ҷамъият шумориданд». Ҳамзамон таъкид намуданд, ки «ба роҳ мондани мубориза қатъӣ бо амалҳои коррупсионӣ шарти муҳими фароҳам овардани фазои ҳамдигарфаҳмӣ дар ҷомеа ва таҳкими эътимоди мардум нисбат ба сохтору мақомоти давлатӣ мебошад».

Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввалини Истиқлолияти давлатӣ ҳамчун ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз хатари ин падидаи номатлуб эмин ва дар канор набуда бахри ба роҳ мондани муқовимат ба коррупсия ва аз байн бурдани сабабу шароитҳои ба он мусоидаткунанда тадбирҳои заруриро амалӣ намуда истодааст.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти муқовимат ба коррупсия ба тасвиб расонида шудаанд, ки онҳо заминаҳои муайяни хуқуқӣ ва амалиро дар ин самт фароҳам оварда, дар пешгирӣ ва бартараф намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мусоидат менамоянд.

Дар таҷрибаи ҳуқуқии кишвар нахустин маробита санаи 21 июли соли 1999 таҳти №1262 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия (ришвахӯрӣ)» ба тасвиб расида, ҷиҳати амалисозии воқеии муқовимат алайҳи ин зуҳурот санаи 10-уми декабри ҳамон сол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул карда шуд, ки минбаъд қонуни мазкур бо ба ино-

Бо қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ҷаҳониён бори дигар эътимод ҳосил карданд, ки тоҷикон дар ҳақиқат яке аз миллатҳои куҳанбунёди дунё, фарҳангсозу хирадманд ва сулҳхоҳу ботаҳаммул мебошанд. Бо имзои ин санади таърихӣ мо дар кишвари худ ба муқовимати мусаллаҳона хотима бахшида, сарзаминамонро аз харобӣ, миллатамонро аз парокандагӣ ва Ватанамонро аз нобудӣ наҷот додем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

бат гирифтани уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар таҳрири нав санаи 7-уми августи соли 2020, №1714 таҳия ва қабул карда шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарки сарпвақтии оқибатҳои ногувори хатари коррупсия соли 2006 Конвенсияи СММ зидди коррупсияро ба имзо расонида, онро соли 2008 тасдиқ намуд. Ин раванд боиси он гардид, ки Конвенсияи мазкур ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии кишвар эътироф гардад.

Дар боби дуюми Конвенсияи СММ зидди коррупсия «чораҳои пешгирии коррупсия» муқаррар карда шудаанд. Мутобиқи қисми 3 моддаи 5 ҳамин Конвенсия пешбинӣ карда шудааст, ки давлатҳои иштирокчӣ бояд мунтазам баҳодиҳии ҳуҷҷатҳои ҳуқуқии худро вобаста ба пешгирӣ намудани омилҳои коррупсионӣ роҳандози намоянд.

Мутобиқи Конвенсияи мазкур ва моддаи 14 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» яке аз чораҳои самараноки пешгирии коррупсия гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад.

Зеро дар низоми чораҳои комплексии муқовимат ба коррупсия – экспертизаи зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқи ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқи мавқеи муҳимро ишғол намуда, барои бартараф намудани заминаҳои ҳуқуқии содиршавии коррупсия чораҳои дахлдорро амалӣ менамояд.

Мусаллам аст, ки номукаммалии қонунгузории амалкунанда ва қабулшаванда, холигии меъёрӣ дар он инчунин, духура ифода гардидани меъёрҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо ба содир намудани амалҳои коррупсионӣ ва дар ин замина қабул намудани қарорҳои дорои хусусияти умумиҳатмидоштаи ғайриқонунӣ замина мегузорад.

Гузаронидани экспертизаи зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо ҷиҳати пешгирӣ, ошкорнамоӣ ва бартарафнамоиҳои омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мусоидат намуда, дар ин замина шароит фароҳам меорад, ки омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо бартараф карда шаванд.

Зимнан, бояд қайд намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати демокративу ҳуқуқбунёд эътироф шудааст. Хусусиятнокии ҳуқуқбунёд будани кишвари мо дар он ифода меёбад, ки тамоми муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи соҳаҳои фаъолият маҳз мутобиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба танзим дароварда мешавад. Дар чунин давлат ягон соҳаи муносибати ҷамъиятие нест, ки берун аз танзими ҳуқуқӣ қарор гирифта бошад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фарогири доираи номуайяни шахсон ва муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, ҳуқуқ манфиатҳои шаҳрвандонро ифода намуда, ба амалишавии онҳо мусоидат мекунанд.

Дар ин маврид мавҷуд будани омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо метавонад боиси поймолшавии қонунии ҳуқуқҳои шаҳрвандон гашта, раванди танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятиро дар ҳолати ногувор қарор диҳад.

Фаъолияти босамари экспертизаи зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо барои ҷой гирифтани омилҳои коррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо монеъагӣ зоҳир намуда, барои бартарафсозии муқовимат ба коррупсия дар ин самт шароит фароҳам меорад.

Зарурият ва аҳамиятнокии гузаронидани экспертизаи зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳоро дарк на-

Зеро тавре 27-уми июни соли 1997 дар маросими имзои Созишнома дар ҳузури намояндагони баландмақоми як қатор кишварҳо ва созмонҳои бонуфузи байналмилалӣ изҳор карда будам, таҷрибаи талхи мо собит намуд, ки ба сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ танҳо бо роҳи осоишта, яъне музокира расидан имкон дорад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

муда, дар мамлакат санаи 28-уми декабри соли 2012, №925 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба тасвиб расонида шудааст, ки он асосҳои ҳуқуқӣ ва ташкилии гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади дар онҳо ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва андешидани чораҳои бартараф намудани ин омилҳоро танзим менамояд.

Дар таҷрибаи ҳуқуқии кишвар қабул намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қадами устувори ҳуқуқиро дар самти тарзу усулҳои ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия гузошт.

Тарзу усулҳои ошкор намудани омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳукуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳукуқӣ тибқи тартиби муқаррарнамудаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳукуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2014, №355 «Дар бораи Тартиби гузаронидани экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти умумиҳатмидоштаи вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ва лоиҳаҳои онҳо, арзёбии дохилиидоравии зиддикоррупсионии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ба амал бароварда мешавад.

Мутобиқи Қонуни болозикр омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва намудҳои алоҳидаи онҳо муайян ва шарҳ дода шудаанд.

Тахти мафҳуми омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия мутобиқи Қонуни мазкур, меъёр (меъёрҳо) дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқиеро, феноманд, ки ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин санадҳои ҳуқуқии байналмилалие, ки Тоҷикистон онҳоро эътироф кардааст, ба барномаҳои (стратегияҳои) давлатии дар самти муқовимат ба коррупсия мухолифат дошта, барои зуҳуроти коррупсия, аз ҷумла бархӯрди манфиатҳо, вайрон намудани одоби хизматӣ ва риоя накардани принсипи шаффофият шароит фароҳам оварда, ба мақомоти давлатии ҳуқуқтатбиқкунанда ва шахсони мансабдори онҳо берун аз қоидаҳои умумӣ ваколатҳои беасоси фармонфармоӣ ва ихтиёрдорӣ дода, имконияти татбиқи беасоси истисноҳоро аз қоидаҳои умумии муқарраршуда, ҳамчунин хавфи пайдоиши ҳолатҳоеро ба вуҷуд меорад, ки дар заминаи пешниҳод намудани талаботи номуайян, иҷрояш мушкил монеаҳои сохтаро барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ эҷод мекунад.

Тибқи қисми 2 моддаи 5 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» омиліои бавуйудоварандаи коррупсия, ки ба ҳуқуқтатбиkкунанда ваколатҳои беасос васеи фармонфармоӣ, ихтиёрдорӣ ё имконияти татбиқи беасоси истисноҳо аз қоидаҳои умумиро муқаррар менамоянд, инҳо мебошанд:

– васеъ будани доираи ваколатҳои додашуда – мавҷуд набудан ё номуайянии мӯҳлатҳо, шартҳо ё асосҳои қабули қарор, такрор шудани ваколатҳо дар байни мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо);

– муайян кардани салоҳият аз рӯи қоидаи «ҳуқуқ доштан» – пешбинӣ намудани

Даъвати мо ба сулҳ ва сабру таҳаммул ҳанӯз дар рӯзҳое садо дод, ки мухолифати шадиди мусаллаҳона миқёси даҳшатнок пайдо карда, фаъолияти сохторҳои давлатӣ ва мақомоти ҳокимияти иҷроия аз марказ то маҳалҳо фалаҷ гашта буд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) содир намудани амалҳо нисбати шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– интихобан тағйир додани доираи ҳуқуқҳо – имконияти бо салоҳдиди мақомоти давлатӣ ё мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) беасос муқаррар намудани истисноҳо аз қоидаҳои умумӣ барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– озодии аз ҳад зиёди меъёрэҷодкунии санадҳои зерқонунӣ – мавҷудияти меъёрҳои ҳаволакунанда ва умумӣ, ки заминаи азхуд кардани салоҳияти мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳотро (шахсони мансабдори онҳоро) ба вуҷуд меорад;

– қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ берун аз доираи салоҳият – аз доираи салоҳияти худ бароmадани мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо) дар мавриди қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– ихтилофҳои меъёрӣ – пурра ё қисман мухолиф будани санади меъёрии ҳуқуқӣ ба дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба шахсони мансабдор ва хизматчиёни давлатӣ барои озодона интихоб намудани санаде, ки дар ҳолати мушаххас бояд татбиқ карда шавад, имконият ба вуҷуд меорад;

– мукаммалгардонии норасоиҳо дар қонунгузорӣ тавассути санадҳои зерқонунӣ бидуни ба таври қонунгузорӣ ваколатдор шудан – муқаррар намудани қоидаҳои умумиҳатмии рафтор дар санади зерқонунӣ дар мавриди набудани санади қонунгузорӣ;

– мавҷуд набудан ё нопуррагии расмиёти маъмурӣ – мавҷуд набудани тартиби амалисозии ҳаракатҳои муайян ё ҷузъиёти онҳо аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (шахсони мансабдори онҳо);

– даст кашидан аз расмиёти баргузории озмунҳо (музоядаҳо) – муайян намудани тартиби маъмурии пешниҳоди ҳуқуқҳо ва (ё) неъматҳои моддию ғайримоддӣ;

– мавҷудияти талаботи барзиёд нисбат ба шахсе, ки ҳуқуқҳои худро амалӣ мекунад – муқаррар намудани талаботи номуайян, иҷрояшон мушкил ва заҳматталаб барои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– меъёрҳои имконияти суиистифода намудани ҳуқуқро аз ҷониби мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот ё шахсони мансабдори онҳо бавуҷудоваранда – мавҷуд набудани тартиботи аниқи амалисозии ҳуқуқҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ;

– номуайянии ҳуқуқию лингвистӣ (забонӣ) – истифодаи гурӯҳи истилоҳҳои беасоси хусусияти муайянкунидошта ва ибораҳои бисёрмаънӣ, ки бе тафсири мафҳумҳои мушаххас қобили қабул ва истифодабарӣ нестанд.

Омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия, ки дар боло номбар гардидаанд, зимни омӯзиши лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё ҳангоми гузаронидани мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқии хусусияти ҳатмидоштаи вазорату идораҳо, дигар мақомоти давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунандаи шаҳрак ва деҳот аз ҷониби мақомоти назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ошкор карда шуда, ба мақомоти ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда ва ҳуқуқтатбиққкунанда ҷиҳати бартараф намудани онҳо, хулосаи экспертизаи давлатии зиддикоррупсионӣ дода мешавад.

Баррасии хулосаи экспертизаи давлатии зиддикорупсионӣ ҳатмӣ буда, дар муҳлати якмоҳаи муқаррарнамудаи Қонун аз ҷониби вазорату идораҳои дахлдор ҳатман мавриди муҳокима қарор гирифта, аз натиҷааш ба мақомоти Агентии назорати давлатии моли-

Имрӯз бо камоли ифтихор ба миллати хирадманди тоҷик гуфта метавонам, ки аҳли ҷомеаи кишвар даъвати моро ба сулҳу оштӣ хуб дарк кард, хуш пазируфт ва бо гармӣ ҷонибдорӣ намуд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

явӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон маълумот дода мешавад.

Бояд қайд намуд, фаъолияти экспертизаи зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳо муҳимтарин заминаи муқовимат ба коррупсия буда, ин самт як институти калон ва мураккаб мансуб меёбад.

Чунки имрӯз дар мамлакат санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиёде ба тасвиб расидаанд, ки доираи татбиқ онҳо васеъ мебошад. Ҳар як лоиҳа зимни гузаронидани экспертизаи давлатии зиддикорупсионӣ ҳатман бо омӯзиши санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа ва маҷмӯи баҳогузорӣ карда шуда, манфиатҳои инсон ва ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ, ҷамъият ва давлат дар мадди аввал гузошта мешавад.

Бо вуҷуди он, ки таҷрибаи мақомоти Агентӣ дар ин самт ҳанӯз солҳои тулониро дар бар нагирифта бошад ҳам вале боитминон метавон қайд намуд, ки то имрӯз чандин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мавриди омӯзиши ҳамаҷониба қарор дода шуда, аз натиҷааш ба мақомотҳои дахлдор хулоса манзур карда шуда, омили бавуҷудоварандаи коррупсия бартараф карда шудааст.

Тибқи хисоботи нишондодии соли 2021 аз ҷониби кормандони Раёсати экспертизаи зиддикорупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои онҳои Агенӣ 1049 лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳукуқӣ мавриди омӯзиш қарор дода шуда, аз 162 адад лоиҳаҳо омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва аз 109 адад лоиҳаҳои дигар камбудиву норасоиҳо ошкор карда шудааст. Ҷиҳати бартараф намудани омилҳои коррупсионӣ ва камбудиҳои ҷойдошта хулосаҳои дахлдор ба унвонии вазорату идораҳои ирсол карда шудааст. Дар ҳамин давра 150 санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунандаи хусусияти ҳатмидоштаи вазорату идораҳо мавриди омӯзиш қарор дода шуда, дар 29 адади онҳо омилҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ошкор карда шудааст

Бо ин назардошт метавон қайд намуд, ки самти мазкур дар фаъолияти Агентӣ яке аз нақшҳои муҳимро дар самти муқовимат ба коррупсия гузошта, пайваста дар ҳоли инкишоф қарор дорад.

Таъмини сулҳу субот пеш аз ҳама хизмати худи халқи тоҷик аст. Воқеан, ин қаҳрамонии бемислу монанд буд ва аз ин хотир мо дар назди халқи баору номуси худ сари таъзим фуруд меорем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ИФТИХОРИ МОСТ!

***Низомзода Насриддин – сардори Раёсати тафтишоти Агентӣ***

*«Мо бояд ифтихор дошта бошем, ки миллати тоҷик таърихан ва табиатан сулҳдӯст, фарҳангпарвар ва созанда мебошад. Сулҳдӯстии мо дар тӯли тамоми таърихи чандинҳазорсолаамон нишондиҳандаи ақлу хирад ва сабру таҳаммули халқамон аст, ки ин ҳам далели қотеи фарҳанги қадима ва суннатҳои созандагии мост. Бо вуҷуди мушкилоту монеаҳои сахту сангине, ки ин миллати фарзона дар тамоми умри дарози худ ҳамеша рӯбарӯ гаштааст, ҳамин асолати созанда ва заковати азалиашро ҳифз кардааст. Маҳз ҳамин фазилатҳои неки азалӣ ва ифтихори миллӣ аст, ки мардуми моро ба ҳамдигарфаҳмӣ, ҳамдигарбахшӣ ва сулҳу оштӣ ҳидоят намуда, имрӯз роҳи моро ба сӯи созандагиву бунёдкорӣ, ободонии ватан, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият ва таҳкими онҳо равшан мекунанд».*

***Эмомалӣ Раҳмон***



Дар ҳар давру замон масъалаи ягонагӣ, якпорчагӣ ва ҳамбастагии миллӣ меҳвари сиёсати дохилии давлатҳои ҷаҳон ба ҳисоб меравад. Зеро халалдор шудани ваҳдату ягонагӣ оқибатҳои даҳшатбор дошта, дар раванди муборизаи тамаддунҳо боиси аз байн рафтани давлату халқиятҳо гардидааст. Бинобар ин ҳар як миллати дунё кушиш ба харҷ медиҳад, ки дар фазои сулҳу ороми ватани хеш умр ба сар барад. Боиси ифтихори ҳар яки мост, кабутари сулҳи тоҷикон дар фазои беғубори ватан саршор аз меҳру муҳаб ва ҳамдилӣ парафшонӣ менамояд. Миллати соҳибтамаддун ва озодихоҳи тоҷик дар қарни таърих сиёсати сулҳҷӯёнаро пеш бурда, бо шиори рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек ваҳдату ягонагиро талқин намудааст. Маҳз ваҳдату якдилии миллати тоҷик буд, ки пас аз ҳазор сол пас аз ҷонфидоиҳои фарзандони фарзонаи миллат ватани аҷдодии мо Тоҷикистон соҳибистиқлол гашт. Вале бадхоҳону нотавобинони миллат бо истифода аз вазъияти сиёсӣ-иҷтимоӣ хостанд, ки давлати миллии тоҷиконро бо дасти худи тоҷикон аз байн баранд. Дар натиҷа мафкура пасти баъзе аз шаҳрвандони мо боиси он гардид, ки бахри амалӣ намудани мақсади нопоки бадхоҳони миллат гурӯҳҳои мусаллаҳи мухолиф ва ташнаи хун таъсис дода, дар ватани аҷдодии худ даст ба қатлу куштор ва хунрезӣ заданд. Дар натиҷа Ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, ки бо

Маҳз мардуми табиатан сулҳдӯсту сулҳпарвари тоҷик буд, ки дар лаҳзаҳои басо ҳассосу тақдирсоз сиёсати пешгирифтаи роҳбарияти давлатро дастгирӣ карда, зиндагии осоишта ва меҳнати ҳалолро аз ҷангу хусумат болотар донист.

*Эмомалӣ Раҳмон*

гуноҳи азими роҳбарони ҳизби миллаткуш, яъне собиқ ҳизби террористиву экстремистии наҳзат ва хоҷагони хориҷии онҳо, яъне хоинону душманони миллати тоҷик ва давлати тозаистиқлоли тоҷикон рух дод, боиси ба ҳалокат расидани беш аз 150 ҳазор нафар шаҳрвандони Тоҷикистон гардид. Мақсади асосии онҳо дар Тоҷикистон бунёд намудани давлати исломӣ ва зӯран ба сари мардуми мо таҳмил кардани фарҳанги бегона буд. Миллат дар вартаи нестӣ қарор дошта, танҳо фарзандони ҷонфидову хештаншинос қодир ба он буданд, ки садди роҳи ҷангу ҷидол гардида сулҳу субот ва оромиро ба кишвари азиятдидаи мо барқарор намоянд. Хушбахтона Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон намунаи беҳтарини Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат ва сарвари тавонои ҳамин гуна ақаллияти созанда дар марҳилаи тақдирсози миллати мо гардиданд, ки новобаста аз таҳдиди хатарҳо ба ҷони худ тавонистанд масъулияти сангини посух додан ба хатару чолишҳои барои давлати ҷавони миллии тоҷикон ҳалокатборро ба дӯш гиранд. Дар натиҷаи заҳматҳои шабонарӯзии ин фарзанди барҷастатарини таърих ақли солим бар тафаккури золим ғолиб омада, аз нав миллатро муттаҳид намуд. Оташи ҷанг хомӯш гардида, шуълаи умеди тоҷикон ҷиҳати ноил гардидан ба сулҳу субот ва якпорчагӣ шӯълавар гардид. Новобаста аз ин хоҷагони хориҷӣ ҷиҳати ноил гардидан ба мақсадҳои нопоки худ аз ҳар роҳу восита истифода бурда, мехостанд, ки сулҳу оромиро аз сари мо дур намоянд. Вале хиради азалӣ ва сиёсати оқилонаи сарвари мамлакат тавонист миллатро дар меҳвари ҳамдилию ҳамбастагӣ ба ҳам оварда пояи сулҳи нотакрори тоҷиконро бунёд намоянд. Азми қатъӣ ва роҳи пешгирифтаи Ҳукумати кишвар аз ҷониби мардум самимона дастгирӣ ёфт ва дар натиҷаи саъю талоши шабонарӯзӣ ва музокироти тӯлонӣ 27 июни соли 1997 Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид. Бо имзои санади ниҳоии сулҳ хатари пароканда шудани миллат ва аз байн рафтани давлати тоҷикон рафъ гардид.

Баъди ба имзо расидани ин санади муҳимми таърихӣ дар мамлакати мо марҳалаи нав – марҳалаи сулҳу субот, ба Ватан ва хонаву кошонаи худ баргаштани гурезаҳо ва фирориёни иҷборӣ, инчунин давраи корҳои барқарорсозии харобаҳои ҷанг оғоз шуд. Ба шарофати сулҳу субот ва иродаи матин мардуми шарифи Тоҷикистон тавонист дар таъмини рушди муназзами иқтисодиву иҷтимоӣ ва фарҳангиву маънавии кишвар қадамҳои устувор гузорад.

Маҳз самараи сулҳу субот ва оромӣ дар кишвар буд, ки Ҳукумати мамлакат тавонист, то бо мақсади таъмин намудани шароити зиндагии арзанда ба ҳадафҳои стратегии худ аз қабили таъмин намудани истиқлоли энергетикӣ, раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ ва ҳифзи амнияти озуқаворecho кишвар ноил гардад. Ин буд, ки дар 20 соли охир суръати миёнаи солонаи рушди иқтисодии кишвар дар сатҳи 7,5 фоиз таъмин гардида, даромади буҷети давлатӣ аз 252 миллион сомонии соли 2000-ум то 27,6 миллиард сомонӣ дар соли 2021 афзоиш дода шавад. Ҳаҷми маҷмӯи маҳсулоти дохилӣ ба ҳар сари аҳолӣ дар ин давра аз 289 сомонӣ то 9 ҳазор сомонӣ расида, беш аз 30 баробар зиёд гардид. Умуман кишвари мо зери роҳбарии оқилона ва бунёдкоронаи Пешвои муаззами миллат ба дастовардҳои беназире ноил гардид, ки то ҳол ба ягон давлати дунё ин гуна пешравиҳо муяссар нагардидааст.

Имрӯзхо натанхо халки кишвар, балки кулли чомеаи чахонӣ возеҳ эҳсос менамояд,

> Ба ин маънӣ, дастгирии халқ барои амалӣ шудани мақсади олии роҳбарияти давлат дар он давра, ки аз ҷанг ба сулҳ, аз мухолифат ба мусолиҳа ва ваҳдати миллӣ равона шуда буд, омили асосӣ гардид.
>
> *Эмомалӣ Раҳмон*

ки ба халқи тоҷик ин ҳама дастовардҳои беназир осонӣ ба даст наомадааст. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки тавассути сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тадбирҳои андешидашуда миллати тоҷик ба ҷомеаи ҷаҳонӣ аз нуктаи назари воқеияти таърихии худаш ҳамчун миллати сулҳпарвар ва озодандеш муаррифӣ гардид. Сиёсати ҷории давлат ба ҷаҳониён амиқу дуруст фаҳмонида шуд ва дар натиҷа ин сиёсат дар доираҳои сиёсӣ ҳамчун сиёсати ибратбахш мавриди пазироӣ ва эътироф қарор гирифт.

Ҳар як шаҳрванди кишвар, сарфи назар аз мансубияти миллӣ, ҷаҳонбинӣ ва ақидаи сиёсии худ, бояд дарк намояд, ки ҳам рушди минбаъдаи ҷомеа ва ҳам умеду орзуи ӯ танҳо дар сурати пойдории сулҳу субот, истиқлолияту озодӣ ва ваҳдати миллӣ амалӣ шуда метавонад.

Бинобар ин ҳар як фарди хештаншиносу соҳибдавлатро зарур аст, ки бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу субот ва фазои осоиштаи ватан насли наврасро дар руҳияи ифтихори миллӣ ва ҳисси ватандӯстӣ ба воя расонад. Бедор кардани эҳсосоти худогоҳии миллӣ ва ифтихори ватандории халки тоҷик худ як икдоми каҳрамонона буда, марҳилаи тоза дар таърихи тараккиёти миллати тоҷик ба шумор меравад. Аз ин сабаб мо бояд таърих ва мероси ғании маънавии гузаштагони худро ҳамчун сабақҳои ибратбахш ва ҳам осори илмию фарҳангии аҷдоди бузургамонро дар роҳи хештаншиносии миллӣ, инкишофи тафаккур, шуури таърихӣ ва давлатдории миллӣ ҳарчӣ беҳтару бештар мавриди истифода карор диҳем.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ қайд намудаанд: «Ваҳдат дар сурате бегазанду абадӣ мемонад, ки ҳар як шаҳрванди кишвар манфиати милливу давлатиро аз ҳама манфиатҳои дигар боло гузорад, барои иттиҳоду ягонагии ҷомеа талош намояд, ба қадри сарзамини аҷдодии хеш расад ва онро чун модари худ азизу муқаддас шуморад. Итминон дорам, ки мардуми шарифу ватандӯст ва сулҳхоҳу сулҳпарвари Тоҷикистон минбаъд низ бо шукронаи истиқлолияту озодӣ ба қадри сулҳу оромӣ ва суботу амнияти сарзамини аҷдодӣ мерасанд ва ҳаргиз намегузоранд, ки ин кохи пурҷалоли миллат, яъне истиқлолияту ваҳдат газанд ёбад.»

Воқеан ҳам, ин суханони падаронаи Пешвои муаззам миллат, ҳар як фарди бедордилу ватанпарро водор менамояд, ки бо дасти дилу нияти пок баҳри ободии ватани азизамон баҳри ояндаи дурахшони Тоҷикистон камари ҳиммат бандад. Имрӯз ҳар яки мо ҳамчун фарзанди як диёр бо шукргузорӣ аз фазои сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмии миллӣ зери сиёсати оқилонаи сарвари мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз як гиребон сар бароварда баҳри пойдории сулҳу субот ва якпорчагии ватан саҳми арзандаи хешро мегузорем.

Таманно мекунам, ки ҳамеша дар Тоҷикистони азизмон сулҳу субот ва ҳамдигарфаҳмии миллӣ ҳукумфармо буда ҳамбастагӣ ва ҳамдилии миллати тоҷик ҷовидону поянда бод!

Бар асари фитнаҳое, ки душманони миллати мо дар ибтидои солҳои навадум ба роҳ андохтанд ва ин дафъа ҳам тавонистанд, ки оташи ҷанги таҳмилиро дар сарзамини мо барафрӯзанд, халқамон аз бисёр чизҳо маҳрум монд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# «ФОРМУЛА БАРОИ ЭҶОДИ ВАКСИНА ВА ХУДИ ВАКСИНАИ МУБОРИЗА БАР ЗИДДИ КОРРУПСИЯ»

***Абдулманонзода Абдулмумин Абдулманон – капитани адлия, муовини сардори Раёсати кадрҳои Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон***



Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мақомоти махсуси амаликунандаи муқовимат бар зидди коррупсияро таъсис дода, паст кардани шиддати амалҳои коррупсиониро дар қатори дигар масъалаҳои муҳим самти афзалиятноки сиёсати дохилии кишвар муқаррар намуданд.

Дар заминаи ин иқдомҳо баҳри амалинамоии сиёсати зиддикоррупсонии кишвар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия ва қабул карда шуданд. Ҳанӯз соли 1999 қабул шудани Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» ва соли 2003 ба Шабакаи зиддикоррупсионии Созмони Ҳамкориҳои Иқтисодӣ ва Рушд шомил гардидани кишвари мо аз иқдом ва қадамҳои устувори такмили қонунгузорӣ дар ин самт ба ҳисоб мераванд.

Минбаъд бо дарки саривақтии оқибатҳои ногувори хатари коррупсия Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2006 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсияро ба имзо расонида, соли 2008 онро тасдиқ кард ва ҳамчун қисми таркиби низоми қонунгузории кишвар эътироф намуд.

Таъсиси «Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия» ва дар сатҳи вилоят ва шаҳру ноҳияҳо созмон додани комиссияҳои ҷамъиятӣ оид ба пешгирии коррупсияи назди мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, се маротиба таҳия ва амалӣ намудани стратегияҳои муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, мувофиқан барои солҳои 2008–2012, 2013–2020 ва то соли 2030 идомаи сиёсати ҳамоҳангшудаи зиддикоррупсионӣ, ҷалби ҳамаи қишрҳои ҷомеа ва сохтору мақомоти давлатӣ дар пешгирӣ ва мубориза дастаҷамъона бо ин падидаи манфӣ буда, нишонаи ташаккули маърифати ҳуқуқию фарҳангии сокинони кишвар дар мубориза ба коррупсия мебошад.

> Мо дар раванди музокирот ба хотири сулҳу салоҳ гузаштҳо мекардем, гаштаю баргашта сари мизи музокирот менишастем, фазои боварию эътимодро фароҳам оварда, сабру таҳаммул ва эҳтироми ҳарифи сиёсиро меомӯхтем. Дар ҷустуҷӯйи роҳҳои мусолиҳа мо ба ҳама чиз омода будем.
>
> *Эмомалӣ Раҳмон*

Илова бар ин, ба ин раванд қабули қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон», «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», «Дар бораи назорати давлатии молиявӣ», ворид намудани тағйиру иловаҳои дахлдор ба кодексҳои ҷиноятӣ, мурофиавӣ-ҷиноятӣ ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» дар таҳрири нав аз 7 августи соли 2020, №1714, ки асосҳои ҳуқуқию ташкилии муқовимат ба коррупсияро муайян намуда, ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои давлату ҷомеа, таъмини амнияти миллӣ, фаъолияти муътадили мақомоти давлатӣ ва беғаразӣ дар хизмати давлатӣ равона гардидааст, мусоидати бевосита кардаанд ва минбаъд низ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷиҳати амалисозии сиёсати зиддикоррупсионии худ чораҳои муассирро мунтазам роҳандозӣ менамояд.

Мусаллам аст, ки мафҳуми «коррупсия» ва мубориза бо он дер боз як ҷузъи ҷудонашавандаи рушди стратегии ҳар як кишвар буда, Ҷумҳурии Тоҷикистон низ дар самти мубориза бо коррупсия истисно нест.

Дар ҷумҳурӣ тавре дар боло ишора намудем, тамоми заминаҳои меъёрию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуда, тибқи моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба коррупсия» «коррупсия» ҳамчун кирдоре (ҳаракат ё беҳаракатие), ки аз ҷониби шахси барои иҷрои вазифаҳои давлатӣ ваколатдор ё шахсони ба он баробаркардашуда бо истифода аз мақоми хизматии худ ва имкониятҳои он барои ба манфиати худ ё шахси дигар ғайриқонунӣ ба даст овардани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар содир карда мешавад, инчунин ба ин шахс бевосита ё бавосита додани неъматҳои моддию ғайримоддӣ, бартарӣ ё имтиёзҳои дигар ба субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд бо мақсади моил кардан ё мукофотонидани онҳо барои содир намудани чунин ҳаракатҳо ба манфиати шахси воқеӣ ё ҳуқуқӣ шарҳ дода шудааст.

Мафҳуми «муқовимат ба коррупсия» бошад ҳамчун – фаъолияти субъектҳои муқовимат ба коррупсия дар самти пешгирӣ, ошкор кардан, кушодан, таҳқиқу тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд ва ба ҷавобгарӣ кашидани субъектҳои ҳуқуқвайронкуниҳои ба коррупсия алоқаманд, бартараф намудани сабабу шароитҳои бавуҷудоварандаи коррупсия ва оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ шарҳ дода шудааст.

Қайд кардан зарур аст, ки дар Ковенсияи Созмони Миллали Муттаҳид алайҳи коррупсия мафҳуми коррупсия вуҷуд надорад ва он ҳамчун як падидаи фаромиллӣ, ки ба ҷомеа ва иқтисоди тамоми кишварҳо таъсир мерасонад шарҳ дода шудааст.

Маълум аст, ки коррупсия як мавзӯи мураккаб аст ва бо назардошти табиати аксар вақт пинҳон будани он, дар дурустии андозагирии он ба комилият ноил шудан ғайриимкон аст.

Бисёр мамлакатҳо дар роҳи беҳтар намудани мавкеъҳои худ дар рейтингҳои байналхалқӣ назар ба муқобили ин падидаи бади зиддиҷамъиятӣ бештар аз паи рақамҳо мебошанд.

Дар ҷомеаи ҷаҳонӣ рейтингҳои гуногун барои муайян кардани сатҳи рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ҷалби шаҳрвандии кишвар вуҷуд доранд. Дар баҳодиҳӣ банди «сатҳи коррупсия» бешубҳа яке аз мавкеъҳои асосиро ишғол намуда, ба манзараи умумии рушди кишвар низ таъсир мерасонад.

Чунин нишондиҳандаҳо, ба монанди CPI (Индекси дарки коррупсия) аз Созмони байналмилалии мубориза бо фасоди Transparency International дар ҷаҳон аз соли 1995 ҳамасола нашр мешавад, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон таи

Ман ҳанӯз дар суханронии аввалини худ дар иҷлосияи таърихии шонздаҳум гуфта будам, ки ба хотири таъмини сулҳ ва наҷоти миллат омода ҳастам ҷони худро қурбон намоям.

*Эмомалӣ Раҳмон*

чанд соли охир дар шохис дар ҷойҳои аз 149 то154 мавқеъгузорӣ мешавад.

Аз ин бармеояд, ки яке аз мавзӯъҳои мубрам ва баҳсбарангез таҳияи усулҳои ченкунии коррупсия мебошад, ки имкон медиҳад на танҳо сатҳи умумии он дар кишвар баҳо дода шавад, балки нуқтаҳои доғ дар бахшҳое, ки ба коррупсия бештар майл доранд, муайян карда шавад.

Дар саросари ҷаҳон усулҳои зиёди ченкунии фасод вуҷуд доранд, аз ин рӯ, онҳо бояд ба ҳадди аксар истифода шаванд. Аммо дар баробари ин бояд қайд кард, ки таҳияи усулҳои андозагирии коррупсия натиҷаи ниҳоии мубориза бо коррупсия нест.

Профессори машҳур Роберт Клитгаард яке аз аввалинҳо шуда «формули коррупсия»-ро чунин ба вуҷуд овард: C=M+D–A, ки C – фасод, M – қудрати монополияҳо, D – худсарии қарорҳо, A – масъулият мебошад.

Ба ибораи дигар, коррупсия бо дараҷаи қудрати монополия ва ҳуқуқи қабули қарорҳои худсарона, ки ба мансабдорони давлатӣ дода шудааст, инчунин бо андозаи масъулияти онҳо барои амалҳои худ муайян карда мешавад.

Дигар олимони дунё дар адабиётҳо танҳо масъалаи ошкор ва тафтиш кардани намудҳои гуногуни ҷиноятҳои коррупсиониро зери тадқиқот қарор медиҳанд, аммо мубориза ба ин падидаи номатлуб то ҳануз формула ва ваксинаи худро наёфтааст. Пушида нест, ки коррупсия худ як беморӣ аст ба мисли саратон, ки метавонад давлатро ба нести барад.

Ваксина (аз калимаи лотинии vaccinus) ҳамчун «ваксинатсия» талаффуз карда мешавад) доруи пайдоиши биологӣ мебошад, ки дар организм пайдо шудани иммунитети бадастомадаро ба антигени мушаххас таъмин мекунад. Ваксина одатан дорои агентест, ки ба бемории микроорганизм шабоҳат дорад ва аксар вақт аз шакли заиф ё кушташудаи микроб ё яке аз сафедаҳои рӯи он сохта мешавад. Доруҳое, ки аз токсинҳои микроорганизмҳо истеҳсол мешаванд, токсоидҳо номида мешаванд (на ваксинаҳо). Агент системаи иммунии баданро ҳавасманд мекунад, то агентро ҳамчун таҳдид эътироф кунад, онро нест кунад ва минбаъд ҳама микроорганизмҳои марбут ба ин агентро, ки дар оянда дучор мешаванд, эътироф ва нест кунад. Ваксинаҳо метавонанд профилактикӣ (барои пешгирӣ ё кам кардани таъсири сирояти оянда бо патогенҳои табиӣ ё ваҳшӣ) ё табобатӣ (масалан, ваксинаи табобатии бруцеллёз, ваксинаҳои саратони мавриди таҳқиқ) бошанд.

Ворид кардани ваксина ба бадан ваксина номида мешавад. Тибқи таърифи Созмони Умумиҷаҳонии Тандурустӣ «ваксинкунӣ як роҳи содда, бехатар ва самараноки муҳофизат аз бемориҳо пеш аз тамоси шахс бо микроорганизмҳои онҳо мебошад. Эмкунӣ механизмҳои дифои табиии баданро барои муқовимат ба як қатор бемориҳои сироятӣ фаъол мекунад ва системаи иммунии шуморо қавӣ мегардонад.»

Ваксина усули аз ҳама самараноки пешгирии бемориҳои сироятӣ мебошад. Иммунитети густурда тавассути ваксина асосан барои аз байн бурдани бемории гул дар саросари ҷаҳон ва маҳдуд кардани бемориҳо ба монанди фалаҷи атфол, сурхак ва кузоз дар аксари қисматҳои ҷаҳон масъул аст.

Чи тавре дар боло қайд кардем коорупсия низ ба мисли касали саратон, ки то ҳаннуз табобат нашаванда мебошад ба мо зарур аст, ки ваксинаи онро эҷод намоем.

Дар асоси гуфтаҳои боло, ба хулосае омадан мумкин аст, ки андозагирӣ ҳанӯз мубориза ва решакан кардани фасод нест ва танҳо бо таҳияи формула ва пайдо намудани ваксинаи зидди фасод бо роҳи гузаронидани ислоҳоти

Дар раванди таъмини сулҳу субот ва ҳимояи ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандон мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомӣ саҳми арзанда гузоштанд. Дар ин роҳ садҳо нафари онҳо ҳалок шуданд. Хотираи неки онҳо дар қалби мардуми сулҳпарвари тоҷик ҳамеша зинда хоҳад монд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

зиддикоррупсионӣ дар ҳамаи соҳаҳои ба ислоҳот эҳтиёҷманд, ки бо таҳлили омилҳо ва хатарҳои коррупсионӣ бо истифода аз ҳама усулҳои имконпазир фасодро муайян ва шикаст додан мумкин аст.

Агар формулаи Роберт Клитгаардро боз назар кунем C=M+D–A, ки C – фасод, M – қудрати монополияхо, D – худсарии қарорҳо, A – масъулият мебошад. Ба ибораи дигар, коррупсия аз рӯи дараҷаи қудрати монополистӣ ва ҳуқуқи қабули қарорҳои худсарона, ки ба мансабдорони давлатӣ дода шудааст, инчунин бо дараҷаи ҷавобгарии онҳо барои амалҳои худ муайян карда мешавад.

Аз ин рӯ, ба хулоса омадан мумкин аст, ки формулаи муқовимат ба коррупсия ва ваксинаи он бояд чунин бошад:

T+P+R(–M–D+A)=–C, ки:

T – таҳлили омилҳои коррупсионӣ дар ҳама соҳаҳо (бо истифода аз усули пешгирии коррупсия, баҳодиҳӣ, мушоҳида, мониторинг, тадқиқоти сотсиологӣ ва ғ.);

P – таклифҳо оид ба ҳамаи масъалаҳо ва соҳаҳои ба ислоҳот эхтиёчманд;

R – ислоҳот (ваксина – яъне коррупсияро танҳо тавассути ислоҳоти зиддикоррупсионӣ бо роҳи аз байн бурдани (–M – монополия ва –D – озодии амал ва илова + A – баргардониданни дарки ҷавобгарӣ мағлуб кардан мумкин аст);

–C – решакан кардани коррупсия (натиҷаи ниҳоӣ дар анҷоми ислоҳот).

Дар мақолаи қаблӣ, ки дар мавзӯи «Ислоҳоти (реформаи) зиддикоррупсионӣ яке аз роҳҳои самараноки пешгирии коррупсия» дар Маҷаллаи «Мизони Қонун»-и Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 августи соли 2021, №2, саҳ.79–80 нашр шуда буд, аз натиҷаи омӯзишу таҳлилҳои давлатҳои дар ин самт муваффақ хулоса карда будем, ки ислоҳот ин роҳи ҳалли мубориза бо коррупсия, паст кардани шиддат ва нест кардани он дар оянда аст.

Дар мақолаи мазкур оид ба ислоҳоти зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз формулаи мазкур (бо роҳи арзёбии хавфҳои коррупсионӣ дар ин соҳаҳо, бо усули пешгирии коррупсия, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат бо коррупсия» ва мониторинги ин объектхо бе истифодабарии ҷадвал ва ба даст овардани ягон фоиз) нишон дода шудааст, ки кадом соҳаҳо ба ислоҳот ниёз доранд ва барои ноил шудан ба мақсадҳои дар он пешбинигардида чӣ гуна чораҳо андешидан лозим аст.

Ин маънои онро дорад, ки барои мубориза бо коррупсия муайян кардани сатҳи он аҳамият надорад, мақсади асосӣ он аст, ки дар ин самт хатар ва амалҳои коррупсионӣ вуҷуд доранд ва инчунин барои бартараф намудани онҳо мубориза бояд бурда шавад.

Омӯзиш ва таҳлили таҷрибаи кишварҳо аз қабили Шветсия, Сингапур, Гурӯзия ва ғайра, ки онҳо пурра ва қисман дар ин самт ба дастовардҳои хуб ноил гардидаанд, нишон медиҳад, ки муқовимат ба ин падидаи номатлуб ду хусусияти муҳим дорад. Яъне аввалан, муқовимат бояд дастаҷамъӣ бошад, дуввум, он бояд дар маҷмӯъ ба якборагӣ дар ҳама сатҳҳо оғоз шавад.

Таҷрибаи ин кишварҳо собит кардааст, ки онҳо танҳо бо татбиқи ислоҳоти мубориза бо фасод дар рейтинги Созмони байналмилалии мубориза бо фасод Transparency International, аз фасодзадатарин кишварҳо ба пешрафтатарин кишварҳои ҷаҳон бидуни фасод эътироф гардидаанд.

Ба ақидаи мо татбиқи ислоҳоти зиддикоррупсионӣ ҳамчун ваксина бо истифода аз формулаи пешниҳодгардидаи мубориза бо коррупсия дар кишвари мо низ ба манфиат ва аҳамият холӣ нахоҳад буд.

Ҳаёт батадриҷ нишон дод, ки дар роҳи расидан ба сулҳу созиш монеаҳои бартарафнашаванда қариб вуҷуд надоранд. Ба шарте, ки тарафҳо ба ҳамдигар бовар кунанд, аз баҳри ғаразҳои шахсӣ ва гурӯҳӣ гузашта, манфиати миллат, Ватан ва халқи Тоҷикистонро аз ҳама авлотар ва муқаддас шуморанд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ БАҚОИ МИЛЛАТ

***Баҳромзода Баҳром Раҳмон – сардори Раёсати таҳлил, иттилоот ва омор дар фаъолияти хизматии Агентӣ***



Сулҳу ваҳдат иборaҳое ҳастанд, ки ҳамеша бо ҳам наздику дилнишин ва бо лаҳни шево садо медиҳанду бевосита шунавандаро ба фикр водор месозанд. Сулҳ-оштиву фарзонагӣ, якдигарфаҳмӣ ва талабгори осоиштагӣ буда, ватандӯст будани ҳар як фардро таҷассум менамояд. Зери мафҳуми «Ваҳдат» бошад, ба ҳам омадан, иттифоқ будан, дӯсту бародар будани халқҳои дунё, амну оромӣ дар саросари кишварҳо фаҳмида мешавад.

Албатта, ваҳдат беҳтарин неъмати ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлатдорӣ, наҷоти миллат, рушду нумуи Тоҷикистони азизамон ва ҳастии инсон дар ҳар давру замон аст. Имрӯз иттифоқ будани миллати тоҷик, пешравии кишвари биҳиштосои мо, меҳмоннавозии халқи инсондӯсти мо, мамлакатҳои бурунмарзиро дар ҳайрат гузошта, мавриди омӯзиши Созмони Миллали Муттаҳид қарор дорад, ки ин ҳам аз ваҳдату ягонагии мо, самимӣ будани мо нисбат ба Ватан ва Роҳбари воломақом гувоҳӣ медиҳад.

Боиси сарбаландӣ ва хушнудист, ки миллати тоҷик ва Тоҷикистон имрӯз намунаи ибрат дар саросари кишварҳои мутамаддин гардидааст. Танҳо бо роҳи ваҳдату ягонагӣ метавон истиқлолияту ободии меҳан ва амну осоиштагии мардумро аз ҳама хавфу хатар эмин нигоҳ дошт.Танҳо дар сурати ваҳдат душвориҳо паси сар мешаванд, рӯзгори мардум рӯ ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт рӯ меорад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар яке аз суханрониҳояшон чунин қайд карданд: «Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад, ки дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо, ниҳоле низ вуҷуд дорад, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меоварад. Мо алакай меваи ширин аз дарахти сабзондаамон чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки тешае ба решаи он расад».

Дар воқеъ, Ваҳдати миллӣ дар пешравию ободии мамлакат нерӯю суръати баланд мебахшад ва ҳар як фарди соҳибхирад аз доштани ин неъмати бебаҳо ифтихор мекунад, зеро медонад, ки то вақте дар Ватани азизамон Сулҳу ваҳдат ҳукмфармо аст, ҳеҷ кас наметавонд ҳуқуқ ва озодии миллати тоҷикро

Саъю талош ба хотири сулҳу ризоияти миллӣ барои мо як мактаби бузурги ҳаёт, як сабақи таърихӣ ва нотакрори давлату давлатдорӣ гардид, ки мо аз он таҷрибаи пурарзиши фарҳанги сулҳро омӯхтем ва онро дар ҳаёт татбиқ карда истодаем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

халалдор созад. Аз ин хотир, ҳар як шахси ватандӯсту ватанпарвар бояд ин неъмати илоҳиро қадр намояд, дӯст дорад ва эҳтиром намояд, зеро бо доштани ин ганҷи қорун миллату сарзамини мо ҳамешабаҳор мемонад. Моро мебоист Сулҳу ваҳдатро дар шуур ва қалби наслҳои оянда бо як меҳру муҳаббат парвариш намоем, то ин ки онҳо низ саҳми арзандаи хешро содиқона дар рушду нумуи кишвари маҳбубамон гузоранд.

Он дарахте, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба сулҳу ваҳдат ташбеҳ додаанд, имрӯзҳо меваҳои ширину бисёре ба самар овардa истодааст, ки бо онҳо мо, тоҷикон фахр месозем. Муносибати нави давлатӣ, сиёсати соҳибистиқлол гардидани Тоҷикистон, сохтмони роҳҳои нави дохилию берунӣ ва ба хориҷи кишвар баромадани тоҷиконро ба миён гузошт.

Роҳи оҳани Қурғонтеппа–Кулоб сохтмони шоҳроҳи Ваҳдат ба мамлакатҳои Осиё, ба сӯйи укёнуси ҷаҳон, роҳҳои калонтарини хушкигард расонид. Ин аҳвол боиси эҳёи арзишҳои миллии роҳи бузурги Абрешим «гардид, ки Бохтару Суғдро бо калонтарин давлатҳои ҷаҳон мепайвандад.

Ҳақиқатан Ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулҳу амонӣ ва дустӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз то рӯз гул-гул мешукуфад, иқтисодиёташ тадриҷан меафзояд, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ пеш меравад.

Маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати парешон сарҷамъ омад, мамлакат обод шуд, пеш рафт, гул-гул шукуфт ва имрӯз дар чеҳраи ҳар фарзанди тоҷик нишоту хурсандист, ваҳдату сулҳ падидор аст.

Дар солҳои навадум халқи тоҷик ба ҷанги шаҳрвандӣ дучор гардид, ки чандин ҳазор нафар ҳамдиёронамон куштаю қариб як миллион нафар гуреза ва муҳоҷир шуданд. Ҳукумати қонунӣ воқеан вуҷуд надошту бесарусомонӣ дар кишвар ҳукмфармо буд. Коршиносону сиёсатмадорони дохилию хориҷӣ ба ин ақида буданд, ки ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон дуру дароз идома хоҳад ёфт ва он қариб метавонист давлати моро ба нестӣ оварда расонад. Хатари маҳв шудан ва аз харитаи ҷаҳон нест гардидани Тоҷикистон ба миён омада буд. Дар ин вазъият барои мамлакат сарваре лозим буд, ки барои сулҳу ваҳдати миллӣ ҷони худро дареғ надорад ва манфиатҳои миллиро аз манфиатҳои маҳалу гурӯҳ ва минтақа болотар гузорад.

Марҳилаи муҳимтарин дар раванди сулҳ, гуфтушуниди байни тоҷикон аст, ки моҳи апрели соли 1994 дар шаҳри Маскав сурат гирифта буд. Дар ин гуфтушунид нахустин Эъломияи муштарак оид ба оштии миллии устувор дар раванди сулҳи тоҷикон ба имзо расид. Баъдан, ҳайатҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Иттиҳоди нерӯҳои оппозитсияи тоҷик дар шаҳрҳои Алмаато, Ашқобод, Бишкек, Исломобод, Кобул ва Машҳад мулоқот гузарониданд.

Ҷустуҷӯи роҳу усулҳои расидан ба сулҳу амонӣ барои тоҷикон зиёда аз се сол идома ёфт. Табиист, ки дар ин мулоқотҳо ҳар тараф шартҳои манфиатноки худро пешниҳод менамуд ва билохира 27 июни соли 1997 дар шаҳри Маскав мулоқот баргузор гардид, ки бо таъсиси Комиссияи оштии миллӣ ва имзои «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ» анҷом пазируфт.

Президенти мамлакат бори дигар ба ҳамватанон муроҷиат намуда таъкид доштанд, ки «Бо назардошти ин руҳияи илҳомбахш ва иттиҳоди ҷовидонии миллат айни муддаост,

Мо ин дастоварди худро аз он сабаб такрор ба такрор ба забон меорем ва ифтихор менамоем, ки воқеан миллати тоҷик бо иродаи сулҳпарвар ва ҷавҳари фарҳангию ободгараш моҳияти аслии ҳар гуна дасисаву ҷанги таҳмилиро хуб дарк менамояд ва барои наҷоти миллату Ватан талош мекунад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

ки рӯзи 27-уми июнро дар кишварамон Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон намоем ва ин санаи фархундаро ҳар сол ба таври умумихалқӣ ид кунем».

Баробари ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ, ки моҳиятан як давраи муайяни таърихи кишварамонро инъикос менамояд, мардуми шарифи мамлакат нафаси озод гирифта, ҳамдигарро бародарвор ба оғӯш мекашиданд.

Ашки шодӣ дар ҳалқаҳои чашми азизон ҳувайдо буд, зеро таи ин солҳо он қадар мушкилот, он қадар нофаҳмиҳо ва он қадар гирифториҳову хунҷигариҳо ба ҳам печидагӣ дошт, ки кушоишу вобастагии онҳо ба ҷуз аз муаммои сарбаста чизе наменамуд.

Сулҳ – оштиву фарзонагӣ, якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардумро таҷассумгар аст.

Ваҳдат бошад ба ҳам омадан, сар аз як гиребон бурун овардан, ҳамдигарфаҳму покзинату миллатдуст будан.

Ваҳдат – беҳтарин неъмат, ҳаёти инсон, орзуву армон, таҳкими давлат, наҷоти миллат, рушди тоҷикон, нумуи даврон, хастии инсон дар ҳар замину замон аст. Ваҳдат ва сулҳи умумибашарии Тоҷикистон ҷонибдории мамлакатҳои ҳамзамони берунмарзӣ мавқеу мақоми онро дар миқёси ҷаҳон овозадор менамояд. Имрӯз иттифоқ ва ҳамдилии халқи тоҷик мавриди омузиши Созмони Миллали Муттаҳид ва бисер ташкилотҳои олам гардидааст.

Танҳо дар сурати ваҳдат душвориҳо ва монеаҳо паси сар мешаванд, рӯзгори мардум ру ба беҳбудӣ меорад, кишвари азизамон ба шоҳроҳи пешрафту тараққиёт ру меорад.

Ҳақиқатан Ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулҳу амонӣ ва дустӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз то рӯз ру ба инкишоф аст, иқтисодиёташ тадриҷан меафзояд, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ пеш меравад.

Дар воқеъ, ҳиммати баланди бахшандагӣ ва заковату дурандешии фозилонаи сарвари давлатамон Эмомалӣ Раҳмон ва сарвари собиқ мухолифин Сайид Абдуллоҳи Нурӣ, ки оқибат ба дарки маънии идомаи ҷанг – идомаи тоҷиккушист ва идомаи тоҷиккушӣ фанои миллат аст, расида, дасти якдигарро баҳри сулҳ ва ризоияти миллӣ фишурданд ва 27 июни соли 1997 дар Маскав ба созишномаи сулҳ имзо гузоштанд, сазовори ситоиш ва накӯиш аст. Ин амали ҷавонмардона ва хирадмандона, ки зиндагии хушу гуворо ва оромию осоиштагии имрӯзаро ба бор овард, дар таърихи халқи тоҷик бо ҳарфҳои заррин сабт гашта, ояндагон онро чун як амали ибратбахш бо ифтихору сарбаландӣ ба худ қабул хоҳард кард.

Сулҳ аз ҷумлаи арзишҳои бебаҳоест, ки башарият дар тӯли таърихи дурударози худ эҷод кардааст ва ҷавҳари онро заковати мардуме ташкил мекунад, ки соҳиби хирад ва фарҳанги қадимаву инсондӯстона аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# «ВАҲДАТИ МИЛЛӢ КАФИЛИ СУЛҲУ СУБОТИ ТОҶИКИСТОН»

***Неъматзода Неъмат – муовини сардори шуъбаи ташкили кор ва назорати Агентӣ***



Ваҳдати миллӣ, ки бисту панҷ сол муқаддам, 27 июни соли 1997 бо азму талошҳои пайвастаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ва хоҳишу иродаи қавии мардуми фарҳангсози тоҷик ба вуқуъ пайваст, яъне дар шаҳри Москва Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба имзо расид, ба ҷанги бародаркушӣ миёни фарзандони як миллат хотима дод.

Ин созишнома дар тақдири минбаъдаи халқи тоҷик ва таърихи давлатдории навини миллати тоҷик гардиши куллӣ ба вуҷуд оварда, ба пойдории сулҳу субот дар ватани маҳбубамон замина гузошт.

Ин санаи дар ҳақиқат пурнишоту ҳаётбахш дар муддати начандон тӯлонӣ дар сарзамини аҷдодии мо суботу оромии воқеиро таъмин карда, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва зиндагиеро фароҳам сохт, ки ҳар фарди покдилу некхоҳ ва дурандеши мамлакат бесаброна интизори фарорасии ҳарчи зудтари он буд.

Ба шарофати ҳамин санаи муқаддас мо тавонистем, ки сулҳу суботро дар мамлакат барқарор намуда, қувваҳои мухталифи сиёсиро ба ҳам оварда, пояҳои истиқлолияти давлатиамонро таҳким бахшем ва бо имони комил ва иродаи қавӣ ба бунёди давлати навини демократию ҳуқуқбунёд ва ягонаву иҷтимоӣ оғоз намоем.

Ваҳдати миллӣ ва истиқрори сулҳ, ки бо шарофати хиради азалии халқи тамаддунофари тоҷик ба вуқуъ омад, хатари аз байн рафтани Ватани азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол ва пароканда гаштани мардуми онро бартараф намуд.

Маҳз ба шарофати истиқрори сулҳ ва ҳамдигарфаҳмии ду ҷониб, дар Тоҷикистон сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ пойдор гашта, барои аз бӯҳрони шадиди иқтисодиву иҷтимоӣ раҳо додани кишвар заминаи устувору боэътимод гузошт.

Баъди имзои Созишномаи истиқрори сулҳ мардуми тоҷик ба фардои рӯзгори худ ваояндаи Ватан дилпурона ва бо эътимоди қавӣ нигоҳ карда, аз пайи ободии кишвар ва фароҳам овардани зиндагии осоишта ва муносиб пардохтанд. Дар фазои сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии

Ҳанӯз дар асри XIV яке аз фарзандони бузурги халқи мо Хоҷа Ҳофиз ба инсоният панд медод, ки бо дӯстон мурувват кардан ва дар айни замон бо душманон мадоро, яъне муросо варзидан шарти оромиву осоиши аҳли башар аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

худ – расидан ба истиқлолияти энергетикӣ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ва таъмини амнияти озуқаворӣ дар кишвар, дар ин замина баланд шудани сатҳу сифати зиндагии мардум шурӯъ намуд, ки он пайваста амалӣ гашта истодааст.

Ваҳдати миллӣ ва барқарории сулҳу субот боиси дар арсаи байналмилалӣ боло рафтани обрӯи Тоҷикистони соҳибистиқлол ва таҳкими нуфузу мавқеи он дар миёни ҷомеаи ҷаҳонӣ гардида, ҷомеаи ҷаҳонӣ иқдомоти башардӯстонаи давлати тоҷиконро доир ба ҳалли проблемаҳои мубрами минтақа ва ҷаҳон бо як самимияти хосаи дӯстонаю холисона ва қадрдонӣ истиқбол намуда, дастгирӣ мекунад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи қадру манзалати Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сухан карда, таъкид намудаанд, ки «санади сулҳи мо баробар бо Эъломияи истиқлолияти давлатии мост. Яке агар барои мо мустақилият оварда бошад, дигаре дар сарзамини азиятдидаи мо сулҳу субот ва ваҳдати миллиро таъмин намуд».

Бинобар ин, сулҳ барои мардуми тоҷик баробари истиқлолият муқаддас ва бебаҳост. Бо имзои Созишномаи сулҳ халқи тоҷик ба ҷанги даҳшатбори дохилӣ хотима бахшид, ки дар натиҷа, дар як муддати кӯтоҳ дар саросари мамлакат суботу оромӣ пойдор гашт.

Дар барқарорсозӣ ва пойдории сулҳу субот дар кишвар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии мамлакат нақши басо муҳим бозидаанд. Дар баробари дигар мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва сохторҳои низомии кишвар, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бахри таъмини амнияти иқтисодии мамлакат ва пешгирию мубориза бо коррупсия, ки яке аз омилҳои пойдории сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ мебошанд, самаранок фаъолият намуда истодааст.

Коррупсия дар марҳилаи ҳозираи рушди иқтисодиву иҷтимоӣ ҷомеаи ҷаҳонро ба ташвиш овардааст. Коррупсия дар қатори дигар хатарҳои ҷаҳонӣ ба мисли терроризм, экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, ҷиноятҳои трансмиллӣ ва бисёр дигар хатарҳо зарарҳои зиёде ба давлатҳо, ташкилотҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ, ҷомеаҳои шаҳрвандӣ ва билохира ба ҳар як шаҳрванду ҳар як инсон мерасонад. Оромӣ ва суботи ҷомеа, ҳисси боварии мардумро ба оянда ва ҳаёти хушу хуррам ба қонунҳои давлат ва роҳбарони ташкилоту идораҳои давлатӣ ва ҷамъиятӣ коста мегардонад.

Аз рӯи маълумотҳои Бонки ҷаҳонӣ гардиши яксолаи дороиҳои ғайриқонунӣ ё худ коррупсионӣ миллиардҳо доллари амрикоиро ташкил медиҳад, ки ин ба пешрафти иқтисодии кишварҳо таъсири манфӣ мерасонад.

Бо мақсади гирифтани пеши роҳи ин хатари умумибашарӣ соли 2003 Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия таҳия гардид. Конвенсияи мазкур ҳуҷҷате мебошад, ки асосҳои ҳуқуқии пешгирӣ ва мубориза бо коррупсияро аз ҷониби давлатҳои аъзо ва меъёрҳои самти фаъолиятро ба танзим медарорад. Дар зери ин ҳуҷҷат то ба имрӯз 148 давлати дунё имзо намуда, дар зиёда аз 80 давлат он расман аз ҷониби парламенти давлатҳо тасдиқ (ратификатсия) карда шудааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ҳамчун узви ҷудонашавандаи ҷомеаи ҷаҳонӣ аз ин хатар эмин нест. Бо дастгирии бевоситаи роҳбарияти давлат, Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз аввалинҳо шуда ба зери Конвенсияи мазкур имзо гузошт ва он аз ҷониби Парлумони кишвар тасдиқ карда шудааст.

Роҳбарияти сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон пеш аз ҳама Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ,

Ба андешаи ман, сабаби аз ҷабри таърих ва зулми аҷнабиён раҳо ёфтан ва то ба имрӯз пойдору бобақо мондани миллати тоҷик маҳз дар тафаккури сулҳхоҳӣ ва хислати таҳаммулписандии он аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои аввали ноил шудан ба истиқлолияти давлатӣ дар қатори дигар масъалаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ зарурат ва муҳимияти проблемаҳои коррупсия, пешгирӣ ва мубориза бар зидди онро масъалаи афзалиятнок ва ҳалталаби рӯз дониста ҳамарӯза баҳри пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия санадҳои меъёрии марбут ба масъалаи мазкурро қабул намуда, дар амалӣ кардани он кӯшишҳои пай дар пай ба харҷ дода истодааст.

Бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №143 аз 10 январи соли 2007 мақоми махсус баҳри пешгирӣ ва мубориза бо коррупсия – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон таъсис дода шуд. Таъсиси Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи иродаи олии сиёсии сарвари давлат мебошад, ки бо назардошти муҳиммияти проблемаҳои коррупсия ва муқовимат бар он амалӣ гардонида шудааст.

Аз ибтидои ташкилшавии мақомоти Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки начандон давраи тӯлониеро паси сар намуда бошад ҳам, аммо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти ҳамкориҳои байналмилалӣ корҳои зиёдеро ба сомон расонидааст, ки натиҷаи он дар ҷомеаи ҷаҳонӣ оид ба мубориза бар зидди коррупсия саҳми муайян гузоштанашро собит месозад.

Вазифаҳои мақомоти мазкур иборат аз мубориза бар зидди коррупсия буда, муҳиму мураккаб мебошад, онҳо ба ҳифзу ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон, манфиатҳои давлату ҷамъият, ташкилоту идораҳо, таъмини қонуният, ошкор ва пешгирӣ намудани кирдорҳои коррупсионӣ ва ба ҷавобгарӣ кашидани шахсони гунаҳгор равона гардидаанд.

Чӣ тавре аз суханронии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба муносибати 10-солагии таъсисёбии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия бармеояд: «Таъсиси ниҳоди махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия яке аз дастовардҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат бо коррупсия мебошад, ки вазифаи он аз назорати истифодаи дуруст ва мақсадноки маблағҳои буҷетӣ, амволи давлатӣ, таҳкими қонуният, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, инчунин, манфиатҳои давлат ва ҷомеа иборат мебошад» .

Баъд аз таъсиси Агентӣ ҳамчун мақомоти махсусгардонидашуда вазифаи таҳия ва пешниҳоди ҳисоботҳои ҳамасола дар ин самт бар дӯши мақомот вогузор гардид, ки то ба имрӯз вобаста ба 4 даври мониторинги тавсияи Созмони Милали Муттаҳид баҳри амалигардонии Нақшаи Истамбулии амалҳо ҳисоботҳои фосилавию даврии кишвар дар ҳамбастагӣ бо субъектҳои муқовимат ба коррупсия таҳия гардида, ба унвонии Созмон пешниҳод карда шудаанд. Дар натиҷа, дар ҷаласаҳои ҳамасолаи Шабакаи масъулини мақомот ва роҳбарони вазорату идораҳои кишвар ширкат варзида, ҳисоботҳои давлатиро ҳимоя намуданд.

Бо итминони комил гуфта метавонем, ки Агентӣ минбаъд низ дар амалисозии сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлат ҷиҳати таъмини назорати самарабахши истифодаи маблағҳои буҷетӣ, пешгирӣ, ошкор ва рафъи ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ тамоми кӯшишу ғайрати худро ба харҷ дода, дар таъмини амнияти сиёсию иқтисодии давлат ва ба ин васила пойдории сулҳу субот дар ҷумҳурӣ саҳми босазои худро мегузорад.

Феномен ё худ падидаи нодири сулҳи тоҷикон ҷанбаъҳои зиёд дорад, ки бунёди мустаҳками иҷтимоӣ ва дастгирии сиёсати сулҳҷӯёнаи роҳбарияти давлат аз ҷониби ҳамаи қишрҳову табақаҳои аҳолӣ, ҳатто гурӯҳҳои мухолиф аз ҷумлаи паҳлуҳои муҳимтарини ин падида мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ҒОЯИ ВАҲДАТИ МИЛЛӢ ДАР ЯК МАРҲАЛАИ ТАҚДИРСОЗИ ТАЪРИХ

***Маҳмуродзода Олимҷон Ҳақназар – сардори Шуъбаи чорабиниҳои оперативии Агентӣ***



27 июни соли 1997 дар таърихи миллати тоҷик ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ бо ҳарфҳои заррин сабт ёфтааст. Ин рӯз, ки барои халқу миллати тоҷик азизу муқаддас мебошад, ба осонӣ ба даст наомадааст.

Аз рӯйдодҳои муҳимми тақдирсози миллати тоҷик хеле солҳо сипарӣ гаштанд. Агар ба таърих назар афканем мебинем, ки барои давлату давлатдориро пеш бурдан ва тараққӣ додан халқ ҳамеша роҳи ваҳдатро пеш мегирад.

Дар Тоҷикистон ҷанги беамони шаҳрвандӣ ба амал омад, ки он харобӣ, марг ва бесарусомониро ба вуҷуд овард. Хавфи барҳам хӯрдани давлату миллат ба миён омад. Барои азнавсозии харобаҳо ва эҳёи миллат чеҳраи таърихие лозим буд. Худованд ба оҳи модарон ва нолаи хоҳарон раҳмат карда, шахсеро аз миёни халқ ба сафи пеш баровард, ки ӯ тавонист ҳаёти осоиштаро барқарор созад. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президентамон Эмомалӣ Раҳмон ба сари давлат омада, халқи сулҳпарвари тоҷикро ба баробарию бародарӣ даъват намуд.

Мардум, ки аз харобию вайрониҳо ба танг омада буданд, роҳи навро пазируфтанд. Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол бо шарофати Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳаракати наве бо номи «Ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон» ташкил карда шуд, ки дар таҳкими он тамоми ташкилотҳои хурду бузурги ҷамъиятӣ ҳисса гузоштанд. Ин амали хирадмандона самари некро ба бор овард. Ниҳоят тоҷикон ба мувофиқа омада, даст ба дасти ҳам доданд.

Ба имзо расидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» мамлакатро аз таҳдиди нестшавӣ ва мардумро аз порокандашавӣ нигоҳ дошт, акнун 27 июн тибқи қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи рӯзҳои ид», ҳамчун «Рӯзи Ваҳдати миллӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба иди расмии давлатӣ табдил ёфтаст ва ҳар сол ҷашн гирифта мешавад.

Ваҳдат, сулҳ ва ягонагӣ ин калимаҳое мебошанд, ки барои ҳар тоҷику тоҷикистонӣ азизу муқаддас маҳсуб ёфта, монанд ба идҳои суннатии халқамон аст. Маънии ин калимаро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат – Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле равшану

Имрӯз таҷрибаи тоҷикон дар бобати ҳалли мусолиматомези низоъ ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нигоҳи амалӣ ба сарвати илми сиёсатшиносии ҷаҳонӣ мубаддал шудааст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

гӯшнавоз шарҳ додаанд: «Ваҳдат барои мо як вожа ва калимаи оддӣ нест, балки номаи тақдири мо, шарти пешрафти кишварамон ба сӯи ояндаи ободу осуда ва муҳимтар аз ҳама, кафили сарҷаъмию хушбахтии имрӯзу ояндаи халқамон аст».

Воқеан ҳам, Ваҳдат омили рушди босуботи мамлакат, кафили иқболу саодати халқу ҷамъият ба ҳисоб меравад. Ин мафҳуми муқаддас миёни мафҳумҳои барои мо парарзиш, чун сулҳу амният, маърифату фарҳанг, ватандориву ватандӯстӣ, иттифоқу ҳамдилӣ, андешаву шуур ва ҳуввияти миллӣ ҷойгоҳи махсусро дорост. Зеро Ваҳдат сароғози ҳамаи комёбиҳо, созандагиву ободкориҳо, ибтидои суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва некӯаҳволии ҷомеаи навин, ҳамчунин, худогоҳиву худшиносӣ бахри ҳамаи миллати соҳибмаърифати мо ба ҳисоб меравад.

Ҳаққатан Вахдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате. ки сулху амонӣ ва дустӣ ҳукмфармост, он давлат рӯз то рӯз гулгул мешукуфад, иктисодиёташ тадриҷан меафзояд, ҳам аз ҷиҳати сиёсӣ ва ҳам аз ҷиҳати фарҳангӣ пеш меравад.

Маҳз бо кӯшишҳои пайгиронаи Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон миллати парешон сарҷамъ омад, мамлакат обод шуд, пеш рафт, гул-гул шукуфт ва имрӯз дар чеҳраи ҳар фарзанди тоҷик нишоту хурсандист, ваҳдату сулҳ падидор аст.

Имрӯз иттифоқ будани миллати тоҷик, пешравии кишвари биҳиштосои мо, меҳмоннавозии халқи инсондӯсти мо мамлакатҳои бурунмарзиро дар ҳайрат гузошта, мавриди омӯзиши Созмони Миллали Муттаҳид қарор дорад, ки ин ҳам аз ваҳдату ягонагии мо, самимӣ будани мо нисбат ба Ватан ва Роҳбари воломақом гувоҳӣ медиҳад.

Мутаасифона ҳануз ҳам шахсон ва гурӯҳои алоҳида мавҷуд ҳастанд, ки мехоҳанд ваҳдату суботи давлати соҳибистиқлоли моро бо ҳар роҳу васила халалдор намоянд. Созмону ташкилотҳои мамнӯъ дар сомонаҳои интернетӣ, маълумотҳои бардуруғ бо мақсади паст задани мавқеи давлати тоҷикон ва шаҳрвандони онро дар миқёси байналхалқӣ ва минтақавӣ паҳн менамоянд. Инчунин, гурӯҳҳои мазкур барои расидан ба мақсадҳои ғаразноки худ ба куштору бетартибиҳои омавӣ дар кишварамон даъват менамоянд.

Музаффариятхои Тоҷикистон дар даврони баъди баргузории Иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба имрӯз бо номи Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомалӣ Рахмон алокамандии ногусастанӣ дорад.

Бо тадбир ва талошҳои пайгиронаи Пешвои миллат давлатдории миллати точик аз вартаи нобудӣ наҷот ёфт. Ҷаҳду талошҳои Эмомалӣ Рахмон, ҳамчун Роҳбари давлат, боис гашт, ки тамомияти арзии Тоҷикистон ҳамчун кишвари ягонаи мустакил хифз карда шавад.

Вахдати миллӣ дастоварди бузургест, ки решаҳои таърихӣ дорад. Дар ҳар давру замон фарзандони бузурги миллат онро пойдор нигоҳ дошта, қиммату бузургии онро афзун гардонидаанд. Дар замони Каёниён Ҷамшед, дар замони Сомониён Исмоили Сомонӣ чунин ашхосе буданд, ки Ваҳдатро пойдору барқарор нигаҳ доштанд. Дар замони мо чунин бахти бузург насиби фарзанди бузурги миллат Эмомалӣ Раҳмон гашт.

Дар чунин рӯзи барои миллат муқаддас ва тақдирсоз як лаҳза ҳам бошад, биёед рӯ ба таърих биёрем. Салтанати бузурги Сосониён, то замоне ки ваҳдат асоси сиёсати онро ташкил медод, қарнҳо пойдору устувор буд. Замоне ки ваҳдат дар он халалдор шуд, он

Таҷрибаи сулҳи мо ғайр аз ин, ки роҳи моро барои пешрафти минбаъдаамон равшан мекунад, аҳамияти байналхалқӣ низ дорад ва метавонад ҷиҳати ҳалли мушкилоти кишварҳои гуногун мавриди истифода қарор гирад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

империяи бузург мувоҷеҳ ба шикаст шуд. Ё мисоли дигар, Давлати Сомониён. То замоне ки фарҳанги ваҳдатсози асосгузори ин давлати бузурги аҷдодии мо Исмоили Сомонӣ ҳукмрон буд, Давлати Сомониён ҳам пойдор буд. Ва таърих гувоҳ аст, ки дар замони ин ду империяи бузург аҷдодони мо ба чӣ дастовардҳои бузургиилмию эҷодӣ муваффақ гаштаанд.

Ғояи ваҳдати миллӣ дар як марҳалаи тақдирсози таърихӣ ҳамчун омили нерӯманди иттиҳоди ҷомеаи мо хизмати бузургу пурарзишро анҷом дод. Ва имрӯз вақти он расидааст, ки омӯзиши ваҳдати миллӣ ба сифати унсури меҳварии худшиносӣ ва тафаккури миллӣ ҳамаҷониба таҳқиқ ва тарғиб карда шавад.

Шукр аз ваҳдати миллӣ менамоянд, шукр аз ваҳдате менамоянд, ки он барои миллати тоҷик арзиши гарон дошт, шукр аз ваҳдате менамоянд, ки бар ивази ҷони садҳо ҷавонони ҷавонмарги баору баномуси халқи тоҷик ба даст омадааст, шукр аз ваҳдате менамоянд, ки он бебозгашт асту ба халқи тоҷик хушбахтиҳо овардааст, шукр аз ваҳдате менамоянд, ки он имрӯз мароми тамоми халқи тоҷик гардидааст.

Ифтихор аз он дорам, ки Ватани моро ҷомеаи ҷаҳонӣ бо таклифоту пешниҳодоти сулҳовараш мешиносад. Ифтихор аз он дорам, ки Ватани мо Тоҷикистон ном дорад, Тоҷикистоне, ки мардуми он тоҷ ба сар буда, таърихи бузург дорад, мисли онро таърих ёд надорад. Ифтихор аз он дорам, ки тоҷикаму аз Тоҷикистон.

Бинобар ин, ваҳдати миллиро, бешубҳа, метавон ҳамчун самараи талошҳои хурду бузурги Ватани азизамон маънидод кард ва маҳз ба ҳамин хотир, ҳар яки мо вазифадорем, ки онро мисли гавҳараки чашм ҳифзу нигоҳдорӣ намоем.

Вобаста ба ин падидаи мухими таърихи Президенти Чумхурии Точикистон мухтарам Эмомали Рахмон чунин таъкид кардаанд: «Бо итминони комил ва бо ифтихор изхор медорам, ки Вахдати миллӣ самараи талошхои ватандустонаи хурду бузурги давлати тозабунёдамон ва хизмати таърихии халки Точикистон мебошад ва махз ба хамин хотир мо вазифадорем, ки ин неъмати бебаҳоро мисли гавҳараки чашм азизу гиромӣ дорем ва ҳифзу нигаҳдорӣ он моем».

Гузашти солҳо собит намуд, ки музокироти сулх роҳи асоситарини рафъи ихтилофоти дохилӣ ва асоси пешрафту ободии кишвар мебошад. Бехуда нест, ки холо таҷрибаи сулҳу оштии миллии мо мавриди омӯзишу истифодаи созмонхои бонуфузи байналмилали ва чомеаи башари карор дорад.

Мо холо амик дарк кардем, ки Вахдати миллӣ омили мухимтарини рушди чомеа, шарти асосии пешрафти иктисодиёту ичтимоиёт ва фарханги мардуми тоҷик ба хисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо ҳифзи Истиклолият ва Ваҳдати миллиро аз ҷумлаи рисолатҳои инсонии худ мешуморем.

Имрӯз ҳар яки мо бояд шукрона ва ифтихор кунем, ки тавонистем тамоми душвориҳоро дар роҳи эҷоди сулҳу ваҳдати миллӣ таҳти роҳбарии фарзанди фарзонаи миллат Асосгузори сулху вахдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бартараф созем, арзишҳои бузурги умумимиллӣ – соҳибистиқлолӣ, давлату давлатдории миллӣ ва ягонагии марзу буми Ватани азизамонро аз манфиату ғаразҳои гурӯҳиву ҳизбӣ боло гузоштем, тадриҷан пойдории сулҳу субот ва оромиву амнияти кишварамонро таъмин намудем.

Аз ин рӯ барои ободии давлату миллат ҳар фарди ватандӯст вазифадор аст, ки саҳми худро дар пешрафти Ватан гузорад ва сулҳу

Ба шарофати сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва таҳкими рӯзафзуни ваҳдати миллӣ мо ба марҳилаи нави зиндагӣ – давраи аз нав барқарорсозӣ, созандагии Ватан ва ободонии сарзаминамон қадам гузоштем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Ваҳдати миллиро аз душманони миллат эмин нигоҳ дорад.

Итминони комил дорем, ки муттаҳидиву ягонагӣ ҳамчун сарчашмаи бахту иқболи миллати тоҷик ва пешрафти давлати миллии мо муқаддасу бегазанд ва ҳамеша пойдору устувор мемонанд ва моро дар роҳи татбиқи нақшаву ҳадафҳои тақдирсози Ҳукумати мамлакат ғайрату илҳоми тоза мебахшанд.

Танҳо сулҳу оромии ҷомеа ва ваҳдати миллӣ имкон дод, ки мо дар бобати аз бӯҳрони шадид раҳоӣ бахшидани иқтисодиёти кишвар, таъмини рушди мунтазам ва тадриҷии соҳаҳои гуногун, гузаронидани ислоҳоти иқтисодии ба талаботи замон ва меъёрҳои байналхалқӣ мувофиқ тадбирҳои зарурӣ андешем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ – ОМИЛИ МУҲИМИ ТАШАККУЛ ВА ИНКИШОФИ НИЗОМИ МУОСИРИ ИДОРАКУНИИ ДАВЛАТӢ

***Турсунзода Саймаҳбуб Турсуналӣ – нозири калони шуъбаи муносибатҳои байналмилалӣ,маркази матбуот ва робита бо ҷомеаи Агентӣ лейтенанти адлия***



Тавре ба ҳамагон маълум аст, падидаи коррупсия мушкилоти глобалии ҷаҳони муосир арзёбӣ гардида, он ҳамчун зуҳуроти сиёсӣ-иҷтимоӣ ба тамоми паҳлуҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, идоракунии давлатӣ, амнияти иқтисодӣ, некӯаҳволии мардум, таъмини риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳарчанд ҷомеаи башарӣ бар зидди ин падидаи номатлуб дар мубориза беамон қарор дошта бошад ҳам, вале то ҳол коррупсия чӣ дар давлатҳои абарқудрат ва чӣ дар давлатҳои рӯ ба никишоф арзи ҳастӣ дорад.

Ҳанӯз чанд аср қабл яке аз мутафаккирони бузурги аврупоӣ Ш.Л. Монтеские гуфта буд, ки: «Дар натиҷаи амалҳои коррупсионӣ тартиботи хуби ҷамъиятӣ аз байн рафта, дастгоҳи давлатӣ валаҷ ва ба як чизи бекора мубаддал мегардад».

Воқеан коррупсия дар ҳар давру замон садди роҳи инкишофи иқтисодиёт ва ҷомеа гардида, оромиву суботро халалдор карда, сабаби коста гардидани боварии мардум ба мақомоти давлатӣ мешавад.

Муаррихон ва ҷомеашиносон пайдоиши коррупсияро ба давраи таназзули ҷомеаи ибтидоӣ ва ба миён омадани давлатҳои нахустин, яъне ба замоне вобаста медонад, ки вазифаи идоракунӣ имконияти ба даст овардани фоидаро ба вуҷуд оварда буд.

Коррупсия аз замони қадим то ба имрӯз яке аз мушкилоти печида ва мубрами инсоният маҳсуб меёбад, зеро дар тамоми давраи рушди тамаддуни башарӣ ин зуҳуроти манфии иҷтимоӣ фаъолияти муътадили ҳокимияти давлатиро халалдор намуда, монеаи пешрафт ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ гардидааст.

Дар аҳди бостон калимаи «коррупсия» ба истилоҳи фасод, вайронкунанда, зараррасонанда ва фурӯхтани мансаб маънидод карда шуда, ҳамчун рафтори истифода намудани имкониятҳои мансабӣ ба манфиатҳои шахсӣ фаҳмида мешуд ва афроди ба чунин амал дастзада дар ҳар давру замон аз ҷониби аҳли ҷомеа маҳкум мегардиданд.

Вазифаи муқаддаси мо дар ҷараёни барпо кардани давлати ҳуқуқбунёд ва ташкили ҷомеаи шаҳрвандӣ таҳия ва қабули чунин қонунҳоест, ки ҷомеаи моро бо олами мутамаддин пайванд диҳанд, маърифати сиёсии мардуми моро баланд бардоранд ва барои бархурдорӣ аз дастовардҳои кишварҳои пешрафта замина муҳайё намоянд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар замони муосир низ падидаи мазкур ба худ атрибутҳои хос, аз ҷумла аз порагирӣ то суистифода аз ваколатҳои мансабиро касб карда, ба институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бахшҳои иқтисодиву иҷтимоии ҳаёти ҷамъиятӣ ва арзишҳои волои маънавию ахлоқии ҷомеаи инсонӣ таъсири манфии худро расонида истодааст.

Тафаккури аҳли ҷомеа ба коррупсия гуногун буда, онро бо «ришва», «суиистифода аз мансаб», «пораситонӣ», «судхӯрӣ», «падидаи тамаллуқкорӣ», «хушомад задан» ва ғайра мешуморанд. Бо вуҷуди ин ҳам, новобаста аз зиёд будани ақида ва нуқтаи назари гуногун нисбати ин зуҳурот, аксари одамон дар ақидаанд, ки ин кирдо ҳамчун падидаи манфӣ сутунҳои ҷомеаро вайрон намуда, таҳавулоти онро зери хатар мегузорад, осудагӣ ва ахлоқи одамонро хароб ва ба пайвасти институтҳои давлатӣ бо доираи ҷиноятӣ ва коҳиш ёфтани боварии мардум нисбати мақомоти давлатӣ, оварда мерасонад.

Бояд тазаккур дод, ки коррупсия аслан ба фаъолияти давлат ва мақомоти он алоқаманд буда, ин зуҳурот аз рӯзи пайдоиши давлат то ин дам ҳамқадами он мебошад. Дар давраҳои гуногуни таърихӣ бо тарзу усулҳои гуногуни ба худ хос содир карда мешуд. Саволе ба миён меояд, ки барои чӣ ин тавр аст? Ба ин савол ҷавоб хело одист, зеро давлат ва мақомоти он ин ё он вазифаҳои амрдиҳиву танзимкунии муносибатҳои ҳуқуқиро дар ихтиёр дошта, буҷет ва дигар захираҳои моддиро ихтиёрдорӣ мекунанд, ки бевосита барои ба вуҷуд омадани коррупсия замина шуда метавонанд.

Албата, зуҳуроти коррупсия дар ҳар шакле набошад, боиси заиф шудани пояҳои давлатдорӣ ва сатҳу сифати зиндагии аҳли ҷомеа мегардад ва аз ин рӯ, муқовимат алайҳи ин падида натанҳо вазифаи мақомоти давлатӣ, балки рисолати шаҳрвандии ҳар як сокини мамлакат дониста мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ масъалаи муқовимат ба коррупсия дар меҳвари сиёсати хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор дошта, бартараф ва коҳиш додани шиддати ин падидаи номатлубро дар ҳар бaромаду мулоқотҳои худ махсусан таъкид менамоянд.

Мавқеи муқовимат ба коррупсияи ин ё он давлат аз сиёсати зиддикоррупсионии он вобастагӣ дорад. Сиёсати зиддикорупсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодакунандаи иродаи ҳокимияти давлатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб рафта, бо мақсади паст намудани сатҳи амалҳои коррупсионӣ ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои қонунии шаҳрвандон, ҷамъият ва давлат аз таҳдидҳои ба коррупсия алоқаманд мебошад.

Ҷумҳурии Тоҷикистон мисли дигар давлатҳои мутараққии замони муосир дар раванди ҷаҳонишавии фарҳангҳои гуногун қарор дорад ва ҷомеаи ҷаҳониро муаммоҳои зиёде аз ҷумлаи терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва ба инҳо монанд, ки дар байни онҳо коррупсия мавқеи махсусро ишғол менамояд, фаро гирифтаанд.

Коррупсия яке аз мавзӯъҳои мубрами рӯз ва муаммои «сарпеч» дар замони муосир ба шумор меравад, зеро дар қатори дигар падидаву омилҳои номатлуб зуҳуроти барои ҷомеа ва давлат хатарнок дониста шуда, яке аз масъалаҳои доғи рӯзи тамоми мамолики ҷаҳон, аз ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравд.

Пешвои муаззами миллат дуруст ишора намуданд, ки «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо, яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро

Ҳамаи ин корҳоро худи мо бояд анҷом диҳем, зеро Ватан аз худи мост ва сарнавишти он низ дар дасти худамон аст. Бояд Ватанро бо ҳама каму костияш дӯст дорем, ҳар рӯзи умрро ғанимат шуморем ва онро сарфи меҳнати созанда ва корҳои хайр намоем.

***Эмомалӣ Раҳмон***

барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем.

Дар ҳақиқат, бадтарин зарари коррупсия ба сохтори давлату давлатдорӣ ин дар афкори умум ба миён овардани ҳисси нобоварӣ ба институтҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Беҳуда нест, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 10 январи соли 2017 дар суханронии худ бахшида ба 10-солагии таъсисёбии Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон қайд намуданд, ки «Коррупсия зуҳуроти номатлубест, ки эътимоди мардумро ба давлат коста гардонида, обрӯву эътибори онро коҳиш медиҳад, барои рушди иқтисоди пинҳонӣ ва истифодаи ғайримақсадноки маблағҳои давлативу ҷамъиятӣ шароит фароҳам меорад ва дар маҷмӯъ, боиси поймолшавии ҳуқуқи инсон ва заиф шудани пояҳои ахлоқии ҷомеа мегардад» .

Маҳдуд сохтани коррупсия бояд ба таври маҷмӯи ва ҳаматарафа сурат гирад ва азбаски муқовимат ба коррупсия метавонад дар сатҳи гуногуни ҳокимият ба зиддият рӯ ба рӯ шавад, тақозо мегардад, ки чораҳои муқовимат ба коррупсия бояд ҳамеша таҳти назорати ҷиддӣ қарор гиранд, то ки ҷораҳои каммаҳсул ошкор ва аз онҳо даст кашида шуда, ба чораҳои таъсирбахш иваз карда шаванд.

Муқовимат ба коррупсия аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохили ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии он аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз гардида, самаранокии муқовимат ба он аз иштироки фаъолонаи тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ, институтҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва дар умум аҳли ҷомеа зимни амалигардонии он вобаста мебошад.

Барои комёб гаштан ба ҳадафҳои ниҳоии муқовимат ба коррупсия аз тарзу усулҳои таъсиррасонӣ ва чораҳои хусусияти маҷбуркунии давлатидошта дар алоҳидагӣ ғайриимкон аст. Зеро, баҳри комёб гаштан ба дараҷаи сифат ва самаранок, ҳадафу вазифа ва паҳлӯҳои судманди он, бевосита такя намудан ба силсилаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарур ва муҳим аст.

Лозим ба ёдварист, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали соҳибистиқлолӣ мубориза ба коррупсияро ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, ба ташаккули заминаҳои ҳуқуқиву сохторӣ ва таҳкими ҳамкориҳои байналмилалӣ оғоз намуд.

Барои таъмини шаффофияти раванди идоракунӣ, ҷорӣ намудани маҳдудиятҳои пешгирикунанда дар соҳаи хизмати давлатӣ, муқаррар кардани ҷавобгарӣ барои содир намудани намудҳои кирдори коррупсионӣ ва ошкору пешгирӣ кардани чунин амалҳо аз тарафи Ҳукумати малакат заминаҳои боэътимоди ташкилию ҳуқуқӣ фароҳам оварда шуданд.

Бо дарки хатари коррупсия ва оқибати манфӣ доштани он, ҷомеаи ҷаҳониро зарур омад, ки санади байналмилалӣ ҷиҳати муқовимат ба коррупсия қабул намояд, то ки он тавонад муносибатҳои давлатҳоро дар самти мубориза бо ин падида пурра ба танзим дарорад.

Ҷиддияти оқибатҳои хисороти коррупсияро ба амнияти иқтисодии давлатҳои ҷаҳон дарк намуда, 31 октябри соли 2003 «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия» қабул карда шуд, ки дар он принсипҳои асосии мубориза ба коррупсия, номгӯи чорабиниҳои муҳими зиддикоррупсионӣ, чораҳои пешгирии коррупсия барои давлатҳои аъзо пешбинӣ шудаанд. Дар навбати худ 9 декабри ҳамон сол дар шаҳри Меридаи Мексика дар конфронси сиёсии

Мо бояд ҳамеша шукронаи сулҳу ваҳдати миллиро кунем ва ба қадру қимати Ватани азизамон – Тоҷикистони соҳибистиқлол расем.
*Эмомалӣ Раҳмон*

сатҳи олӣ маросими баимзорасонии ин санади муҳим баргузор гарди. Дар ин замина 9-уми декабр ҳамчун «Рӯзи байналмилалии мубориза бар зидди коррупсия» бо ташаббуси Маҷмааи кулли Созмони Милали Муттаҳид дар тамоми ҷахон эълон карда шуд.

Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди ҷаҳони муқовимат ба коррупсия «Конвенсияи Созмони Милали Муттаҳид зидди коррупсия»-ро 25 сентябри соли 2006 пазируфта, онро 16 апрели соли 2008 тасдиқ намуд. Дар ин бобат меъёрҳои қонунгузории кишвар ба талаботи конвенсияи мазкур мутобиқ гардонида шуда, чандин санади меъёриву ҳуқуқӣ ва барномаву стратегияҳои давлатӣ қабул гардиданд.

Барои пурзӯр намудан ва таҳким бахшидан бобати мубориза бо корупсия бори нахуст фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагии пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия» 21 июни соли 1999, №1262 интишор гардида, ҳамзамон моҳи декабри ҳамон сол Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» қабул гардид. Яъне ин аз он шаҳодат медиҳад, ки то соли қабули Конвенсияи СММ зидди коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ заминаҳои мубориза бар зидди коррупсия арзи вуҷуд доштанд.

Бо мақсади вусъат бахшидани мубориза бар зидди коррупсия бо фармони Пррезиденти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 июни соли 2004, №1340 ба сохтори Прокуратура генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйирот ворид гардида, дар он раёсати мубориза бар зидди коррупсия таъсис дода шуд, ки он ҳамчун ниҳоди зиддикоррупсионӣ то моҳи декабри соли 2006 фаъолият намуд.

Бахри дар амал татбиқ намудани бандҳои Конвенсияи СММ зидди коррупсия бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007, №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза ба коррупсия таъсис дода шуд.

Агентӣ ҳамчун мақомоти ваколатдор назорати давлатии молиявиро оид ба истифодаи самарабахши маблағҳои давлатӣ ва молу мулки давлатӣ барои таъмини амнияти иқтисодии кишвар бо роҳи огоҳсозӣ, пешгирӣ, ошкорсозӣ, бартараф намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқ ва тафтиши пешакии ҷиноятҳои коррупсионӣ, иқтисодии хусусияти коррупсионидошта ва ҷиноятҳои ба андоз алоқаманд, инчунин дигар вазифаҳои бо қонунгузорӣ муқарраршударо амалӣ менамояд.

Дар баробари ташаккули заминаҳои меъёрӣ-ҳуқуқӣ ва таъсиси мақомоти махсусгардонидашудаи мубориза ба коррупсия дар кишвар бахри пешгирӣ ва муборизаи беамон бо ин падидаи хатарзоюю фалаҷкунандаи давлату ҷомеа чандин барномаву стратегияҳо, аз ҷумла «Стратегияи мубориза ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008–2012» бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2008, №34, «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013–2020» бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 августи соли 2013, №1504 ва «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030» ва нақшаи чорабиниҳои амалисозии он барои марҳилаи якум (2021–2025) бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 августи соли 2021, №222 қабул ва тасдиқ гардиданд.

Аз таҳлилҳо бар меояд, ки дар давраи амалисозии стратегияҳо барои солҳои 2008–2012 ва 2013–2020 ҷиҳати паст кардани шиддати коррупсия ва баланд бардоштани обрӯй

Ҳамкории тамоми қувваҳои ҷомеа, ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиҳодияҳои ҷамъиятиро минбаъд низ густариш дода, ба манфиати ободии Ватан равона созем, дар дунёи пурмоҷарои имрӯза ҳамеша зираку ҳушёр бошем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

ва нуфузи мамлакат дар арсаи байналмилалӣ заминаи мусоид фароҳам оварда шуданд.

Ҳамин буд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон дар радабандии «Пешбурди соҳибкорӣ 2020» (Doing Business 2020) 20 зина боло рафта, аз 190 кишвари раддабиндишуда дар ҷойи 106 қарор гирифт. Дар асоси ин раддабандӣ Тоҷикистон яке аз кишварҳои беҳтарини ислоҳотгар дар пешбурди соҳибкорӣ шинохта шуд [8].

Чорабиниҳои дар стратегияҳо зикргардида ба меъёр ва принсипҳои қонунгузории миллӣ, ҳуқуқи байналмилалӣ, таҳлили вазъи ҷиноятҷорӣ ва пешгӯии раванди он, натиҷаҳои тадқиқоти илмию амалияи муқовимат ба коррупсия, таҷрибаи амалҳои муштарак, ки аз ҷониби коршиносони байналмилалӣ, намояндагони мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ пешниҳод шудаанд, асос ёфтаанд.

Муқовимат ба коррупсия фаъолияти мақомоти ҳокимияти давлатӣ, мақомоти маҳалли ҳокимияти давлатӣ ва мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва ташкилотҳо новобаста аз шакли моликияташон дар доираи ваколат ва вазифаҳои худ, инчунин шахсони воқию ҳуқуқӣ баҳри пешгирии коррупсия, аз ҷумла оид ба ошкор ва бартарафсозии омилҳои бавуҷудорандаи коррупсия (пешгирии коррупсия), дар самти ошкор кардан, кушодан, рафъ ва тафтиши ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ (мубориза ба коррупсия), оид ба кам ва бартараф кардани оқибатҳои ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ мебошад.

Бояд қайд намуд, ки муқовимат ба коррупсия ва коҳиш додани сатҳи он аз бисёр омилҳо ба монанди дастаҷамъӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, савияи баланди донишу маърифати ҳуқуқӣ ва фаъолнокии ҳар як фарди ҷомеа дар муносибати оштинопазир бо ин зуҳурот вобаста аст.

Баҳри ноил шудан ба натиҷаҳои назаррас дар самти муқовимат ба коррупсия бояд тамоми қишрҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар якҷоягӣ бо истифода аз маҷмӯи воситаву усулҳои муосир фаъолият ва корбарӣ намоянд.

Дар фарҷом чунини тадбирҳоро ҷиҳати муқовимат ба коррупсия дар кишвар мувофиқи мақсад мешуморем:

– муайян намудани роҳҳои муассири муқовимат ба коррупсия ва истифодаи таҷрибаи давлатҳои пешрафта дар ин самт, махсусан, таҷрибаи кишварҳои осиёӣ;

– баланд бардоштани савияи дониши ҳуқуқии аҳли ҷомеа оиди муқовимат ба коррупсия ва дар ин замина ба миён овардани ҳисси оштинопазир дар афкори умум нисбат ба ин падида;

– тақвияти низоми ҳамоҳангсозии мақомоти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муқовимат ба коррупсия;

– баланд бардоштани самаранокии тарғибу ташвиқи зиддикоррупсионӣ ва фаъолияти мақомоти давлатӣ дар ин самт;

– муайян, ошкор ва ҷустуҷӯи даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва мусодираи он, тақвият бахшидани ҳамкориҳо дар ин самт;

– омода ва ҷалби мутахассисони касбӣ дар хизматӣ давлатӣ;

– бо назардошти талаботи сабати истеъмолӣ муқаррар намудани музди кормандони соҳаи хизмати давлатӣ;

– такмили мунтазами қонунгузории зиддикоррупсионӣ бо назардошти рушди муносибатҳои ҷамъиятӣ;

– такмили низоми қонунгузории зиддикоррупсионӣ ба талаботи санадҳои ҳуқуқи байналмилалӣ;

– татбиқи меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ баҳри муқовимат ба коррупсия дар доираи уҳдадориҳои байналмилалии Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Рӯзҳои сахти зиндагии мо ва давраи талхи тақдирамон паси сар шуданд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ПЕШВОИ МИЛЛАТ – БУНЁДГУЗОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ ТОҶИКОН

***Шуҳратзода Шероз – нозири калони Шуъбаи коргузорӣ ва қабули муроҷиатҳои шахсони воқеию ҳуқуқӣ***



9-уми сентябри соли 1991 дар харитаи сиёии ҷаҳон Ҷумҳурии Тоҷикистон – ҳамчун давлати соҳибистиқлол пайдо гашт. Барои давлати навини тоҷикон марҳилаи эҳё ва созандагӣ оғоз гардид. Вале, ҳеҷ кас гумон намекард, ки ин марҳилаи таърихи навини тоҷикон, ки таърих ва фарҳанги қадима доранд ба бӯҳрони сиёсии солҳои 90-уми қарни XX ба ном «драмаи миллӣ» дучор мегардад.

Бо сабабҳои объективӣ ва субъективӣ фазои сиёсии Тоҷикистон солҳои 90-ум тағйир ёфт. Тоҷикистон ҳамчун давлати собиқи Шуравӣ, низоми сиёсии кӯҳнаро мерос гирифт, ки ба тағйиротҳои демократӣ ҷавобгӯ набуд. Тараққиёти сусти иқтисодии минтақаҳо, суст ҷалб намудани инвеститсияи хориҷӣ, ислоҳоти сусти низоми сиёсӣ, рақобатҳои геополитикии давлатҳои абаркудрат ва ҳамсоягӣ бо кишвари ҷангзадаи Афғонистон боиси сар задании низои сиёсии тоҷикон гашт.

Мутаассифона моҳи майи соли 1992 бо таъсири нерӯҳои иртиҷоӣ ба истиқлолияти воқеии Тоҷикистон зарба зада, Тоҷикистон ба гирдоби ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуд. Хушбахтона моҳи ноябри соли 1992 дар шаҳри бостонии Хуҷанд Иҷлосияи таърихии XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он фарзанди фарзонаи миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон интихоб гардид, ки тамоми ғайрат ва талошҳои худро бахри раҳоӣ аз оташи ҷанги шаҳрвандӣ, расидан ба сулҳу суботи комил, таъмини ҳуқуқу озодиҳои шаҳрвандон равона сохт. Он замони мураккаб ёдовар мешавад – Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, Тоҷикистон бо таъсири ҷанги таҳмилӣ ва дасисаи душманони хориҷӣ метавонист аз харитаи ҷаҳон нест шавад, миллатро парешонӣ ва парокандагӣ интизор буд. Пешвои муаззами миллат он вақт ҳамчун раиси Шӯрои Олии Тоҷикистон чунин суханҳои таърихиро баён намуда буданд: «Ман ҳамчун сиёсатмадор аз рӯи тақдир ба шароити таърихии худ ба сарварии Тоҷикистони соҳибистиқлол дар лаҳзаҳои

Халқе, ки чунин рӯзгори сангинро бо сабру таҳаммул ба рӯзи орому осуда расонида тавонист, миллате, ки ақлу заковаташ аз болои ҷаҳлу ҷидол ғолиб омад, қодир аст, ки барои худ ва наслҳоиояндааш Ватани ободу пешрафта ва зиндагии хушу босаодат барпо намояд.
***Эмомалӣ Раҳмон***

душвори муқовимат омадам, ки ҳар рӯзи ҷангро аз байн бурдан, ба Ватан ҳар чӣ зудтар сулҳ ва созиш овардан, ин мақсади олии ман буд, ки барои ба даст овардани он ҳеҷ чизро дареғ намедоштам».

Маҳз бо талошҳои пайгирона ва сиёсати сулҳовари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон миллати сарбаланди тоҷик 27 июни соли 1997 ба ваҳдати миллӣ соҳиб гашт. Тоҷикистон дар бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ таҷрибаи комил ба даст оварда, аз ҷониби бонуфузтарин созмонҳои ҷаҳонӣ ва давлатҳои хориҷӣ шинохта шуда, иқдомҳои Сардори давлати мо аз қабили соли Оби тоза, даҳсолаи амалиёти об барои ҳаёт, аз хатарҳои глобалӣ эмин нигоҳ доштани сайёра дар сатҳи ҷаҳонӣ пазируфта шуданд.

Он рӯзҳо солҳои (1992–1997) ҳеҷ кас андеша намекард, ки ин «драмаи миллӣ» кадом роҳи ҳалли худро дорад, баъзе гурӯҳҳои навмед, ҳатто фикр мекарданд, ки на лидери сиёсӣ ҳаст ва на қуввае, ки халқро ором намуда, ба ваҳдат биёрад. Ёдовар шудан ба маврид аст, ки ҳодисаҳои номатлуби солҳои навадум ва ҷангӣ шаҳрвандӣ исбот намуд, ки аксарияти мардуми тоҷик ба хусус ҷавонон қишри хеле ҳассоси ҷомеъа буда қувваҳои иртиҷоӣ метавонанд аз нерӯи онҳо ба манфиатҳои гурӯхии худ моҳирона истифода баранд. Дар он рӯзгороне, ки душманони миллати тоҷик мехостанд саросар дарахти дӯстиро решакан карда, ниҳоли душманӣ бисабзонанд, миллати пароканда ва бе сарвари сиёсӣ мондаро ҷамъ оварда, ба водии мурод расондан, раҳнамоии шахсиятеро мехост, ки дар сиришти худ ғаризаи таҳлилӣ-аналитикӣ, иродаи матину устувор, биниши бохирад, гавҳари суханро аз дарёи пурошӯби мантиқ берун бароварда тавонистан, ба дили даҳҳо соҳибдавлатони худбузургбини ҷаҳон роҳ пайдо кардан ва садҳо ҳунари дигари давлатдорӣ дошта бошад, ки бо амри тақдир ин шахс Эмомалӣ Раҳмон буданд.

Ба ин масъала олимон ва рӯзноманигорон танҳо баъди имзо шудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ (27 июни соли 1997) дар шаҳри Москва баҳои сиёсии худро доданд. Дар ин ҷо сухан дар бораи ҷонфидоиҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон меравад. Котиби Генералии замони СММ Кофи Аннан дар маҷаллаи махсуси русии «Огонёк» соли 2001 ҳамчун дӯсти тоҷикон навишта буд: «Тоҷикистон намунаи хоси ҳалли муноқишаи дохилиро пешниҳод намуд. Фикр мекунам, ки ин ҳиссаи Тоҷикистон дар таърихи истиқрори сулҳ ба ҳисоб меравад».

Сиёсати пешгирифтаи Ҳукумати ҷумҳурӣ маорифпарварона, фарҳангсоз ва миллатсоз буда, тахти роҳбарии абармарди сиёсати ҷаҳонӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон татбиқ мегардад, ки имрӯз бузургтарин сиёсатмадорону шахсиятҳои шинохтаи ҷаҳонӣ тарзи давлатсозии онро эътироф кардаанд. Ваҳдатофариву давлатсозии халқи тоҷикро Президенти Русия Владимир Путин чунин баҳогузорӣ кардааст: «Эмомалӣ Раҳмон яке аз симоҳои барҷаста буда, дар давраи сиёсат байни Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил мавқеи намоёнро ишғол менамояд. Тамоми ҷидду ҷаҳди ӯ аз он шаҳодат медиҳад, ки дар Тоҷикистон раванди сулҳ тавре пойдор аст, ки назираш дар ҳеҷ мамлакате, ки ҷанги гражданиро аз сар гузаронида бошад, дида намешавад».

Ба ақидаи Афлотун, сиёсат санъатест, ки донишу маҳорати хоси идоракуниро тақозо менамояд. Донишу маҳорати идоракунии ба худ хос – ин яке аз ҷиҳатҳои муҳими сарварии сиёсии Эмомалӣ Раҳмон ба шумор ме-

Имрӯз сулҳ ва сулҳпарварӣ ба талаботи ногузири асри XXI табдил меёбад. Мо – тоҷикон, ки таърихан миллати фарҳангсозу сулҳпарвар ҳастем, зиндагии осоишта, тарзи ҳаёти озоду ором ва меҳнати созандаю бунёдкоронаро мақсаду мароми ҳамешагии худ ҳисобида, ба сӯйи ҷомеаи демократи, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ пеш меравем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

равад, ки меъёри асосии он хирад ва зеҳни амиқи сиёсӣ мебошад.

Тоҷикистони муосир марҳилаҳои душвор, тақдирсоз ва бунёдиро паси сар намуда, дар таҳкими давлатдорӣ аркони бузургеро ба шакл даровард ва сиёсати бисёр хирадмандонаву устуворро ба роҳ монд. Дар як вақти кӯтоҳи таърихӣ аз ҷанги шаҳрвандӣ осоре ҳам намонда, фазои сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангии Тоҷикистон комилан тағйир ёфта, тамоми шаҳрвандони Тоҷикистон сулҳу озодӣ, Истиқлолу Ваҳдати миллӣ ва хушбахтии комил ба даст оварданд. Имрӯз ҳама шукр аз неъматҳои Истиқлолияти давлатӣ ва Ваҳдати миллӣ намуда, аз он фахр мекунанд, ки чунин Пешвои мушфиқу ғамхор доранд.

Имрӯз сад шукр мегӯем ба Офаридгори пок, ки наҷотбахши миллат Эмомалӣ Раҳмонро ба мо ато намуд. Ба ӯ қуввату ҷасорат дод, то ӯ ҳастии худро баҳри наҷоти миллат, ҳифзи марзу буми Ватан ва хотима бахшидан ба низои шаҳрвандӣ бахшид. Бухрони шадиди сиёсии солҳои аввали истиқлолияти давлатии мо маҳз бо ибтикори стратегии Пешвои миллат бартараф гардид. Хусусиятҳои фавқулоддаи сарварии Пешвои миллат ба ӯ имкон доданд, ки ниҳоди қавии Президентиро дар Тоҷикистон ташкил кунад, ки он дар давраи ҷаҳонишавии босуръат ба тамоми хатару таҳдидҳои дохилӣ ва берунӣ муқовимат карда тавонад. Аҳамияти амалӣ ва таърихии ташаккули ниҳоди президентӣ пеш аз ҳама, аз он иборат мебошад, ки он чараёни ҳаводиси фоҷиабори ҷомеаи тоҷиконро, ки ба як бухрони бенизомиву беқонунӣ расида буд, ба фазо ва доираи қонун бозгардонд, ҳокимияти сиёсиву мудириятро, ки ҳам дар сатҳи амудӣ ва ҳам дар сатҳи уфуқӣ пурра фалаҷ шуда буд, аз нав барқарор намуда, асоси қонунӣ бахшид.

Тоҷикистон бо ба даст овардани истиқлолият ҳадафи лоиҳаҳои низоъангези абарқудратҳо ва хусусан як гурӯҳ мамлакатҳои Шарқи Наздик гашт, ки мехостанд дар Тоҷикистон давлати исломӣ барпо намоянд ва як гурӯҳ гумроҳони миллатро бар сари қудрат биоранд. Президенти Тоҷикистон ҳамчун ватандори асил ин ҳадафҳои ғаразноки душманони миллат ва хоҷагони хориҷии онҳоро сари вақт ифшо намуда, бо тамоми ҳастиаш бар зидди онҳо мубориза бурд.

Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шермарди даврони худ ба низои шаҳрвандӣ хотима бахшида, сохти конститутсиониро дар кишвар барқарор гардонид. Вақте ки ӯ ҳамчун сулҳофар ба сӯйи мухолифини сиёсии миллати мо дасти дӯстӣ дароз кард, пеш аз ҳама манфиатҳои миллии моро, ояндаи ҳамватанони худро дар пеши назар дошт. Иродаи қавии сиёсии Пешвои миллат зери фишори душманони миллат ва хоҷагони хориҷии онҳо шикаст нахӯрд ва ӯ тавонист, ки бо истодагарӣ ва ҷасорати худ ҷанги шаҳрвандиро ба анҷом расонида, сулҳу суботро дар Тоҷикистон таъмин намояд. Сулҳе, ки Пешвои миллат ба халқи ба ҷон баробару маҳбубаш овард, кафили истиқлолияти сиёсии Тоҷикистон гашт. Ҷомеаи ҷаҳонӣ ва дӯсту душманони сарзамини мо шоҳиди он гаштанд, ки миллати тоҷик Пешвое дорад ва ӯ миллатро сарҷамъ намуда, истиқлолияташро маҳфуз дошта метавонад.

Мо, тоҷикон, дар таърихи худ ба касе душманӣ надоштему ҷангҷӯ набудем. Дар фарҳанги мо, дар ҳофизаи таърихи мо афкоре аз ҷангу низоъ набуд, нест ва нахоҳад буд. Лекин агар душман ба сари мо ояд, таслим нахоҳем шуд. Ҳар як қитъаи замини Ватанамонро ҳамчун Шерак, Спитамену Темурмалик ҳифз мекунем.

Баъди ба эътидол омадани вазъи сиёсиву ҳарбӣ дар ватани мо рушди босуботи кишвар дар шоҳроҳи демократкунонии ҷомеа ва ваҳдати миллӣ маҳз бо заҳматҳои шабонарӯзии

Шубҳае нест, ки мо ба ин мақсади олии худ, яъне бунёди ҷомеаи озод, Ватани обод ва давлати пешрафта ҳатман мерасем ва дар ҷомеаи мутамаддин мақоми арзандаи худро ишғол мекунем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон амалӣ шуда истодаанд.

Мо шоҳиди тағйироти бузург дар молия ва иқтисоди ҷаҳон, бархӯрди тамаддун ва фарҳангҳо, муташанниҷ гардидани вазъи геополитикӣ дар минтақаҳои гуногуни сайёра ҳастем, ки ин падидаҳо бевосита ба раванди ҷаҳонишавӣ вобаста мебошанд. Тоҷикистони азизи мо ҳамчун як узви комилҳуқуқи ҷомеи ҷаҳонӣ аз таъсири мусбат ва манфии раванди ҷаҳонишавӣ эмин монда наметавонад. Аз ин рӯ, Пешвои миллат ба ин масъала диққати хеле ҷиддӣ медиҳад.

Дар давраи ҷаҳонишавӣ масъалаи ҳифзи фарҳанги миллӣ низ ба миён меояд. Қобили зикр аст, ки бо ибтикори Пешвои миллат ташаккули фарҳанги замони истиқлолият дар заминаи фарҳанги ахлоқӣ ва ҳаёти маънавии халқи тоҷик дар рӯҳияи сулҳпарварӣ ва таҳаммулгарой асос ёфта истодааст. Дар муқобили идеяҳои таҳмилшудаи хориҷӣ, ки ҳадафашон аз сар задани низои миллӣ ва мазҳабӣ иборат аст, фарҳанги миллии мо бо ҷалби қувваҳои фарҳангии дунявӣ ба сӯйи ризоият ва ваҳдати миллӣ қадам мезанад.

Имрӯз мақсади ягонаи халқи тоҷик бунёди ҷомеаи демократӣ ва барпо намудани давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ мебошад. Барпо намудани давлати ҳуқуқбунёди дунявӣ имкон медиҳад, ки дар ҳудуди он ҳар як шаҳрванд нафаси озод кашида тавонад, баробарҳуқуқии ҳар як узви ҷамъият, озодии ҳақиқии виҷдон, сухан таъмин бошад, барои баландшавии дараҷаи зисту зиндагии мардум шароити зарурӣ фароҳам оварда шавад. Давлати дунявӣ сохтори сиёсие мебошад, ки дар он дин аз сиёсат ҷудо карда шудааст. Дар давлати дунявӣ муносибатҳои ҷамъиятӣ на дар асоси меъёрҳои динӣ, балки дар асоси меъёрҳои шаҳрвандӣ танзим мегарданд.

Хизматҳои шоёни мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раванди тағйироти нави бунёдкориву созандагӣ, аз ҷумла бунёди неругоҳҳои барқӣ, кушодану васли роҳу нақбҳо, бедору ғанӣ гардонидани ифтихори миллӣ, вусъат бахшидан ба вазъи таълиму тарбия ва тандурустӣ ҷойгоҳи махсус дорад. Дар баробари ин Президенти кишвар дар иншои асарҳои гуногуни таърихиву фарҳангии миллат ва зиндаву ҷовид гардонидани чеҳраҳои мондагори илмию адабӣ, қаҳрамонони миллат ва сарнавишти мардуми тоҷик ҳусни тафоҳум бахшида, бо пешниҳоду ташаббусҳои байналмилалӣ дар сатҳи ҷаҳонӣ мақоми хосса дорад, ки ин маҳбубият на танҳо боиси боварию эътиқоди мардуми Тоҷикистон, балки ифтихори тамоми тоҷикони ҷаҳон аст.

Мактаби сарварии Пешвои миллат таълимгоҳест, ки дар марҳилаи бисёр мураккабу пуртазод ташаккул ёфта, мавқеи созандагиву бунёдкорӣ касб намудааст. Ин мактаби сиёсӣ дорои хусусиятҳои универсалӣ мебошад, ки ҳокимият ва муносибатҳои он аз ҷониби ин ниҳоди сиёсӣ бо риояи принсипҳои демократӣ амалӣ гашта, манфиати давлату миллат аз ҳама боло гузошта мешавад.

Ҳамин тавр Президенти кишвар танзими хавфу хатар ва таҳдидҳои нави ҷаҳониро ба назар гирифта, таъмини суботи сиёсиро вазифаи аввалиндараҷаи худ шуморид ва тамоми ҳастии худро ба пешравии миллату давлат бахшид. Ин аст, ки мавқеъ ва нуфузи ниҳоди сарварии Пешвои миллат имрӯз дар арсаи байналмилалӣ эътироф гашта, аз ҷониби Кумитаи академикии Шӯрои Аврупо Президенти мамлакат – Эмомалӣ Раҳмон сазовори Ҷоизаи «Пешвои асри XXI» гардидааст.

Ба назари мо чунин муносибат аз бисёр ҷиҳат ба нуфузу эътибори шахсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобастагӣ дошт. Ӯ чун

Ба ҳамаи хурду калони Тоҷикистони озод, ба ҳар як хонадони тоҷик оромиву осоиш ва дар фаъолияти ҳар як фарди бонангу номуси Ватан барору кушоиш мехоҳам.

*Эмомалӣ Раҳмон*

шахсияте шинохта мешавад, ки мардум ба ӯ ҳамчун фарзанди фарзонаи миллат эҳтирому эътиқоди самимӣ доранд. Ҳамзамон боварӣ доранд, ки ӯ аз уҳдаи ҳалли тамоми масъалаҳое, ки имрӯз ҷомеа ба онҳо рӯ ба рӯ гаштааст, баромада метавонад.

Боиси ифтихор ва фараҳмандии миллати тоҷикон аст, ки имрӯзҳо фарзанди фарзонаи миллат, инсони қавиирода ва ватандӯст бори гарони раҳбариву ҳукуматро бар ӯҳда дошта, бо бадиву зиштӣ ҳамеша пайкор мекунад, саросари ҷаҳони ҳастиро бо нури аҳуроӣ меорояд, ростиро сармашқи кори худ карда, камолоти маънавӣ ва ахлоқиро тарғиб менамояд, порсоию покӣ ва андешаи некро манбаи асосии саодатмандию ҷовидонии инсон шуморида ҷони худро фидои ин миллату ин меҳан намуда истодааст.

Дар гузаргоҳи интиҳои асри XX ва оғози асри XXI миллати дар масири таърих борҳо ҷафодидаи тоҷик бо сабабҳои гуногун дар марзи фоҷиавии ҳаёту мамот қарор гирифт.Роҳи ягонаи наҷот аз ин вартаи ҳалокат роҳи муросою созиш, ба ҳам омадани қувваҳои мухолиф ва сулҳу суботи устувор буд. Шукрона, хирад ва таҳаммули азалӣ ғолиб омаданд ва мо маҳз ҳамин роҳро интихоб намудем.

***Эмомалӣ Раҳмон***

# ТАШАККУЛИ САРВАРИ СИЁСӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

***Давлатзод Собирҷон Ғаффор – нозири шуъбаи муқовимат ба коррупсияи раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон, капитани адлия***



Дар ҳар давру замон, дар таърихи ҳар як миллату халқият, шахсоне пайдо мешаванд, ки ба рушди инкишофи минбаъдаи давлату ҷомеа нақши муҳим бозида, ҳамчун сарварони сиёсӣ ташаккул меёбанд. Рушди соҳаҳои алоҳидаи инкишофи ҷамъиятӣ, аз бисёр ҷиҳат, маҳз аз ҳамин сарварони сиёсӣ вобаста аст. Масъалаи ташаккул ва рушди сарвари сиёсӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол муҳим буда, аҳамияти илмӣ ва назариявӣ дорад.

Ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон ба хусусиятҳои раванди сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ алоқаманд аст. Яъне, равандҳои сиёсии Тоҷикистон дар солҳои 90-ум ва муносибатҳои сиёсӣ ҳамчун омилҳои ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ дар кишвар баррасӣ карда мешаванд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи гузариш аз тоталитаризм ба ҷомеа демократӣ раванди сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ хусусиятҳои худро доштанд, ки ба ҳалли як қатор масъалаҳо равона гардида буданд: муайян намудани вазъияти иҷтимоиву сиёсии зербинои иқтисодӣ, навъи давлат, ки бо нерӯҳои синфӣ мувофиқат менамуданд; ба инобат гирифтани бунёди сохтори сиёсии демократӣ; муайян ва таҷдиди унсурҳо ва аломатҳои низоми демократии ҷомеа; қабул ва иҷроиши қарорҳои сиёсиву идоракунӣ; назорати амалнамоӣ ва идоракунии рушди сохтори сиёсӣ.

Равандҳои сиёсӣ дар кишвар бо оғози сиёсати бозсозӣ ва сипас ба даст овардани истиқлолияти сиёсӣ хусусиятҳои сифатан навро касб менамоянд. Бадастории истиқлолият дар ҳаёти ҳар як миллату халқият ва давлат масъалаи хело муҳим баррасӣ карда мешавад. Ин барои миллати тоҷик падидаи сиёии тақдирсоз ба ҳисоб меравад, ки садсолаҳо ба он саъйу кӯшиш менамуд. Лекин, кӯтоҳбиниву кӯтоҳандешии сиёсатмадорони ин марҳилаи басо муҳими сиёсӣ дар таърихи миллати тоҷик, суръати тағйирёбии ҳодисаву падидаҳои сиёсӣ, дуруст нафаҳмидани ҳалли масъалаҳои муҳими сохтори ҳаёти ҷамъиятӣ, ноӯҳдабароии ҳокимияти сиёсӣ ва мақомотҳои муҳими сохторҳои давлатӣ, боис гардид, ки аҳолии кишвар хусусияти идонаи

> Миллати бузурги тоҷик, ки борҳо аз имтиҳони таърих бо сари боло гузаштааст, ин дафъа низ чун Сиёвуши афсонавӣ аз оташи ҷанг убур кард ва бар хилофи пиндошти бадхоҳонаш аз нав дар ҷодаи таърихи чандинҳазорсолааш эҳё гардид.
>
> *Эмомалӣ Раҳмон*

умумидавлатӣ ва рӯҳи умумимиллии ин ҳодисаи муҳими сиёсиро эҳсос намояд.

Дар ин марҳила, дар кишвар, нерӯҳои мухталифи сиёсӣ пайдо гариданд, ки ҳар яке роҳу воситаҳои ҳалли масъалаҳои ҷойдоштаро пешниҳод менамуд. Як қатор сарчашмаҳои таърихӣ, инчунин таҳлили далелҳои мавҷуда нишон медиҳад, ки чунин нерӯҳои сиёсӣ, асосан ба ҳалли масъалаҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ рӯй оварда, масълаҳои умумидавлатӣ ва уммимиллиро нодида мегирифтанд.

Маҳз натиҷаи чунин муносибат, мухолифат дар дохили як миллат, ҷанги шаҳрвандӣ, хисороти зиёди ҷонӣ ва моддиву маънавӣ гардид. Ҳамин тариқ, пас аз ба даст овардани истиқлолият, дар натиҷаи мухолифату зиддияти нерӯҳои мухталифи сиёсӣ, кишвар ба ҷанги шаҳрвандӣ кашида шуда, ҳатто аз ҳиссаи тақсимоти молумулки умумииттифоқӣ маҳрум гардид.

Таҳлили шароити иҷтимоиву сиёсии солҳои 90-ум дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки парламенти кишвар ба таври равшан корношоямии сиёсии худро нишон додааст. Мақомотҳои давлатӣ дар маҳаллҳо фаъолият надоштанд. Қонунҳо ва адолат ҷой надоштанд. Ба оммаи мардум маҳсулоти хӯрока намерасид, давлат фаъолияти худро қатъ намуда буд.

Бартараф намудани чунин вазъият барои миллати тоҷик масъалаи басо душвор ва мураккаб ба ҳисоб мерафт. Ба хотири муътадил намудани вазъияти ҷомеа, пеш аз ҳама, зарур буд, ки роҳҳо ва воситаҳои раҳои аз ин бӯҳрони сиёсӣ, барқарор намудани сохторҳои ҳокимияти давлатӣ, мустаҳкам намудани давлатдории миллӣ, барқарор намудани қонун ва қонуният, ҳимояи манфиат ва талаботҳои халқу миллат амалӣ карда шаванд.

Барои ҳалли ин масъалаҳо зарур буд, ки қобилияти фаъолияти роҳбарияти сиёсӣ таъмин карда шавад, ки тавонад, тамоми захира ва сарчашмаҳои мавҷударо ба бартараф намудани бӯҳронӣ сиёсӣ равона намояд. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки дар чунин ҳолати ҳассос, дар ҳолате, ки миллат ба гурӯҳҳо ҷудо гардида, ба якдигар мухолифат менамуд ва ҳар як тараф кӯшиш менамуд мақсад ва манифатҳои худро амалӣ намояд, интихоби сарвари сиёсӣ кори басо мураккаб ва душвор ба ҳисоб мерафт.

Дар давраҳои алоҳидаи таърихӣ дар ҳолатҳои бӯҳронӣ нафароне пайдо мешуданд, ки метавонистанд, дар як муддати кӯтоҳ вазъияти бӯҳрониро бартараф намуда, заминаҳои рушди минбаъдаи давлату ҷомеаро таъмин намоянд. Маҳз, бо чунин амали худ байни мардум маҳбубият пайдо намуда, ҳамчун сарварони сиёсии воқеӣ ташаккул меёфтанд.

Барои миллати тоҷик, дар ин марҳилаи мураккаб маҳз чунин сарвари сиёсӣ зарур буд, ки тавонад вазъиятро муътадил намуда, сохти конститутсиониро дар кишвар барқарор намояд. Лекин, қайд намудан зарур аст, ки масъалаи интихоби сарвари сиёсии умумимиллӣ бо таъсири якчанд омил мураккаб гардида буд. Якум, интихоби сарвари сиёсии умумимиллӣ мубоизаи нерӯҳои сиёсиро дар кишвар боз тезутундтар намуд. Чунин мубориза, на танҳо байни нерӯҳои сиёсӣ, балки дар байни вакилони мардумӣ мушоҳида карда мешуд. Дуюм, набудани шахсияти мувофиқ дар байни сарварони сиёсӣ, ки тавонад роҳбари умумимиллӣ, умумихалқӣ ва умумидавлатиро таҷассум намояд.

Ҳамин тариқ, дар замони барои ҷумҳурӣ ниҳоят вазнин Эмомали Раҳмон дар иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳбари давлат интихоб гардид ва аз рӯзҳои нахустин дар сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ роҳеро пеш гирифт, ки тавассути он киш-

Таъкид кардан бамаврид аст, ки барои пирӯзии сулҳ дар Тоҷикистон пеш аз ҳама хизмати таърихии худи миллати тоҷик, ки хоку гилаш аз сулҳпарварию инсондӯстӣ сиришта шудааст, басо бузург мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

вар марҳила ба марҳила аз ҷанги шаҳрвандӣ берун гардида, ба ваҳдат ва ризоияти миллӣ расид.

Қайд намудан зарур аст, ки ташаккули сарварони сиёсии умумимиллӣ ва умумидавлатӣ дар як ҳолати кӯтоҳ амалӣ намегардад. Чунин сарварон бо гузашти вақти муайян, дар асоси фаъолияти сиёсии мушаххас ташаккул меёбанд. Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки дар иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун роҳбарӣ давлат интихоб гардида, ба ташшаккулёбии ӯ ҳамчун сарвари сиёсии сатҳи умумимиллӣ ва умумидавлатӣ оғоз бахшид.

Эмомали Раҳмон, соли 1992 ҳамчун роҳбари давлат фаъолияти худро дар шароити мураккаби кишвар оғоз намуд. Қайд намудан зарур аст, ки рушди кишвар, самти тағйиротҳои демократӣ дар ҷомеа, сулҳ ва ризоияти миллӣ, ояндаи дурахшони кишвар бевосита бо номи ӯ алоқаманд мебошад. Як қатор муаллифон қайд менамоянд, ки масъулиятро дар чунин як вазъияти мураккаб ба дӯш гирифтан, ин танҳо сифат ва нишонаи сарварии сиёсӣ аст. Дар кишвар сарвари пурқувват пайдо гардид, ки дар ҳолатҳои душвори таърихи миллат дар оғози солҳои 90-ум, аз масъулият наҳаросид.

Аҳамият ва нақши истиқлолияти миллиро баррасӣ намуда, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон чунин қайд намудааст, ки «Мо истиқлолияти сиёсиро ба даст овардем, лекин роҳи мураккаб, дароз ва масъулиятноки бадастории истиқлолияти иқтисодӣ, масъулият барои ояндаи миллат, таъмини бомуваффақи раванди ислоҳот, бунёди давлати дунявӣ, ҳуқуқӣ ва демократӣ дар пеш аст».

Ҳамин тариқ, пас аз роҳбари давлат интихоб гардидан, Эмомалӣ Раҳмон фаъолияти худро дар самти бартараф намудани вазъияти бӯҳронӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, баргардонидани гӯрезаҳо, омода намудани заминаҳои рушди минбаъдаи давлату ҷомеа оғоз намуд.

Оқибатҳои иҷтимоии ҷанги шаҳрвандиро дар кишвар баррасӣ намуда, Президенти кишвар Эммали Раҳмон қайд намудааст, ки «ҷанги шаҳрванди ба вуқӯъ пайваст, ки аз берун, бо дастгирии моҷароёҷӯёни дохилӣ оғоз гардид, ки ҳар лаҳзаи он бо дарду алам дар дили ҳазорон модарон, ки писарони худро аз даст додаанд, садо додааст, гурезаҳое, ки хонаҳояшонро аз даст доданд ва маҷбур шуданд хонаҳояшонро тарк карда, дар сарзамини бегона саргардон шаванд. Ҷанг дар дилҳо ва ҷони ҳазорон кӯдакони ятим, ки бегуноҳ қурбонии он шуданд, осори амиқ боқӣ гузошт. Зарари ин ҷанги шаҳрвандӣ ба хоҷагии халқи кишвар зиёда аз 10 миллиард доллари америкоиро ташкил медиҳад. Ин давраи даҳшатнок дар саҳифаи таърихи халқи мо нуқтаи сиёҳ ва зишт боқӣ хоҳад монд .

Ҳамин тариқ, чунин мешуморем, ки заминаҳои ташаккул ва инкишофи Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари сиёсии сатҳи умумидавлатӣ ва умумимиллӣ қатъ намудани ҷанги шаҳрвандӣ, барқарор намудани сохти конститутсионӣ, баргардонидани гӯрезагон, таъмини заминаҳои мухаталифи фаъолияти давлат ва ҷомеа ба ҳисоб меравнад. Яъне, хусусиятҳои раванди сиёсӣ дар кишвар заминаи ташаккули сарвари сиёсӣ баромад менамояд.

Омили дигаре, ки ба инкишофи сарвари сиёсӣ дар Тоҷикистон мусоидат намудааст, муносибатҳои сиёсӣ ба ҳисоб меравнад. Қайд намудан зарур аст, ки муносибатҳои сиёсӣ, дар як қатор бо муносибатҳои иқтисодӣ, сатҳи рушди соҳаҳои мухталифи иқтисодӣ, заминаи муайянкунандаи сифат ва сатҳи дигар навъҳои муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад менамояд.

Ба ақидаи мо, дар Рӯзи ваҳдат ҳар як шаҳрванди Тоҷикистон бояд сари як масъала амиқ андеша кунад: ваҳдат ва истиқлолият ду мафҳуми ҷудонопазиранд. Аниқтараш, сарчашмаи истиқлолият ваҳдат аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Муносибатҳои сиёсӣ омили зарурӣ ва дар як ҳолат серталаби одамон ба ҳисоб меравад, зеро на танҳо гуногунии амали онҳоро муайян менамояд, балки дар нақши маҳдудкунандаи ин амалҳо баромад менамоянд. Аз ин хотир, метавон қайд намуд, ки муносибатҳои сиёсӣ як навъ танзимгари ҳаёт ва фаъолияти оммаи мардум баромад менамояд.

Таҳлили унсурҳо ва сохтори муносибатҳои сиёсии ҷомеаи тоҷик нишон медиҳад, ки асоси методологии ошкор намудани омилҳои бунёдкунандаи низом таснифоти моҳияти сиёсати Президент, табиати таъсиррасонии онҳо мебошад. Ин шаҳодат медиҳад, ки сиёсати Президент ба иҷроиши тамоми корҳо, ки аз табиати амалнамоии ҷомеа бармеояд, равона гардидааст. Сиёсати Президент ба ҳамоҳангсозии манфиати гурӯҳҳои мухталиф, бартараф намудани моҷаро, бадастории ризоият дар асоси имкониятҳо равона карда шудааст.

Хусусиятҳои муносибатҳои сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон, пеш аз ҳама, аз сатҳи ҳалли масъалаҳои мухталифи иҷтимоиву иқтисодӣ ва сиёсӣ вобаста аст. Дар ин самт, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо сарварии Эмомалӣ Раҳмон ба ҳалли масъалаҳои иҷтимоиву иқтисоди таваҷҷуҳи хосса равона намудааст. Масъалаи истифодаи имкониятҳои хориҷӣ барои таъмини рушди соҳаҳои гуногун дар кишвар, ба таври ҳамешагӣ мавриди таваҷҷуҳи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қарор дорад, зеро вобаста ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ, захираҳои обӣ, сатҳи инкишофи соҳаҳои мухталифи истеҳсолӣ, масъалаҳое ҷой доранд, ки ҳалли онҳо ба сармоягузориҳои хориҷӣ алоқаманд мебошанд.

Миёни мақсаду вазифаҳои зиёд ҳадафҳои стратегӣ таъмини истиқлолияти энергетикӣ, амнияти озуқаворӣ, баромадан аз гумбасти коммуникатсионӣ, саноатикунонии кишвар маҳз аз ҷониби Эмомали Раҳмон мушаххас гардидаанд, ки барои рушди минбаъдаи соҳаҳои мухталифи кишвар аҳамияти бузургро касб намудаанд. Илова бар ин, аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба як қатор масъалаҳо, аз қабили густариши фаъолияти сармоягузорӣ ва сармоягузории хурду миёна, такмили сиёсати буҷет ва андоз, ислоҳоти низоми идоракунии давлатӣ, ташкили сохтори нави идораи иқтисодиёт, ҷобаҷогузории кадрҳо, баланд бардоштани самаранокӣ ва таъмини шаффофияти фаъолияти мақомоти давлатӣ, мубориза бо коррупсия ва ришвахӯрӣ диққати махсус равона карда мешавад.

Ҳамин тариқ, метавон қайд намуд, ки ташаккул ва инкишофи сарвари сиёсӣ дар шароити Тоҷикистон аз хусусиятҳои раванди сиёсӣ ва муносибатҳои сиёсӣ, ки дар кишвар пас аз ба даст овардани истиқлололияти давлатӣ ба миён омаданд, вобаст аст.

Истиқлолият ба мо имконият дод, ки ғояи ваҳдатро парчами миллат кунем ва ба бунёди кохи ваҳдати воқей ва ҷовидонаи миллат шурӯъ намоем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ЭМОМАЛӢ РАҲМОН ПОЯГУЗОРИ СУЛҲ ВА ВАҲДАТИ ТОҶИКОН

***Назриён Васлибек Қурбон – нозири калони шуъбаи муқовимат ба коррупсияи Раёсати Агентӣ дар вилояти Суғд***



Яке аз воқеаҳои муҳими таърихӣ барои мардуми шарифи тоҷик ин баргузории Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад, ки дар таърихи тоҷикон нақши барҷастае дорад. Марҳалаи асосии таърихи сулҳ ва ваҳдати миллӣ аз иҷлосияи XVI Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба ҳайси Раиси он интихоб шудани фарзанди шоистаи халқ, Қаҳрамони Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оғоз меёбад. Барқарор шудани Ҳукумати қонунӣ, кӯшиши ба роҳ мондани гуфтушуниди байни Ҳукумат ва мухолифин, ниҳоят изҳороти Раиси Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон оиди барқарор намудани сулҳ дар кишвар аввалин иқдоми ҷиддӣ дар ҷодаи ваҳдати миллӣ маҳсуб меёбанд.

Рисолати таърихии иҷлосияи мазкур дар ин аст, ки хавфи аз байн рафтани Ҷумҳурии Тоҷикистон ва тақсимшавии миллатро пешгирӣ кард. Тадбирҳои мушаххасро ҷиҳати аз бuҳрони сиёсӣ, иқтисодӣ, фарҳангию маънавӣ баровардани кишвар пешниҳод намуд, самтҳои асосии сиёсати дохилии мамлакатро муайян кард, барои ба мувофиқа овардани қувваҳои солими ҷомеа-ҳизбҳои сиёсӣ, созмонҳои мардумӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ заминаи созгор муҳайё намуд, самтҳои асосии сиёсати хориҷии Тоҷикистонро тарҳрезӣ кард. Сарвари тозаинтихоби мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъалаҳои ҳаётан зарур таваҷҷӯҳи аввалиндараҷа зоҳир мекарданд. Аввалан, бояд дар саросари кишвар оташбас эълон шуда, аз муқовимати мусаллаҳона даст кашида ба гуфтушуниди натиҷабахш оғоз карда мешуд. Дуюм, гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ ба Ватан ва ҷои зисти доимиашон баргардонда мешуданд.

Ҳамзамон ба масъалаи ҷорӣ шудани қонуният, барои таъмини мардум бо маводи озуқаворӣ чораҳои таъҷилӣ андешида шуда, бояд таваҷҷӯҳи ҷомеаи ҷаҳонӣ ба масъалаи Тоҷикистон ҷалб мегардид. Аммо ин корҳо соддаву осон набуданд. Барои расидан ба сулҳ ва ваҳдати миллӣ тоҷикон роҳи тӯлониро паси сар намуданд. Аммо ҳаминро бояд таъкид намуд, ки роҳи сулҳро барои мардуми азияткашидаи тоҷик Иҷлосияи 16-уми Шӯрои Олӣ боз намуд.

Бо заҳмату талошҳои Сарвари давлат баҳри ба даст овардани сулҳу субот дар кишвар ҷо-

Вахдату ягонагӣ ва пойдории сулҳу созиш эътимодноктарин роҳи наҷот аст. Ин маънои онро дорад, ки мо бояд аз ҳама гуна майлу хоҳишҳои хидмат кардан ба ҳадафҳои ғаразноку тафриқаангези миллӣ, ҳизбӣ, гурӯҳӣ ва шахсӣ даст кашида, манфиатҳои умумимиллии худро бо манфиатҳои умумибашарӣ мутобиқ созем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

меаи ҷаҳон ба масъалаи Тоҷикистон таваҷҷӯҳи хоса зоҳир менамуд. Баъди Иҷлосия, вазъияти Тоҷикистон дар Анҷумани Шӯрои амнияту ҳамкорӣ дар Аврупо, ки дар сатҳи вазирони умури хориҷӣ дар Стокголм 14–15 декабри соли 1992 баргузор гардид, баррасӣ шуда, дар он аз ҷумла, аз ҳар ду ҷониби дар ҳоли ихтилоф қарордошта даъват карда шуд, ки ба мухолифат хотима бахшида, ба музокироти созанда, ки барои ба танзими сиёсӣ даровардани Тоҷикистон асоси ягона аст, оғоз намоянд.

Ягона роҳ барои тоҷикон ин ҳалли низои дохилӣ бо роҳи сиёсӣ буд ва дигар идома додани ҷанг барои мардум аз ҳар ҷиҳат хатаровар ба ҳисоб мерафт. Барои расидан ба сулҳ ва ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистон раванди музокироти тӯлонии миёни тоҷикон нақши калидӣ бозидааст. Агар ба таърихи баргузории музокироти тоҷикон назар афканем дар ҳалли бисёр масъалаҳои муҳим нақш ва мақоми Пешвои Миллат Эмомалӣ Раҳмон ба таври равшану возеҳ аён мегардад.

Музокироти миёни тоҷикон, ки аз 5-уми апрели соли 1994 оғоз гардида то 27-уми июни соли 1997 идома ёфт, дар се сатҳ баргузор гардида буд ва яке аз онҳо вохӯрии сатҳи олӣ ба ҳисоб мерафт.

Нақши Эмомалӣ Раҳмон дар ҳалли масъалаҳои муҳими мавриди ихтилофи тарафайн назаррас буда, дар душвортарин лаҳзаҳои гуфтушуниди тарафайн роҳи ҳалли онро пайдо менамуд.

Яке аз солҳои бениҳоят душвор ва сарнавиштсози гуфтушунидҳо соли 1995 буд, ки дар ин сол аввалин бор музокироти сатҳи олӣ дар шаҳри Кобул баргузор гардид. Дар вазъияти мураккаб ва ноамнии комил дар шаҳри Кобул, ки дар бист километр берун аз он ҷанги шадиди байни нерӯҳои ҳукуматӣ ва гурӯҳҳои мухолиф идома дошт ва мушакҳо ба тарафи шаҳр парронда мешуданд, музокирот байни Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ва роҳбари мухолифини собиқ Сайид Абдуллоҳи Нурӣ шурӯъ гардид. Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар чунин шароити сахт ва хатарнок барои таъмин ва истиқрори ҳар чӣ зудтари сулҳу салоҳ дар Ватан ва оромии миллат ҷони хешро ба гарав монда, ду рӯз музокироти хеле муҳим ва сарнавиштсозро муваффақона анҷом дод. Дар худи Тоҷикистон низ ҳамон сол дар минтақаҳои зери нуфузи мухолифини собиқи мусаллаҳ мулоқоту гуфтушунидҳо сурат гирифт, ки баъдан натиҷаи хуб доданд.

Умуман дар давоми музокироти миёни тоҷикон 40 ҳуҷҷати муҳим ба имзо расида, бо саъю талош ва заҳматҳои шабонарӯзии Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тоҷикон ба мувофиқа расиданд ва ин музокирот бо имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ 27-уми июни соли 1997 дар пойтахти Федератсияи Россия – шаҳри Москав ба итмом расид, ки он ба ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон хотима бахшид

Барои татбиқи давра ба давраи сулҳи сартосарӣ, таъмини фазои боварӣ ва эътимод ба ҳамдигар, аз байн бурдани фазои бадбинӣ ва даргириҳои мусаллаҳ, фаҳмондани ҳадафҳои сулҳ ва ваҳдати миллӣ, халъи силоҳ намудани баъзе қумондонони саркаш ва дар амал татбиқ намудани созишномаҳои имзошуда, фароҳам овардани заминаи мусоид барои рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар, бо тасмими тарафҳои музокироти сулҳи тоҷикон Комиссиони Оштии Миллӣ таъсис гардид.

Ҳамин тавр нақш ва мақоми Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар роҳи расидан ба сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон назаррас буда, маҳз дар натиҷаи талошҳои пайвастаи ӯ тоҷикон ба сулҳи ҳамешагӣ даст ёфтанд. Имрӯз мардуми тоҷик дар фазои сулҳу оромӣ зиндагонӣ доранд, ки ин фазои сулҳу оромӣ ба хизматҳои шабонарӯзии Сарвари давлат алоқамандии зич дорад.

Таърих ибратомӯз аст ва Рӯзи ваҳдат ба мо хушдор медиҳад, ки аз хатоҳои гузашта хулоса барорем, имрӯз бо азми бунёдкорию созандагӣ пойдевори зиндагии фардоро гузорем ва ба қадри давлату давлатдории миллии худ бирасем ва ба наслҳои оянда кишвари обод, тараққикарда ва хуррамро ба мерос монем. Ин аст қарзи ҳар як насл дар назди наслҳои оянда.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# НАҚШИ ПЕШВОИ МИЛЛАТ ДАР МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

***Салимзода Сафар Ҳокимҷон – сардори раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Душанбе***



Муқовимат ба коррупсия ва роҳҳои пешгирии он пайваста бо рушди тамаддуни инсонӣ дар шаклҳои нав зоҳир мегардад. Аммо ҷомеаи ҷаҳонӣ, новобаста аз он ки маҳкумкунии дастаҷамъонаи ин падидаи номатлуб ва андозаи бузурги зарари он дар рушди ҷомеа эътироф гардидааст, ҳанӯз ҳам дар сатҳи кофӣ ба муваффақият ноил нагаштааст.

Дар замони муосир масъалаи таҳияи омилҳои самараноки сиёсию идеологӣ, ҳуқуқӣ, идоракунии муқовимат бо падидаҳои коррупсионӣ мавриди таваҷҷуҳи ҷиддии ҳам аҳли илм ва ҳам мақомоти ҳокимияти давлатӣ қарор гирифтааст. Зарурати баррасии иқдомот барои муқовимат бо падидаҳои манфии сиёсӣ, ки натиҷаи мушкилоти бухронӣ дар раванди давлатдорӣ мебошанд, таҳлили сиёсии муқовимат ба коррупсияро дар сатҳи мақомоти ҳокимияти давлатии Тоҷикистони муосир ба масъалаи доғи рӯз табдил додааст. Ошкорсозии омилҳои муқовимат бо падидаҳои коррупсионӣ дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва муайян кардани роҳҳои самараноки пешгирӣ ва ба ҳадди ақал расонидани падидаҳои коррупсионӣ дар кишвар аҳамияти хосаи илмӣ пайдо кардааст. Бинобар ин, бо такя ба омилҳои номбурда масъалаи пажӯҳиши дарёфти роҳу воситаҳо ва омилҳои сиёсиву ҳуқуқии муқовимат ба коррупсия дар сохтори мақомоти ҳокимияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон масъалаи басо муҳим ба шумор меравад. Илми муосири ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сиёсатшиносӣ, мафҳуми коррупсияро ҳамчун мафҳуми умумиилмӣ баррасӣ кФарда, дарки илмӣ, кушодани мазмуну мундариҷаи онро мавриди таҳқиқ қарор медиҳад. Коррупсия падидаи иҷтимоии бисёрҷанба буда, дар шаклҳои мухталиф зуҳур меёбад, ки ҳолати мазкур ошкор намудани моҳияти онро душвор мегардонад. Ин вазифа саравввал ҳадафи аниқу дақиқ муайян кардани мафҳуми коррупсияро дорад, ки он мафҳуми бунёдӣ ва асоси методологии таҳқиқот ба шумор меравад. Ҳангоми таҳқиқи масъалаи коррупсия ҳамчун падидаи иҷтимоию сиёсӣ муҳаққиқон ба асосҳои гуногуни назариявӣ такя мекунанд, ки ҳар яке аз онҳо бартарӣ ва норасоиҳои худро доранд.

Табиист, ки пешравӣ бе мушкилӣ намешавад. Мо рӯзҳои сахт ва мусибатҳои талхро аз сар гузарондем ва бо сабру таҳаммул ва шукру сипос то ба ин рӯз расидем. Умедворам, ки дар фазои сулҳу ваҳдат ва меҳнати осудаҳолона мову шуморо рӯзҳои боз ҳам неку пурфайз дар пеш аст.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Дар доираи муносибати классикӣ, анъанавӣ ё «идеалистию фалсафӣ», ки бо номи «ахлоқӣ» низ маъруф аст, истилоҳи «коррупсия», асосан барои тавсифи ҳолати умумии ахлоқию маънавии ҷомеа истифода мешуд. Ҳамин гуна ақидаро нисбат ба коррупсия Афлотун, Арасту, Фукидид, Макиавелли тарафдорӣ мекарданд. Масалан, ба ақидаи Арасту, худи нобаробарӣ ва беадолатӣ сарчашмаи асосии коррупсия маҳсуб гардида, намунаи чунин давлати «таназзулёфта» ва «нодуруст»-е, ки дар он коррупсия ба баландтарин сохторҳои ҳокимият осеб расонидааст, истибдод мебошад.[1] Дар баробар ин масъалаи коррупсия аз дидгоҳи этикаи ҷамъиятӣ ва тарбияи ахлоқ ва иртиботи он бо заъфи асосҳои қонунгузорӣ аз тарафи мутафаккирони аврупоӣ Макиавелли, Ш.Л. Монтеские, Г.Г. Гротсий, Т. Гоббс, Ж.Ж. Руссо ва дигарон дар асрҳои миёна мавриди таҳқиқ қарор гирифтаанд.[2] Таҳлилгарони тоҷик ба ин масъала рӯ оварда таъкид мекунанд, ки дар замони ҳозира дар адабиёти сиёсию ҳуқуқӣ, иқтисодӣ ва санадҳои меъёрии кишварҳои мухталиф таърифҳои гуногуни коррупсия дода мешавад. Чунончи, дар санадҳои СММ дар бораи мубориза байналмилалӣ бар зидди коррупсия падидаи мазкур ҳамчун суиистифодаи ҳокимияти давлатӣ барои ба даст овардани манфиат ба мақсадҳои шахсӣ таъриф карда мешавад. Муҳаққиқ Ҳасанов Ш.Қ. қайд мекунад, ки коррупсия аз ҳудуди ришвахӯрӣ дида хеле васеътару фаротар буда, ҳамзамон он яке аз намудҳои асосии иқтисодиёти ниҳонӣ ба ҳисоб меравад. Муҳаққиқи рус А.И. Кирпичников бошад моҳияти падидаи коррупсияро аниқ дарк намуда, қайд мекунад, ки коррупсия – ин зангзании ҳокимият аст. Мисли он ки занг оҳанро мехӯрад, коррупсия ҳам дастгоҳи давлатро хароб месозад ва асосҳои ахлоқии давлатро мехӯрад. Дар адабиёти илмӣ бархе муаллифон тасдиқ мекунанд, ки коррупсия натиҷаи иштибоҳҳои давлат аст ва давлат қодир аст, ки на танҳо ин иштибоҳҳоро ошкор намояд, балки ба аз байн бурдани онҳо мусоидат намояд.[3]

Сиёсати зиддикоррупсионӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба принсипҳо ва меъёрҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ, принсип ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалии аз ҷониби умум эътирофшуда асос ёфтааст. Сиёсати зиддикоррупсионии илман асоснок бояд дар заминаи таҳқиқот ва ошкорсозии сабабҳо ва шароити пайдоиши коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ сурат гирад. Ҳамин тариқ, ҷанбаҳои методологию назариявии коррупсияро омӯхта, ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки сиёсати зиддикоррупсионӣ ин маҷмӯи тадбирҳои давлатӣ доир ба муқовимат бо каҷрафтории шахсони мансабдори мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунии маҳаллӣ мебошад. Коррупсия падидаи номатлуби ҷомеа маҳсуб мегардад ва дар мухолифат бо он нақши тарбияи сиёсию ҳуқуқӣ ҳамчун омили муҳими ташаккули ҷаҳонбинии зиддикоррупсионӣ афзун аст. Бояд зикр намуд, ки рафъи чунин падидаи номатлуби ҷомеа аз арзиши хоси иҷтимоию сиёсӣ, иқтисодию маънавӣ бархӯрдор мебошад, чунки коррупсия дар роҳи инкишоф ва рушди минбаъдаи давлат ва ҷомеаи муосир монеаи басо

[1] Аристотель. Сочинения [Текст]: в 4 т. / Аристотель.– М., 1983.– Т.4.– С.547, 456.

[2] Гражданское политической мысли Европы: от античности до первой трети XIX века [Текст] // Международный исторический общество в истории журнал.– 2000.– №10.– С.42.

[3] Ҳасанов Ш.Қ. Омилҳои сиёсию ҳуқуқии муҷовимат бо коррупсия дар мақомоти ҳокимияти давлатӣ (дар асоси таҷрибаи Ҷумҳурии Тоҷикистон): Автор… дис. к. ю. н. [Текст] / Ш.Қ. Ҳасанов.– Душанбе.– С.22, 100.

Халқ беҳуда намегӯяд, ки аз паси сулҳ тинҷию осудагӣ, серию пурӣ ва ободию пешравӣ фаро мерасад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

ҷиддӣ мебошад. Имрӯз масъалаи муқовимат ба коррупсия яке аз мубрамтарин мушкилоти ҷомеаи кунунӣ мебошад, зеро дар низоми идоракунии давлатӣ доираи амалҳои коррупсионӣ ба миқёси таҳдидкунанда ба амнияти миллӣ расидааст. Аз ин лиҳоз, зарурати таҳлилу тадқиқи сабабу хусусиятҳои пайдоиши коррупсия ба яке аз масоили умда, мубрам ва доғи рӯз табдил ёфтааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон низ чун, дигар давлатҳо дар раванди ҷаҳонишавӣ қарор дорад ва онро муаммоҳои зиёде, аз ҷумлаи терроризм, экстремизм, хариду фурӯши одамон ва ба инҳо монанд, ки дар байни онҳо коррупсия мавқеи махсусро ишғол менамояд, фаро гирифтааст. Аз рӯзҳои нахустини ба даст овардани Истиқлолияти давлатӣ мубориза ба коррупсияро Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода, дар ин замина як силсила қонун, консепсия ва стратегияҳо таҳия ва қабул гардидаанд. Аз ҷумла, моҳи июли соли 1999 Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба пурзӯр намудани мубориза бар зидди ҷинояткорӣ дар соҳаи иқтисод ва коррупсия», ки яке аз тадбирҳои асосии ташаккули сиёсати давлатии зиддикоррупсионӣ ба ҳисоб меравад, ба тавсиб расонид. Дар баробар ин, ду маротиба қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия» 11-уми декабри соли 1999 ва 25-уми июли соли 2005 ва дигар санадҳои зериқонунии қабулгардида аз ҳамин қабиланд.[4] Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар татбиқи сиёсати зиддикоррупсионии Ҳукумати мамлакат, ғанӣ гардонидани қисми даромади буҷети давлатӣ, пешгирии кирдорҳои коррупсионӣ мубориза бурда, ба натиҷа ва дастовардҳои назаррас ноил гардидаанд. Ташкилу фароҳам овардани заминаҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи амалии муқовимат ба коррупсия дар мамлакат ба монанди муборизаи дастаҷамъона бар зидди терроризму экстремизм, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир ва дигар ҷинояткорӣ аз иродаи сиёсӣ ва ташаббусҳои созандаву бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад. Бо мақсади муттаҳид сохтани саъю кӯшишҳои зидикоррупсионии давлат ва муборизаи бевосита ба омилҳои коррупсионӣ Пешвои миллат, Эмомалӣ Раҳмон 10-уми январи соли 2007 мақомоти махсусгардонидашуда – Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза ба коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таъсис дод. Вазифаҳои асосии ин мақомот аз назорати давлатии молиявӣ, пешгирӣ, барҳам додан ва ошкор намудани ҳуқуқвайронкуниҳои коррупсионӣ, таҳқиқи ибтидоӣ, тафтиши ҷиноятҳои коррупсионӣ ва амалӣ намудани маҷмӯи тадбирҳои сиёсати зиддикоррупсионии давлатӣ иборат мебошад.

Ҳамзамон, 30-уми августи соли 2013 Пешвои миллат «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013–2020» ба тасвиб расонид, ки дар чаҳорчӯбаи он самтҳои асосии фаъолияти мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба мубориза бар зидди коррупсия муайян карда шуда, тибқи стратегияи мазкур таъмини рушди соҳаҳои иқтисодию иҷтимоӣ ва суботи сиёсӣ, ташкил ва таъмини идоракунии муносиб дар мақомоти давлатӣ ва соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ, устувор намудани боварии мардум ба давлат, иштироки васеи ҷомеа дар идора-

[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», ш. Душанбе, 25 июли соли 2005, №100.

кунии давлатӣ ҳамчун ҷонибдории ислоҳоти давлатӣ, баланд бардоштани эътимоднокии шаҳрвандонро ба фаъолияти сохторҳои давлатӣ муайян ва мушаххас гардонид.[5]

Бо дарназардошти зарурати ҳалли ҳамин масъала, бо ташаббуси Пешвои миллат Шӯрои миллии муқовимат ба коррупсия таъсис дода шудааст, ки вазифаи асосии он аз ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ дар самти пешгирӣ ва мубориза бар зидди ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта иборат буда, ки барои баланд бардоштани масъулияти сиёсии намояндагони мақомоти ҳокимияти давлатӣ дар маъракаҳои сиёсӣ, шаффофияти маблағгузории ҳизбҳо, раванди овоздиҳии интихобкунандагон ва танзими низои манфиатҳо дар хизмати давлатӣ мусоидат менамояд. Нововбаста ба корҳои анҷомёфта ва таҳқиқотҳои гузаронидашуда мавзӯи мазкур барои Тоҷикистон ва дигар давлатҳои ҷаҳон ҳамчунон мубрам боқӣ мемонад. Коррупсия бошад, костакунандаи қонуният, адолат, рушди иқтисодиёт, боварии мардум ба давлат ва аз ин лиҳоз, боиси ташвишу нигарониҳои ахлоқиву сиёсӣ буда, мубориза бар зидди он талошҳои пайгиронаи мақомоти давлатӣ ва аҳли ҷомеа, истифодаи дастовард ва таҷрибаи байналмилалиро дар ин соҳа талаб мекунад».[6] Пешвои миллат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон дуруст ишора намуда, чунин таъкид намудаанд: «Чунин як падидаи манфӣ ҳамчун коррупсия дар пешрафти ҷомеаи мо, яке аз монеаҳои хеле ҷиддӣ мебошад. Мо бояд тамоми омилҳо ва сабабҳои зуҳури коррупсияро ҳамаҷониба омӯхта, таҳлил намоем ва тамоми қувваҳои солими ҷомеаро барои пешгирии ин зуҳур ва поён овардани шиддати он сафарбар намоем».[7] Ҳамин аст, ки дар Ҷумҳурии Тоҷикистон низ ба омӯзиш ва баррасии мушкилоти коррупсия таваҷҷуҳи махсус дода шуда, ҷанбаҳои алоҳидаи он – омил ва сабабҳои асосии сар задани амалҳои коррупсионӣ, пайомадҳои шаклҳои алоҳидаи амалҳои коррупсионӣ, заминаҳои ҳуқуқии мубориза ба коррупсия, механизмҳои умумии маҳдуд намудани амалҳои коррупсионӣ аз ҷониби сиёсатшиносон, ҷомеашиносон ва ҳуқуқшиносон мавриди таҳқиқ қарор дода шудаанд. Муҳаққиқони мазкур такмил додани низоми сиёсии ҷомеаро кафолати асосии мубориза бар зидди коррупсия медонанд. Бинобар ин, имрӯз муқовимати фаъол бо падидаҳои коррупсионӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати давлатӣ ба шумор меравад.

Дар доираи илмҳои сиёсӣ амалҳои коррупсиониро метавон, пеш аз ҳама, ба сифати шакли махсуси муносибатҳои иҷтимоӣ баррасӣ намуд, ки он натиҷаи тағйирёбии арзишҳои инфиродӣ ва дастаҷамъӣ дар шуури оммавӣ, ба ҳукми қонун даромадани амалҳои номатлуб, имконоти алтернативии худсозмондиҳӣ дар шароити номуайянӣ ва бисёрҷабҳаи дигаргуниҳои сиёсӣ алоқаманд мебошад. Таҳлили сиёсии фаъолияти зиддикоррупсионии давлат тавассути таҳия ва қабули қарорҳои муносиб дар низоми идоракунии давлат, пешгирӣ ва ба ҳадди ақал ра-

[5] «Стратегияи муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013–2020» аз 30-уми августи соли 2013, №1504.

[6] Халифаев, М.Х. Ҳамоҳангсозии сиёсати зиддикоррупсионӣ [Матн] / М.Х.Халифаев // Прокуратураи Тоҷикистон – 80 сол.– Душанбе: Сарпараст, 2004.– С.199.

[7] Раҳмон, Э. Баҳри волоияти қонун, манфиатҳои давлат ва ҳуқуқи шаҳрвандон [Матн]: маърӯза дар ҷамъомади кормандони мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бахшида ба 80-солагии мақомоти Прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон / Эмомалӣ Раҳмон // Народная газета.– 2005.– №1.

То имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ мо роҳи ниҳоят вазнин ва пурпечутоби музокиротро тай намудем. Дар давоми қариб чор сол ҳашт даври музокирот, бисту як мулоқоти расмӣ ва даҳҳо вохӯриҳои ғайрирасмӣ анҷом додем. Дар ин раванд ҳадафи асосии мо таъмини сулҳу оромӣ, ваҳдати миллӣ, ҳарчи зудтар ба Ватан баргардонидани гурезаҳо ва сарҷамъ намудани миллат буд.

***Эмомалӣ Раҳмон***

сонидани падидаҳои коррупсионӣ ба мавзӯи доғи рӯзи ҷомеа табдил ёфтааст. Мубориза ба ин падидаи номатлуб дар тамоми давру замон диққати ҳамагонро ба худ ҷалб менамояд, чунки он ба рушди иҷтимоию иқтисодии давлатҳо метавонанд таъсири фоҷеабори худро расонад. Доир ба оқибатҳои ногувори коррупсия Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26-уми декабри соли 2019 зикр намуд, ки «Коррупсия яке аз монеаҳои ҷиддии рушди босуботи кишвар буда, метавонад боиси коҳиш ёфтани эътибору обрӯи давлат дар арсаи байналмилалӣ ва норизоии шаҳрвандон аз фаъолияти сохтору мақомоти давлатӣ гардад».[8] Дар ҳақиқат, бадтарин зарари коррупсия ба сохторҳои давлату давлатдорӣ, ин дар миёни аҳли ҷомеа бедор кардани ҳисси нобоварӣ ба ниҳодҳои давлатӣ ба ҳисоб меравад.

Ба хотири ҳифзи дастовардҳои бунёдии даврони соҳибистиқлолӣ ва Ваҳдати миллӣ, ки омилҳои коррупсионӣ ба он таъсири манфӣ мерасонад, муқовимат ба коррупсия дар меҳвари асосии сиёсати Пешвои миллат – муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қарор гирифтааст. Дар натиҷаи азму талош ва ҷонбозиҳои зиёд хиради азалии халқи тоҷик собит сохт, ки ваҳдати миллӣ ва ҳамдигарфаҳмии афроди ҷомеа муҳимтарин омили пешрафти давлату миллат мебошад. Муҳимтар аз ҳама ин аст, ки дар Ватани азизамон ваҳдати миллӣ, сулҳи пойдору суботи сиёсиву иҷтимоӣ ва фазои озоди бунёдкориву созандагӣ фароҳам оварда шудааст. Аз нуқтаи назар, коррупсия асосан аз унсурҳои мубориза бар зидди коррупсия ва пешгирии коррупсия иборат буда, қисми таркибии сиёсати дохилӣ ва хориҷии Ҷумҳурии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, таҳия ва амалишавии санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ аз иродаи олии сиёсии роҳбарияти давлат оғоз гардида, саманокии муқовимат ба он аз иштироки фаъоли тамоми шохаҳои ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди амалигардии он вобастагии зич дорад.

[8] Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ. – Душанбе, 26-уми декабри соли 2019. [Манбаи электронӣ] http://president.tj/node/21975. (Санаи муроҷиат 10.05.2022).

Хотирнишон бояд кард, ки дар он рӯзҳо хатари аз байн рафтани давлат, пароканда шудани миллат ва ба чандин қисм тақсим гардидани сарзамини тоҷикон, яъне ҳамчун давлати соҳибистиқлол аз харитаи олам нест шудани Тоҷикистон бо тамоми даҳшати худ ба вуҷуд омада буд. Вале Ҳукумат сарфи назар аз ҳамаи фишору муқобилиятҳо роҳи пешгирифтаи худ, яъне роҳи музокирот ва сулҳу созишро тағйир надод.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# ДАСТОВАРДҲОИ ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛИЯТ

***Мавлоназар Кишвар – Нозири калон оиди муқовимат ба коррупсияи Шуъбаи минтақавии Агентӣ дар шаҳру ноҳияҳои водии Ҳисор***



Тоҷикон аз қадимулайём миллати озодпарасту озодихоҳ буданд. Солҳои сол дар дил орзуи озодиро мепарвариданд. Бо амри тақдир ва бар асари таҳаввулоти фарогирии сиёсиву иҷтимоии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта халқи тоҷик баъди ҳазор сол аз нав ба эҳё ва эъмори давлати миллии худ ноил гардид.

Мавриди зикр аст, ки 9 сентябр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон расман Рӯзи Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул гардида, ин сана барои миллати тоҷик ҷашни муқаддас маҳсуб мешавад.Тамоми сокинони кишвари озоду ободи мо имрӯз ифтихор доранд, ки 30 сол қабл аз ин нахустин хиштҳои пойдевори истиқлолияти воқеӣ ва давлатдории миллии худро ниҳода, аз шарофати мустақилият соҳиби – Парчам, Нишон ва Суруди нави миллӣ гардидем. Дар ибтидои истиқлолияти давлатӣ Худованд ба халқи тоҷик Пешвоеро ато кард, ки миллату давлати моро дар арсаи ҷаҳон муаррифӣ намуда, Тоҷикистони соҳибистиқлолро обод ва ҷанги бародаркушро хотима бахшиданд. Сарвари давлати тоҷикон пайваста тамоми кушиши худро ба харҷ медиҳанд, то мардум зиндагии шоиста дошта бошанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳамеша дар баромаду суханрониҳои хеш Истиқлолиятро бузургтарин ва муқаддастарин дастоварди миллати тоҷик номида, аҳамияти ин масъалаи муҳимро баён менамоянд. Мардумро барои чун гавҳараки чашм ҳифзу нигоҳдории он роҳнамоӣ карда, истиқлолро тантанаи адолати таърихӣ ва идомаи силсилаи давлатдории чандинҳазорсолаи ниёгонамон ва пайвастани он ба оини давлатдории навин миллиамон меноманд: «Маҳз Истиқлолият ба мо имконияти таърихие фароҳам овард, ки Ватани худро соҳибӣ кунем, давлатдории миллии хешро барпо намоем, суннату арзишҳои миллиамонро эҳё созем, ормонҳои деринаи халқамонро амалӣ гардонем ва зиндагии озодонаи мардумамонро ба роҳ монем». Қадамҳои аввалини истиқлолият бо ҷанги хонумонсӯз оғоз гардид, ки он аз ҷониби ТЭТ Ҳизби Наҳзати Исломӣ роҳандозӣ шуда, яксаду панҷоҳ ҳазор кушта, 1 миллион гуреза ва беш аз 10 миллиард зиён ба бор оварда буд. Ҷангу талошҳои ибтидои солҳои навадуми асри гузашта тамоми фишангҳои давлату давлатдорӣ ва

Роҳбарияти давлат ва собиқ мухолифин пеш аз ҳама бо назардошти манфиатҳои бунёдии миллату давлат ва дарки масъулияти таърихӣ дар назди наслҳои имрӯзу оянда, барои аз бӯҳрони шадид баровардани ҷомеа талош мекарданд.

***Эмомалӣ Раҳмон***

истеҳсолиро фалаҷ карда буданд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳҳои расидан ба истиқрори сулҳ ва ваҳдати миллиро ҷустуҷӯ мекард ва Сарвари давлат пайваста талош меварзиданд, то осудагию оромӣ дар саросари мамлакат ҳукмфармо гарданд.

Бо талошу заҳмат, ҷонфидоиву ҷоннисориҳои Пешвои миллат 27 июни соли 1997 Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ байни Ҳукумати Тоҷикистон ва мухолифин имзо гардид ва он рӯзи муборак Рӯзи Ваҳдати миллӣ эълон шуд. Аз ҳамон вақт инҷониб ҷомеаи ҷаҳони муосир таҷрибаи пешқадами «Сулҳи тоҷикон»-ро меомӯзад ва барои насли имрӯз чун намунаи беҳтарини гуфтушуниди созанда пешниҳод мекунад. Пас аз нисбатан ором шудани вазъ Пешвои миллат баҳри пешрафти иқтисодиёт ва ба ҳам пайванд кардани минтақаҳои Тоҷикистон сохтмони роҳҳои замонавӣ ва бунёд кардани нақбҳоро ба роҳ монданд. Сохтмони шоҳроҳи «Роҳи абрешим», бунёди нақбҳои «Анзоб», «Шаҳристон», «Шар-шар» ва «Чормағзак», сохтмонҳои қитъаҳои алоҳидаи роҳҳои мошингарди Душанбе–Хоруғ–Мурғоб, Душанбе–Рашт–Саритош, Душанбе–Хуҷанд–Чанак, Кулма–Қароқурум, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа–Кӯлоб аз иқдомҳои Пешвои миллат буданд, ки боиси пешрафту тараққиёт гашта, мардум аз азияти ағбаҳои хатарнок растанд ва имкон фароҳам омад, ки ҳаракати нақлиёт дар дохили мамлакат ва берун аз он тамоми фаслҳои сол имконпазир бошад ва дар ин замина вазъи равуо ва боркашонӣ ба манотиқи гуногуни кишвар сад дар сад беҳтар гардад.

Душвортарин муаммои мо масъалаи истиқлолияти энергетикӣ буд. Дар роҳи таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоии кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, амнияти озуқаворӣ, ки ҳадафҳои стратегии Ҳукумати мамлакат мебошанд, бо сохтмони неругоҳҳои хурду калони барқи обӣ, хатҳои интиқоли қувваи барқ, тунелҳо, шоҳроҳҳову пулҳои байналмилалии мошингард ва даҳҳо иншооти азими инфраструктураи иҷтимоӣ натиҷаҳои нек ба даст оварда шуданд.

Бунёдкориву созандагӣ дар ин самтҳо вусъати тоза пайдо кард. Аз ҷумла, сохмони неругоҳҳои барқи обии «Сангтӯда 1», «Сангтӯда 2», як қатор неругоҳҳои хурд, хатҳои баландшиддати интиқоли неруи барқи Ҷануб–Шимол, Лолазор–Хатлон, Лолазор–Сангтӯда 1 ба истифода дода шуданд. Хусусан ба кор даромадани хатти 500 киловаттаи Ҷануб–Шимол ва дар пойгоҳи асосии он насб гардидани трансформатори дуюм – ин ғамхории бузурги Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои сокинони вилояти Суғд дар мавсими тобистону зимистон маҳсуб мешавад.

Дар солҳои соҳибистиқлолӣ сохтмони иншооти ҳаётан муҳим – бунёди НБО-и Роғун оғоз гардид. 29 октябри соли 2016 Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба шаҳри Роғун сафар намуда, дар дигар намудани маҷрои дарёи Вахш иштирок намуданд. Баъди заҳматҳои зиёд, аввалин агрегати неругоҳи барқи обии Роғун соли 2019 ба кор даромад. Ба истифода додани аввалин агрегати неругоҳи барқи обии Роғун аз он шаҳодат медиҳад, ки давлату ҳукумат бо сарварии Пешвои хирадманди тоҷикон пайваста баҳри ободӣ ва гулгулшукуфии ватанамон заҳмат кашида, давлати соҳибистиқлоли моро дар қатори кишварҳои мутараққии ҷаҳон қарор медиҳанд. Ва чархаи дуюми Агрегати Неругоҳи Барқии Оби Роғун соли 2020 бо иштироки Пешвои муаззам муҳтарам Эмомали Раҳмон ба истифода дода шуд. Қабл аз ин, дар фасли зимистон баъзе минтақаҳои кишвар аз норасоии қувваи барқ танқисӣ мекашиданд. Айни ҳол ин мушкилӣ

> Дар ин марҳилаи тақдирсоз миллати тоҷик, ҳамаи афроди ватанпараст ва ҷонибдорони ваҳдату бақои миллат пуштибони сиёсати пешгирифтаи Ҳукумат буданд. Ин давра дар ҳақиқат давраи таърихии оғози бунёди давлати нави миллии тоҷикон гардид.
>
> *Эмомалӣ Раҳмон*

бартараф шуда, баъди пурра ба кор даромадани НБО-и Роғун Тоҷикистон пурра бо барқ таъмин шуда, ба дигар давлатҳои минтақа барқ содир мекунад.

Ҳоло давлати мо дар самти тараққиёт қадамҳои устувор гузошта, дар бисёр нишондиҳандаҳо дар минтақа пешсаф мебошад. Иқтисодиёти Тоҷикистон баланд шуда, мо ба кишвари содиркунанда табдил гардидем. Истихроҷи тиллову нуқра, алюминий ва маъданҳои гуногун, истеҳсоли молҳои ниёзи мардум, нуриҳои минералӣ, сементу кабел, истеҳсоли автобусҳои замонавӣ камтарин дастовардҳои истиқлолият мебошанд.

Солҳои охир гулгашту хиёбонҳои пойтахти азизамон тахти сарварии Пешвои муаззами миллат ва ҷидду ҷаҳди бевоситаи Раиси шаҳри Душанбе Рустами Эмомалӣ ободтару зеботар гашта, маҳбуби дили сокинони пойтахту кишвари азизамон ва меҳмонони шаҳрамон гаштаанд. Бунёди пайкараи аввалин давлатдори тоҷикон Исмоили Сомонӣ, барафрохтани Парчами миллӣ, китобхонаи миллӣ, осорхона, театр, сохтмони садҳо биноҳои баландошёна давлати моро дар қатори кишварҳои пешрафта қарор дода, аз дастовардҳои истиқлолият маҳсуб меёбанд. Сокинону меҳмонон бо завқ дар пойтахти мамлакатамон сайру гашт намуда, сайёҳони хориҷӣ шаҳри Душанберо «Шаҳри гулҳо» ном гузоштаанд. Пешрафти иқтисодиёт ва таъмини амнияти шаҳрвандон боис гашт, ки ҳамасола ба Тоҷикистон ҳазорон сайёҳони хориҷӣ ташриф оранд.

Бо ибтикори Пешвои миллат соли 2018 «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ» эълон гардида буд, ки ин барои боз ҳам тараққӣ додани инфрасохторҳо мусоидат намуд. Ҳазорон занони хонашин бо ҷойҳои корӣ таъмин шуда, ба ҳунарҳои мардумӣ пардохтанд. Имрӯз атласу адраси тоҷикӣ тамоми ҷаҳонро тасхир намуда, намояндагони дигар миллатҳо либосҳои миллии моро бо ҳавас мепӯшанд.

Обрӯву нуфузи Пешвои миллати тоҷикон давлати моро дар сархати кишварҳои бонуфуз қарор додааст. Ба шарофати сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат муяссар гашт, ки муносибатҳои дӯстонаи ду давлати ба ҳам ҳамсоя ва ҳамфарҳанг, Тоҷикистон ва Ӯзбекистон бори дигар барқарор гарданд. Сафарҳои президентҳои ин ду кишвар боис гаштанд, ки сарҳадҳо кушода шуда, одамон бемамоният аз ҳамдигар дидан кунанд, хешу табори аз ҳам ҷудошуда бори дигар ба ҳам қарин гарданд. Бешак, барқарор гаштани муносибатҳо бо кишвари ба мо ҳамсоя ва дӯст аз сиёсати хирадмандонаи Пешвои миллат дарак медиҳад, зеро Сарвари давлат тавонистанд кори амалинашавандаро амалӣ созанд.

Қайд карданд ба маврид аст, ки дар даврони истиқлолият Тоҷикистон дар соҳаи илму маориф иқдомоти ҷиддиеро роҳандозӣ карда, ислоҳот ва навсозиҳоро босуръат пеш бурда истодааст. Нишондиҳандаҳои дараҷаи таҳсилот собит месозанд, ки саводнокӣ миёни аҳолии калонсол боло рафта, ҳиссаи шаҳрвандоне, ки таҳсилоти ибтидоӣ, миёна ва олии касбӣ мегиранд, бамаротиб афзуда истодааст.

Инчунин, дар замони соҳибистиқлолӣ ба рушди фарҳанг низ диққати ҷиддӣ зоҳир карда шуд. Таҷлили 1100-солагии давлати Сомониён, Соли тамаддуни ориёӣ, Бузургдошти 1150-солагии сардафтари адабиёти тоҷику форс маликушшуаро Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ, 2500-солагии шаҳри Истаравшани бостонӣ, 2700-солагии шаҳри Кӯлоб, 700-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ, 3000-солагии шаҳри Ҳисор, бузургдошти Пешвои мазҳаби ҳанафӣ – Имом Аъзам, Ҷомиву Туғрал, Садриддини Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Мирзо

> Дар ҷараёни музокирот мо аз ҳарду ҷониб зарурати ваҳдат ва сулҳи пойдорро дарк намуда, ба ҷойи тиру камон дасти дӯстиро ба ҳам додем. Дере нагузашта таърих ба куллӣ собит кард, ки роҳи пешгирифтаи мо дуруст ва иқдомҳоямон дар ин роҳ комилан саривақтӣ, дурандешона ва ҷавобгӯи орзуву омоли миллати тоҷик будаанд.
>
> ***Эмомалӣ Раҳмон***

Турсунзода ва дигар бузургону азизони миллат мутантан ҷашн гирифта шуд.

Ҳамчунин, дар даврони истиқлолият ҷашни миллии мо тоҷикон – Наврӯз мақоми ҷаҳониро соҳиб шуд. Ин ҷашни бостонии мардуми тоҷикро маҳз Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бори дигар аз нав эҳё намуданд ва ба ҷаҳониён собит сохтанд, ки ин сарзамини аҷдодӣ, сарзамини муқаддас аст. Анъана ва суннатҳои неки Наврӯз-ҳамчун беҳтарин намунаи тамаддуни мардуми ориёинажод, аз ҷониби халқҳои гуногуни Шарқ пазируфта шуда, маънавиёту фарҳанги миллии онҳоро низ афзун сохтааст.

Ногуфта намонад, ки бо мақсади баланд бардоштани маърифати динии мардум бо супориши Роҳбари давлат нахустин маротиба китоби Қуръони карим бо забони тоҷикӣ дар се давра бо теъдоди умумии беш аз 200 ҳазор нусха аз чоп бароварда шуда, ройгон ба мардум тақсим гардид. Инчунин «Саҳеҳ»-и Бухорӣ, «Муснад»-и Имоми Аъзам, «Эҳёи улуми улуми дин», «Кимиёи саодат»-и Имом Ғаззолӣ ва дигар осори пурқиммат чоп ва дастраси мардуми мусулмони кишвар гардонида шуданд. Пешвои муаззами миллат ҷиҳати арҷгузорӣ ба дини ислом ба сохтмони бузургтарин масҷид дар минтақа пардохта, хишти аввали бинои наву замонавии Донишкадаи исломиро гузоштанд ва инчунин масҷиди бузурги Душанбе ба истифода дода шуд.

Чунин хизматҳои шоистаи Роҳбари давлати тоҷикон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон буд, ки Президенти мо аз ҷониби тамоми кишварҳои мусулмонӣ қадр карда шуда, ҳамчун мусулмони фахрӣ дар сафи аввали 500 мусулмони ҷаҳон қарор дода шуданд.

Аммо бузургтарин хизмати Пешвои миллат ба дини ислом ин пок намудани номи дин ва мусулмонон аз тамғаи терроризм мебошад. Пешвои миллат аз минбари баланди СММ таъкид намуданд, ки террорист, ватан, миллат ва дину мазҳаб надорад. Ин андешаҳои Роҳбари давлати тоҷикон писанди ҷомеаи ҷаҳонӣ шуда, имрӯз дар баромадҳои сарони дигар давлатҳо ва пешвоёни дини ислом ин нукта пайваста садо медиҳад.

Нақши Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон аз рӯзҳои нахустини ба ҳайси Сарвари давлат интихоб гардиданашон барои баланд бардоштани нуфузу эътибори байналмилалии Тоҷикистон ва ҳаллу фасли масъалаҳои глобалии олам ниҳоят бузург ва саривақтӣ буданд. Аз ҷумла, Пешвои миллат муаллифи чор ташаббуси бузург мебошанд, ки дар сатҳи ҷаҳонӣ аз ҷониби Созмони Милали Муттаҳид пазируфта шудаанд: «Соли байналмилалии оби тоза, 2003», «Соли байналмилалии ҳамкорӣ дар соҳаи об, 2013», «Даҳсолаи байналмилалии амалиёти «Об барои ҳаёт, 2005–2015» ва «Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, 2018–2028».

Дар ин раванд қабули Қатъномаи Маҷмааи умумии СММ дар бораи Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор» (солҳои 2018–2028), ки аз ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон сарчашма мегирад, аз боло рафтани эътибори Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ дарак медиҳад.

Мавриди ба зикр аст, ки ба хотири баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар, ки дар роҳи амалисозии он маъракаву маросимҳои серхароҷот монеаҳои ҷиддӣ эҷод мекарданд, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» уфуқҳои тозаро дурахшон кард. Таҷрибаи 12-солаи татбиқи қонуни мазкур нишон дод, ки мардум аз нигоҳи иқтисодиву иҷтимоӣ манфиати ин

Мо имрӯз метавонем гӯем, ки хирад ва заковати фитрии миллатамон, ки моҳиятан сулҳпарвар ва сулҳдӯст аст, омили асосӣ ва бузургтарини сулҳу ваҳдати миллӣ гардид. Имзои Созишномаи умумий истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон барои амалӣ гаштани чандин нақшаҳо заминаи хуб ба вуҷуд овард.

*Эмомалӣ Раҳмон*

қонунро дарк намуданд. Дар натиҷа сатҳи худшиносии мардум ва савияи бознигарӣ ба ахлоқи диндорӣ хеле боло рафта, омили ахлоқӣ дар ин санади ҳуқуқӣ ҷойгоҳи асосиро ишғол намуд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласае баъди як соли қабули ин қонун ба ин омил низ ишора намуда буданд. Бо амалӣ гардидани қонуни мазкур то андозае сабук гардонидани бори зиндагии халқамон шароити мусоид фароҳам оварда шуд, зеро то қабули қонун харҷу масрафи барзиёди маъракаҳо ҳамчун як урфу одати ниёгон, ва гӯиё диниву мазҳабӣ дар тафаккури қишрҳои мухталифи ҷомеаи шаҳрвандии мо ҷой гирифта буд ва ин тарзи тафаккур оҳиста-оҳиста аз байн рафта, тарзи тафаккури нав ҷои онро гирифт. Аз ҳама асосаш, тавассути қонуни мазкур миқдори зиёди хурофот, ки мутаассифона, бо дин олуда шуда буданд, аз байн бурда шуданд.

Бо зикри дастовардҳои 30 соли даврони истиқлолият ин нуктаро таъкид намудан бамаврид аст, ки ифротгароӣ ва дигар таҳдиду хатарҳои муосир, пеш аз ҳама, ба ҳамин арзишҳои ҳаётии ба дастовардаи даврони мо таҳдид менамоянд. Онҳо пеш аз ҳама ба истиқлолияти давлатӣ, ба мавҷудияти давлати мустақил, сохтори давлатии демокративу ҳуқуқбунёд ва дунявӣ, ба суботу амният ва ҳаёти осоиштаи мардум, ба хонаву оилаи ободи ҳар як фард ва арзишҳои пурқимати миллии мардуми тамаддунсози мо монеаҳои хатаровар эҷод мекунанд. Пас, мубориза мо бар муқобили экстремизму терроризми байналмилалӣ дар асл мубориза барои ҳифзи давлат, истиқлолият, фарҳангу забон, арзишҳои миллӣ ва зиндагии озоду осудаи халқамон мебошад. Пешвои муаззами миллат дар робита ба ин масъала чунин таъкид намуда буданд: «Дар натиҷа мо дар зарфи қариб се даҳсолаи гузашта ба як силсила дастовардҳои бунёдие ноил гардидем, ки сарнавишти минбаъдаи давлати соҳибистиқлоламон ба онҳо вобастагии мустақим дорад. Муҳимтарин дастоварди мо дар ин давра таъмини сулҳу оромӣ, аз хатари нобудӣ наҷот додани давлатдории миллиамон ва аз парокандагӣ раҳо бахшидани миллатамон мебошад».

Бояд иқрор шуд, ки дар дунё чандин мардумоне арзи вуҷуд доранд, ки шумораашон ба миллионҳо расида, дар орзуи миллату давлатдорӣ мебошанд ва бо мақсади расидан ба ин ҳадаф азму талош менамоянд, дар ин роҳ ҷони ҳазорон нафар ҳатто фидо гаштааст, аммо онҳо ҳанӯз ҳам соҳиби ватану давлат нагаштаанд. Аз ин рӯ, бояд шукргузорӣ аз он намоем, ки Худованд баҳри мо чунин Ватани азизу маҳбуб ва ободу зебоеро ато намудааст, ки шабеҳ ба биҳишт мебошад. Бояд ҳамагӣ ба қадри талошу заҳматҳои Пешвои миллати худ ва замину фазову ҳавои меҳану сарзамини хеш бирасем ва ҳама ҳамдилу якдил гашта дар ободонии ин диёри ҳамешасабз ва хуррамy ободу нозанин заҳмат ба харҷ диҳем.

Пеш аз ҳама, мо тавонистем ҳамаи ҳамватанони фирории худро, ки дар кишварҳои дигар дар ҳолати мушкилиҳои сахт зиндагӣ мекарданд, дар муддати кӯтоҳ ба Ватани аҷдодӣ ва ҷойҳои сукунати аслиашон баргардонем. Ин кор барои ваҳдати миллӣ ва аз байн бурдани низоъ омили муҳим гардид.

*Эмомалӣ Раҳмон*

# МЕЪМОРИ СУЛҲУ ВАҲДАТИ ТОҶИКИСТОН

***Тоирзода Баҳриддин Ҳусейн – сардори Шуъбаи Агентӣ дар минтақаи Рашт***



Бисту панҷ сол аз нигоҳи таърих чандон муддати тӯлонӣ нест, аммо барои кишвари мо арзиши баланду пурқимматеро дорост, ки баробар ба садсолаҳост. Имкон пайдо шуд, ки тавассути хиради азалии фарзандони ба нангу номус бори дигар миллат аз парокандашавию нестӣ раҳоӣ ёбад. 27 июни соли 1997 фарзанди фарзонаи миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон ба ҳайси Пешвои барҳақи миллат дар якҷоягӣ бо дигар ҳаммаслакони ватанпарасту ватандӯст ва сулҳхоҳи тоҷик пас аз музокиротҳои тулонӣ дар роҳи сулҳ ба нофаҳмиву даргириҳои таҳмилӣ ва кашмакашиҳои миёни бародарон хотима гузоштанд. Бо имзо ва қабули Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ваҳдату сулҳу суботро ворид намуданд.

Эмомалӣ Раҳмон тамоми қувва ва иродаю имконияти хешро баҳри таъмини сулҳ, баргардондани охирин муҳоҷири дар ғурбат бударо ба Ватан равона кард. Ӯ миллатро ба ғолибу мағлуб ҷудо накарда ба савганди худ, ки охирин шаҳрванди фирории Тоҷикистонро ба Ватан бармегардонад, миллатро сарҷамъ намуда, дар заминаи Ваҳдати миллӣ кишвари озод бо номи Тоҷикистони соҳибистиқлолро месозад, содиқ монд. Ӯ ҳамаи дарҳоро барои музокира, барои шурӯъи музокироти байни тоҷикон боз кард.

Дар ин роҳи басо душвор борҳо ҷони худро ба гарав монду сафарҳои пурхатар кард то ваҳдату сулҳ дар кишвар барқарор гардад. Шуҷоату ҷасорат, фаросати бузурги мардумпарваронааш, ватанпарастиву миллатпарастияш ҳамеша ӯро ҳамқадам буд.

Соли 1995 нахустин музокироти сатҳи олӣ дар шаҳри Кобул доир гардид, ки пеш аз сафар ба Афғонистон дар суҳбат бо хабаргузории «Интерфакс» Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳадафи хешро аз ин вохӯрӣ бо сарварони мухолифин чунин баён дошта буд, ки: «Мақсади ман аз ин музокирот расидан ба мусолиҳа бо оппозитсиюн мебошад, ки ин мусолиҳа бояд бечунучаро аз ду тараф иҷро шавад.»

Ин музокирот тайи ду рӯз дар вазъияти басо вазнин доир гардид. Вазири дифоъи ҳамонвақтаи Афғонистон шодравон Аҳмадшоҳи Масъуд баъди анҷоми музокирот ба хабарнигорон гуфта буд, ки «Раҳбари Тоҷикистонро ман ҳамчун шахсияте дарёфтам, ки халқи кишвараш, миллати тоҷикро, ватанаш Тоҷикистонро хеле амиқ ва самимона дӯст медорад. Барои беҳбудии халқу марзу бумаш омодааст

Аз рӯзи ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар таърихи сиёсии Тоҷикистон марҳилаи сифатан нав оғоз гардид. Фаро расидани сулҳу субот ва қадамҳои нахустин дар роҳи ваҳдати миллӣ барои таҳкими пояҳои давлати ҷавони мо шароит фароҳам овард.

*Эмомалӣ Раҳмон*

ҷонбозиҳо кунад. Бо чунин раис тоҷикон ҳатман ба сулҳу оштӣ даст хоҳанд ёфт».

Дар роҳи расидан ба ваҳдати миллӣ лозим омад, ки аз 5 апрели соли 1994 то 27 июни соли 1997 дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон аз ҷумла дар Афғонистон, Покистон, Эрон, Қазоқистон, Қирғизистон, Русия, Туркманистон дар 9 давр, 6 вохӯрӣ ва 21 музокирот анҷом дода, 40 ҳуҷҷати тақдирсози миллат ба имзо расонида шавад.

Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, ки 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва ба имзо расид, ба ҷаҳониён бори дигар аз миллати бофарҳанг, ватандӯст, сулҳхоҳ ва сулҳпарвар будани тоҷик зери роҳбарии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон огоҳӣ дод.

Имзо ва татбиқи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар ҷомеаи мо раванди ваҳдати миллӣ, худогоҳӣ, эҳтиром ба муқаддасоти миллӣ ба мисли парчам ва нишонҳои миллӣ, демократикунонӣ, таҳаммулпазирӣ ва гуногунандеширо тақвият бахшида, сулҳи тоҷиконро мустаҳакам намуд. Маҳз натиҷаи сулҳу салоҳ буд, ки дар кишварамон ҳизбу созмонҳои мухталиф арзи вуҷуд намуда раванди демакратикунонии ҷомеа оғоз ёфт.

Ин ҳуҷҷати тақдирсоз ба давлатҳои гуногуни ҷаҳон нишон дод, ки аз ин пас тамоми мардуми кишвар Эмомалӣ Раҳмонро ҳамчун Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон эътирофу эҳтиром дошта сохти демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро қабул доранд. Ҷомеаи ҷаҳонӣ итминон пайдо кард, ки Тоҷикистон роҳи сулҳ, ободӣ ва бозсозии кишварро пеш гирифт ва аз ин хотир кишварҳои мухталиф омодагии худро барои сармоягузорӣ дар ватанамон нишон доданд.

Ваҳдати миллӣ волоияти иҷрои қонунҳои ҷумҳурӣ, амру дастурҳои Президенти кишвар ва қарорҳои Ҳукумати ҷумҳуриро дар саросари мамлаат таъмин кард.

Баъд аз барқарории ваҳдати миллӣ ва сулҳи сартосарӣ дар кишварамон бо ташаббус ва ибтикори ҳамешагии Сарвари давлат раванди бозсозии иқтисодии кишвар, рушди демократия, гуногунандешӣ, таҳаммулпазирӣ, озодии сухан ва матбуот, ташаккули тафаккури миллӣ равнақу ривоҷи бештар пайдо намуда, ваҳдати миллиро мустаҳкам намуд.

Таҷрибаи сулҳофарини тоҷикон, ки асосгузори он Пешвои тамоми тоҷикон – Эмомалӣ Раҳмон мебошад, мавриди омӯзиши ҷомеаи ҷаҳонӣ қарор дода шуда, ҳамчун миллати дорои фарҳангу таърихи бузургдошта, ки ҳамеша дар ҳолати душвор ва сарнавиштсози таърихӣ аз ин неъматҳои худододӣ истифода карда, худро наҷот медиҳад шинохта шудааст. Собиқ котиби генералии Созмони Миллали Муттаҳид Кофи Аннан, дар ин хусус гуфта буд, ки «Тоҷикон намунаи беназири таҷрибаи сулҳофариро барои мамлакатҳои дигар ба армуғон овварданд».

Сулҳ таҷассумгари якдигарфаҳмӣ ва толиби осоиштагӣ будани мардум аст. Ваҳдат бошад, ба ҳам омадан, сар аз як гиребон сар бурун овардан, поктинату миллатдӯст буданро ифода мекунад. Он таҳкими давлат, наҷоти миллат, рушди тоҷикон, нумӯи даврон, моҳияти ҳастии инсон дар замину замон аст. Танҳо бо роҳи ваҳдат, якдигарфаҳмӣ истиқлоли кишварро муҳофизату пойдор ва ягонагии мардумро устувор карда метавонем.

Имрӯз дарахти сулҳу ваҳдати тоҷикон меваҳои шаҳдборе ба бор овардааст. Муҳимтарин комёбиву дастовардҳои кишвари азизи мо Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи меҳнатҳои шабонарӯзӣ ва иқдомҳои фидокоронаву қаҳрамононаи Эмомалӣ Раҳмон ва ҳаммаслакони содиқаш мебошад, ки имрӯз Ҷумҳурии Тоҷикистон дар арсаи байналми-

Ба шарофати сулҳу оромӣ дар ҳаёти сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишварамон таҳаввулоти ҷиддӣ ба миён омаданд, яъне сулҳ ба мо имкон дод, ки дар ҳамаи соҳаҳои зиндагӣ қадамҳои устувор гузорем. Муҳимтар аз ҳама раванди худогоҳиву худшиносӣ такон ва густариши тоза пайдо карда, ҳисси ифтихори миллӣ, эҳсоси ватандӯстӣ ва ватанпарастӣ ба пояи сиёсати давлатӣ бардошта шуд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

лалӣ ҳамчун давлати соҳибистиқлол, демократӣ ва дунявӣ мавқеи хосеро сазовор гардидааст. Бо кӯшиш ва талошҳои пайдарҳами Президенти кишвар Тоҷикистон аз бӯҳрони сиёсӣ, иқтисодию иҷтимоӣ ва фарҳангию маънавӣ раҳо ёфта тадриҷан зина ба зина пеш меравад. Дар фазои орому осуда ҳаёти шаҳрвандони кишвар рӯз аз рӯз рӯ ба беҳбудӣ мениҳад ва бо шукргузорӣ аз суботи мавҷуда шаҳрвандони кишвар баҳри зиндагии арзанда дар ҷомеа ва мустаҳкамии давлатдории миллиамон камари ҳиммат мебананд.

Зери роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон ба рушди соҳаи фарҳанг низ ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯҳои зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, ойину анъана, дигар муқаддасоти миллӣ эътибори доимӣ дода мешавад. Қобили ба зикр аст, ки хусусан, солҳои охир таваҷҷуҳ ба ҳифзи забони давлатӣ, суннату арзишҳо ва либоси миллӣ зиёд шудааст.

Дар даврони истиқлолияти давлатӣ ойину ҷашнҳои миллӣ ва арзишҳои фарҳангие, ки дар давоми асрҳо ягонагии маънавии мардумро ҳифз мекарданд, аз қабили Наврӯз, Меҳргон, Сада, Шашмақом, Фалак, атласу адрас, чакан ва монанди инҳо эҳё гардиданд.

Бо талошҳои пайвастаи Ҳукумати мамлакат қисме аз онҳо, аз ҷумла Шашмақом Наврӯз ва чакан ба Феҳристи мероси ғайримоддии ЮНЕСКО шомил гардиданд.

Боиси қайд аст, ки пешниҳодҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мӯҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи эълон намудани соли 2003 ҳамчун «Соли байналмиллалии оби тоза», солҳои 2005–2015 эълон шудани даҳсолаи амалиёти « Об барои ҳаёт», солҳои 2015–2025 «Даҳсолаи байналмиллалии ҳамкорӣ дар соҳаи об» ва солҳои 2018–2028 «Даҳсолаи амал об барои рушди устувор» аз ҷониби намояндаҳои зиёда аз 180 давлати дунё ҷонибдорӣ гардида, обурӯ ва нуфузи давлати моро дар арсаи ҷаҳонӣ хеле боло бурд.

Дар натиҷаи андешидани чораҳо дар роҳи таъмини амнияти озуқаворӣ сатҳи камбизоатии мардум, қариб ки аз байн бурда шуд.

Чуноне, ки ҳамагон бо чашми сар мебинем, имрӯз Тоҷикистони азизи мо дар ҳоли рушд қарор дошта, ба дастовардҳои назаррас ноил гардида истодааст. Аммо дар баробари дастовардҳои беназир баъзе падидаҳои ногуворе, ки ба решаи рушду тараққиёти кишварҳои ҷаҳон теша мезананд, кишвари ҷавони тозаистиқлоли моро низ ором намегузоранд. Яке аз чунин падидаҳои номатлуб ин амали даст задан ба коррупсия ва ришваситонии баъзе масъулони ниҳодҳои мухталиф мебошанд.

Тоҷикистон баъд аз соҳиби истиқлолияти комил гардидан дар қаторӣ душвориҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, иқтисодию фарҳангӣ ба проблемаи болоравии сатҳи коррупсия дар кишвар рӯ ба рӯ гардид. Сабаб ва омилҳои асосии густариши коррупсия дар ҷомеаи мо аз як тараф паст будани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ва аз тарафи дигар ин омода набудани мардум ба иқтисодиёти бозаргонӣ ба ҳисоб мерафт. Албата, паҳн гаштани коррупсия дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷомеа Ҳукумати кишварро ба ташвиш меовард, зеро раванди демократикунонии ҷомеа дар рӯ ба рӯи коррупсия дар ҳолати осебпазирӣ қарор дошт. Аз ин рӯ бо сиёсати оқилона ва хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, мухтарам Эмомалӣ Раҳмон як қатор ислоҳотҳои ҳуқуқӣ дар қонунгузории кишвар рӯйи кор омад. Аз ҷумла ба Кодекси мурофиавии ҷиноятӣ, Кодекси ҷиноятӣ ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии

Ҳарчанд ки гузашти солҳо моро аз он рӯзи таърихӣ – қабул гардидани ин санади тақдирсози миллатамон дур мебарад, вале аҳамияти ҳаётӣ ва қадру қимати он торафт меафзояд. Дар шуури мардуми кишварамон зарурати ҳифзи оромӣ ва суботи ҷомеа, ки асос ва сарчашмаи пешрафту инкишофи ҳар давлату миллат мебошад, сол ба сол амиқтар ҷой мегирад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Тоҷикистон ва дигар қонунҳои дахлдор давра ба давра дар заминаи ҳуқуқии низоми муқовимат ба коррупсия тағйиру иловаҳо ворид карда шуд, ки бахри тақвият бахшидани мубориза бар зидди коррупсия ва коҳиш додани сатҳи он дар ҷомеа мусоидат намуданд.

Қобили зикр аст, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон барои решакан намудани ришваю ришваситонӣ дар кишвар иқдомҳои созгоре мегузорад. Зеро коррупсия дар қатори дигар зуҳуроти хавфноки ҷаҳони муосир асосҳои давлатдориро суст карда, садди роҳи инкишофи ҷомеа мегардад. Мубориза бар зидди ин падидаи ногувор ва паст кардани сатҳи он самти афзалиятноки сиёсати давлатӣ қарор дода шудааст.

Бо мақсади вусъат додани мубориза бар зидди ҳуқуқвайронкуниҳо ва ҷиноятҳои хусусияти коррупсионидошта, бартараф намудани такроркунии функсия ва ваколатҳои мақомоти идоракунии давлатӣ бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 январи соли 2007 таҳти №143 Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун мақоми махсусгардонидашуда ва ҳамоҳангсози мубориза бар зидди коррупсия таъсис дода шуд.

Таъсиси мақоми махсусгардонидашудаи мубориза бар зидди коррупсия, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зиддикоррупсионӣ, ки ифодаи иродаи олии сиёсии Сарвари давлат буда, имрӯз муваффақона амалӣ шуда истодаанд, дар раванди чораҳои пешгирикунанда ва мубориза бар зидди коррупсия нақши басо муҳимро иҷро менамоянд.

Ҳаёти баъди солҳои мухолифати мусаллаҳона нишон дод, ки барои ҷомеа аз сулҳу оромӣ неъмати азизтар ва бузургтаре вуҷуд надорад.
***Эмомалӣ Раҳмон***

# СОЗИШНОМАИ УМУМИИ ИСТИҚРОРИ СУЛҲ ВА РИЗОИЯТИ МИЛЛӢ – ҲУҶҶАТИ САРНАВИШТЗОС ВА ТАҚДИРСОЗИ МИЛЛАТИ ТОҶИК

*Гулмаҳмадзода Ҷамшед Гулмаҳмад – Сардори Шуъбаи минтақавӣ дар шаҳри Кӯлоби Раёсати Агентӣ дар вилояти Хатлон*



Баъд аз пошхурии Иттиҳоди Шӯравӣ, дар ҳудуди он давлатҳои алоҳидаи мустақил таъсис ёфтанд ва дорои сиёсати дохилӣ ва хориҷии худ шуданд, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки яке аз дурдастарин ҷумҳурии Иттиҳод буд, 24 августи соли 1990 дар Иҷлосияи дувуми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистонро қабул гардид ва дар сарнавишти давлати навини тоҷикон марҳилаи тозаи таърихиро ифтитоҳ бахшид. Эъломия «Дар бораи истиқлолияти давлатӣ» муайян кард, ки Тоҷикистон ба мақсади ҳифз намудани истиқлолият ва якпорчагии сарзамини худ ҳуқуқи барпо намудани ниҳодҳои фарогири амниятии худро дорад, ки тағйири низом азнавсозии онро талаб мекард [5.359].

Илова бар ин, ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ, набудани заминаи моддӣ-техникӣ, вазъи сарҳади Тоҷикистону Афғонистон бо назардошти таҳдиди хатарҳои муосир тақдири ояндаи мурдуми тоҷикро зери хатар қарор дода буданд.

Таърих борҳо собит намудааст, ки тоҷикон ҳамеша ҳангоми бадбахтиҳои азим ва дар душвортарин вазъият кӯшишҳои сангин ба харҷ доданд, то бар оламиён нишон бидиҳанд, ки наҷотдиҳандаи марзу бум ва аҳлу аёлашон танҳо худашон ҳастанд [10.21].

Дар таърихи аз 16 ноябр то 2 декабри соли 1992 дар ш. Хуҷанд, дар қасри «Арбоб» Иҷлосияи XVI-уми Шӯрои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронида шуд. Иҷлосия 19-ноябри соли 1992 Эмомалӣ Раҳмонро бо овоздиҳии пинҳони ба вазифаи Раиси Шӯрои Олӣ интихоб намуд. Баъди Сарвари давлат, Раиси Шӯрои Олӣ интихоб гардидан, барномаи сиёсии хешро ба таври мушахасу возеҳ иброз дошт: « Баҳри истиқрори сулҳ дар Тоҷикистон ва баргардонидани ҳамаи гурезаҳо ман таёрам ҷони худро нисор кунам».

Имрӯз ҳар як фарди бонангу номуси ҷомеа возеҳ дарк кардааст, ки агар дар мамлакат сулху субот хукмфармо бошад, ҳамаи масъалаву мушкилоти иқтисодӣ ва иҷтимоӣ тадриҷан ҳалли худро меёбанд ва танҳо дар ҳамин сурат мо метавонем бунёди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявиро, ки бо иродаи мардуми Тоҷикистон ҳамчун ҳадафи ниҳоии худ қарор додаем, идома диҳем ва барои шаҳрвандони мамлакат шароити сазовори зиндагиро муҳайё намоем.

*Эмомалӣ Раҳмон*

Муаррихон бар ақидаанд, ки яке аз ҷанбаҳои асосии таърихи инсониятро роҳбарони кишварҳо муайян менамоянд. Албатта, аксари давраҳои таърихии рушди давлатҳои қадим ва муосир бо номи сарварон алоқаманд мебошад, ки рифоҳи мардум, авҷи қудрати кишвар, густариши илму фарҳанг ва тиҷорат бо ному фаъолияти онҳо вобастагӣ доранд [10.21]. Чуноне, ки ин абармарди ватанпараст дар рӯзи аввали Роҳбари давлат интихоб шуданаш, чунин гуфта буд: «Ё ман дар Тоҷикистон сулҳ меорам, ё дар ин роҳ ҷони худро нисор мекунам».

Дар чунин шароит бо мақсади аз ин вазъи сангин раҳои ёфтан, моҳи апрели соли 1994 гуфтушуниди ҳайати ҳукумати қонунии Тоҷикистон ва иттиҳоди мухолифини тоҷик оғоз ёфта то моҳи июни соли 1997 давом кард ва 8-давраро дар бар мегирад. Гуфтушунидҳои маскур дар Русия, Эрон, Туркманистон, Қазоқистон, Покистон ва Афғонистон ва дар ҳузури созмонҳои байналхалқии ҷаҳон, аз он ҷумла СММ, Созмони амняту ҳамкори дар Аврупо, ИДМ ва монанди инҳо дар тули 40 моҳсурат гирифт. Дар натиҷа 27 июни соли 1997 дар шаҳри Москва «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон» қабул гардид, ва ин сана дар тақвими миллати мо ҳамчун Рӯзи Ваҳдати миллӣ сабт гардид [9.88]. Дар бораи аҳамияти Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллии Тоҷикистон Президенти кишвари соҳибистиқлоламон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон гуфтааст: «Созишномаи умуми аз лиҳози аҳамияти фавқулоддаи худ бо Эъломияи истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар як радиф меистад. Агар Эъломия ба Тоҷикистон ба таври расмӣ истиқлол ва соҳибихтиёри ато карда бошад, пас Созишнома сулҳу суботро дар сарзамини мо таъмин сохт».

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи нав оғоз мегардад. Бояд дар назар дошт, ки 27 июни соли 1997 Созишномаи умумӣ ба имзо расида бошад ҳам, ин ҳанӯз маънои онро надошт, ки аллакай сулҳи тоҷикон таъмин гардидааст. Зеро Созишномаи мазкур дар шаҳри Маскав ба имзо расонида шуда буд, аммо дар мамлакат амалиётҳои ҳарбӣ ва бархӯрди гурӯҳҳои мусаллаҳ тез-тез ба амал меомаданд. Яке аз талаботҳои асосии Созишномаи мазкур ташкили Комиссияи оштии миллӣ буд, ки дар кори он намояндагони Ҳукумат ва Иттиҳоди мухолифини тоҷик бояд ширкат меварзиданд. Комиссияи мазкур ҷанги шаҳрвандиро бояд ба сулҳи шаҳрвандӣ табдил медод. Аммо намояндагони мухолифин ҳанӯз ҳам берун аз мамалакат қарор доштанд. Бинобар ин, аввалин коре, ки дар самти таъмини сулҳ анҷом дода мешавад, ин ба Ватан баргардонидани он намояндагони мухолифине ба шумор мерафт, ки аъзои Комиссияи оштии миллӣ маҳсуб меёфтанд. Ба ҳамаи мушкилиҳои ин раванд нигоҳ накарда ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар таърихи соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон мақому манзалати хосси таърихӣ дорад. Ин ҳуҷҷатест, ки ба ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992–1997 ҳусни хотима бахшида, раванди сулҳофариро устувор гардонида тавонист.

Бояд ёдовар шуд, ки раванди ташкил ва баргузор намудани гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам муқобил бо мушкилиҳои зиёд амалӣ карда шудааст. Дар аксар маврид вохӯриҳо ва гуфтушунидҳо дар фазои хеле мураккаб шуда мегузаштанд. Баргузории ин гуфтугуҳои сиёсӣ дар шароити ҷангӣ сурат мегирифт. Ҳар замон неруҳои мусаллаҳи ҷонибҳои даргир бо ҳам муқовимат менаму-

Сулҳу суботе, ки дар натиҷаи имзо шудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти ҷомеа дар Тоҷикистон фароҳам оварда шуд, дастоварди бузург ва муқаддаси миллати мо мебошад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

данд ва дар ҷомеа ноороми ҳукмфармо буд. Бинобар ин, раванди гуфтушунидҳо хеле бо мушкилиҳои зиёд ташкил карда шудаанд ва ниҳоятан он бо имзо гардидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ ба анҷом мерасад. Аммо имзо гардидани ин ҳуҷҷати тақдирсоз маънои хотима ёфтани ҷангу хунрезиро надошт. Чи гунае ки дар боло қайд гардид, дар мамалакат неруҳои сиёсӣ ва дастаҳои силоҳбадасти мухолифин ҳанӯз ҳам хеле фаъол буданд. Акнун навбати дар амал татбиқ намудани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ расида буд. Таҳлили таҷрибаи сулҳи тоҷикон нишон медиҳад, ки дар амал татбиқ намудани талаботи созишномаи мазкур аз марҳилаи баргузории гуфтушунидҳо ҳам вазнинтар буд. Зеро дар ин давра ҳукумат ва роҳбарияти мухолифнро лозим меомад, ки неруҳои худро зери назорати қатъӣ қарор дода, фаъолияти онҳоро дар доираи қонунҳои амалкунандаи мамлакат ба роҳ монанд. Инчунин, масъалаҳои баргардонидани гурезгон ба Ватан (соли 1993 теъдоди гурезагон ба 800 ҳазор нафар расида буд), таъмини ҳуқуқ ва озодиҳои шаҳрвандон, ташаккули ҳокимияти конститутсионӣ, амалӣ намудани авфи умумӣ ва умуман таъмини сулҳу субот ва роҳандозӣ намудани ваҳдати миллӣ ва оштии миллӣ бояд амалӣ карда мешуд [8.20].

Дар давраи амалисозии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ҷонибҳо ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида буданд. Ҳатто баъди сипарӣ гардидани се сол, яъне дар соли 2000-ум ҳанӯз ҳам дар мамлакат дастаҳои гуногуни ҷиноӣ ва силоҳбасдаст амалҳои ҷиноӣ содир менамуданд. Президенти кишвар, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҳамин лаҳзаҳои душвортарин, ки дастаҳои ҷудогонаи мухолифине, ки ба Ҳукумати ҷумҳурӣ ва ба тарафдорони худ итоат намекарданд, роҳу усулҳои гуногуне пайдо намуда, ҳалли бисёр масъалаҳоро ба дӯши худ мегирифт. Аз ҷумла, Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон моҳи майи соли 2000 бо мақсади омӯхтани вазъияти ноҳияҳои Ленин (ноҳияи Рӯдакӣ), Кофарниҳон (Ваҳдат) ва минтақаи Қаротегин (Рашт) бо Амри махсуси худ Комиссияи ҳукуматӣ таъсис медиҳад, ки он барои андешидани тадбирҳо баҳри минбаъд муътадил гардонидани вазъ, фароҳам овардани шароити мусоид барои солимгардонии вазъи криминалӣ ва рушди иҷтимоию иқтисодии минтақа нақши хеле муҳим бозидааст.[4.126,127] Комиссияи мазкур бо қумандонҳои саҳроии минтақаҳои мазкур вохӯриҳо гузаронида, аксари онҳоро ба корҳои мулкӣ сафарбар намудаанд. Инчунин дар рафти фаъолияти худ комиссия корҳои фаҳмондадиҳӣ анҷом дода, қисми зиёди дастаҳои силоҳбадастро барои супоридани силоҳҳои худ сафарбар намудаанд.

Баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ дар самти ислоҳоти сиёсӣ тағйиротҳои ҷиддӣ ба амал оварда мешаванд. Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ аз соли 1998 то соли 2000 махсусан дар самти ташаккули системаи бисёрҳизбӣ ислоҳот гузаронида мешавад. Пеш аз ҳама, ба хотири иҷроиши талаботи Созишномаи умумӣ фаъолияти Ҳизби наҳзати исломии Тоҷикистон, Ҳизби демократии Тоҷикистон, ҳаракати «Растохез» ва ҷамъияти «Лаъли Бадахшон», ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ мамнуъ эълон гардида буданд, иҷозат дода мешаванд. Дар соли 1998 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» (23 майи соли 1998) ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» (13 ноябри соли 1998) қабул мегарданд. Қонунҳои мазкур муносибати байни ҳизбҳои сиёсиро ба танзим даровардa,

Ҳамаи камбудиву норасоиҳоро Ҳукумат хуб медонад ва пайваста дар андешаи рафъи онҳо мебошад. Вале бартараф кардани онҳо пеш аз ҳама сулҳу оромӣ, ваҳдат ва сабру таҳаммул мехоҳад. Ҳамчунин набоад фаромӯш кард, ки ҳалли проблемаҳо ва рафъ кардани нуқсонҳои ҷомеа вазифаи танҳо Ҳукумат нест, балки ҳар фарди ҷомеа бояд дар ин кор саҳм гузорад.

*Эмомалӣ Раҳмон*

мавқеи онҳо, ҳуқуқу уҳдадориҳо, салоҳият ва вазифаҳои онҳор муайян менамуд ва дар самти ташаккули системаи бисёрҳизбӣ заминаи хуб фароҳам меовард. Дар ин давра фаъолияти Ҳизби ягонагии халқии Тоҷикистон барои амалҳои зиддиконститутсионӣ ва Ҳизби адолатхоҳ барои мувофиқат накардан бо қонунҳои амалкунандаи мамлакат мамнуъ эълон карда мешаванд. Ҳамчунин дар ин давра бо мақсади гузаронидани ислоҳот дар заминаи системаи бисёрҳизбӣ аввал райъпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсия ва сипас интихоботҳои президентӣ ва парлумонӣ баргузор карда мешаванд [1.230].

Аз рӯзҳои аввали фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ масъалаи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба конститутсияи мамлакат пайваста баррасӣ мегардид. Ҷонибҳо дар атрофи як қатор масъалаҳо ҳеҷ ба мувофиқа расида наметавонистанд. Масъалаи асосие, ки кори Комиссияро дар ин самт мушкил гардонида буд, ин масъалаи ҳазф намудани мафҳуми «дунявӣ» аз моддаи якуми Конститутсия ба шумор мерафт. Намояндагони мухолифин хеле зиёд кушиш менамуданд, ки мафҳуми «дунявӣ» аз матни конститутсия партофта шавад. Аммо ҷониби ҳукумат барои нигоҳ доштани он талош меварзиданд. Танҳо баъди сипарӣ гардидани ду сол ҷонибҳо дар масъалаи тағйиру иловаҳо ба конститутсия бо дарназардошти нигоҳ доштани мазмуни дунявии мамалакат ба мувофиқа расиданд ва 30 июни соли 1999 дар ҷаласаи навбатии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи матни конститутсия тасдиқ карда шуд. Дар ҷаласаи парлумон инчунин 26 сентябр рӯзи баргузории раъйпурсии умумихалқӣ муайян карда шуд.

Рӯзи 26 сентябри соли 1999 раъйпурсии умумихалқӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кончтитутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор мегардад. Дар моддаҳои 28, 49, 54 ва 65 тағйиротҳо ворид карда мешаванд. Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии умумихалқии Ҷумҳурии Тоҷикистон натиҷаҳои раъйпурсиро эълон намуда, қабули Конститутсияи нави Ҷумҳурии Тоҷикистонро барои мардуми мамлакат табрик намуд. Акнун, минбаъд мувофиқи конститутсияи нав ҳизбҳои динӣ метавонистанд озодона дар ҳаёти сиёсии мамлакат фаъолият намоянд. Инчунин барои ташкили парлумони дорои ду палата низ шароит фароҳам оварда шуда буд. Инчунин дар ин раъйпурсӣ муҳлати салоҳияти Президент аз 5 сол то 7 сол дароз карда мешавад.

Як ҳолати дигарро низ ба инобат гирифтан зарур аст, ки баъди ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, тибқи меъёрҳои қонуни асосӣ ҳизби сиёсии дорои характери динӣ озодона метавонист фаъолият намояд. Баъди баргузории ин маъракаи сиёсӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фазои минтақаи Осиёи Марказӣ ва дар миёни давлатҳои ИДМ ягона мамлакате ба шумор мерафт, ки дар ҳаёти сиёсии он ҳизби динӣ амал менамуд [7.75]. Ҳарчанд Ҷумҳурии Тоҷикистон худро давлати дунявӣ эълон намуда бошад ҳам иҷозати фаъолияти ҳизби сиёсии динӣ хилофи он дониста мешуд. Аммо ба хотири дар амал татбиқ намудани Созишномаи истиқрори сулҳ ва таъмини сулҳу ваҳдат дар қаламрави кишвар ҳукумат дар ин самт нисбат ба мухолифин гузашт намуда буд, ки ин гуна санъати ҳалли масъалаи сиёсӣ на ба ҳар сарвари сиёсӣ муяссар мегардад.

26-уми марти соли 2000 роҳбари Иттиҳоди мухолифини тоҷик ва ҳамзамон раиси Комиссияи оштии миллӣ дар ҳузури хабарнигорон, намояндагони созмонҳои байналхалқӣ

Тарғибу талқини ғояҳои худогоҳиву худшиносӣ, ҳисси ифтихори миллӣ, ватандӯстиву ватанпарастӣ ва омӯхтани таърихи миллат вазифаи ҷониву имонии ҳар фарди ҷомеа мебошад.

***Эмомалӣ Раҳмон***

ва давлатҳои кафили сулҳ охирин ҷаласаи Комиссияи оштии миллиро баргузор намуд. Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро вазири корҳои хориҷӣ Талбак Назаров намояндагӣ менамуд. Дар ҷаласаи мазкур рафти иҷроиши талаботи Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ таҳлил гардида, натиҷагирӣ карда мешавад. Ҷонибҳо эътироф менамоянд, ки ҳанӯз ҳам баъзе аз масъалаҳои дар Созишнома нишондодашуда ҳалли худро пайдо накрадаанд ва аз ин рӯ, минбаъд мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ барои ҳалли онҳо бояд чораҷӯӣ намоянд. Ҳамин тариқ, бо фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон рӯзи 1 апрели соли 2000 фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ қатъ карда шуда, ҳайати он пароканда карда мешавад.

Таҳлили раванди баргузории гуфтушунидҳои ҷонибҳои бо ҳам мухолиф ва фаъолияти Комиссияи оштии миллӣ нишон медиҳад, ки воқеан ҳам Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ барои миллати тоҷик ҳуҷати сарнавиштсоз ва тақдирсоз маҳсуб меёбад. Маҳз дар доираи талаботи ин ҳуҷҷат ҷонибҳо тавонистанд миллатро аз парокандагӣ ва давлатро аз вартаи нобудӣ раҳо бубахшанд. Ҳамчунин дар раванди ба даст овардани оштии миллӣ мардуми шарифи Тоҷикистон низ, ки соҳиби фарҳангу тамаддуни ҷаҳонӣ ҳастанд, баъди гузашти чанд соли тираву тор дарк намуданд, ки ҷанги ҷомеаи онҳо ҷанги таҳмилӣ буда, ба ғайр аз харобиву вайронӣ ба онҳо чизеро муҳайё намекунад. Ин нукта дар паёми табрикии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба муносибати сеюмин солгарди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ бахшида шуда буд, хеле хуб инъикос ёфта буд: «Омили асосии расидан ба сулҳ дар Тоҷикистон аз ниҳод ва замири халқи тоҷик бархоста, ба тафаккури созандаву иродаи шикастнопазир, фитрати баланду дӯстнавозии азалии ин мардум вобаста аст. Аз оғоз то анҷоми даргириҳо ҳар як фарди миллатдӯсту бедордили тоҷик дар қалби хеш фақат як орзу мепарварид: сулҳу салоҳ ва бо ин васила ба ҳам овардани миллату раҳоии давлати миллӣ аз парокандагӣ ва шикасти ногузир. Ин аст, ки мо бо ифтихор ва сарфарозӣ мегӯем: ҳарчанд, ки душманони миллат оташи ҷангро дар кишвари мо барангехтанд, халқи баору номус, ватандӯст ва сулҳпарвари тоҷик тавонист, ки дар муддати кӯтоҳ забонаҳои оташи ҷангро хомӯш кунад, Ватанро аз вартаи ҳалокат наҷот бахшад, гурезаҳои сарсонро баргардонад ва ба ободонии мамлакат камар бандад» [6].

Баъди ба имзо расидани Созишномаи умумӣ оҳиста-оҳиста вазъияти сиёсию иқтисодии мамлакат рӯ ба беҳбудӣ мениҳад, ки дар ин самт хизматҳои Пешвои миллат, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бениҳоят бузург мебошад. Аз охири соли 1997 то соли 2000 ба ҳамаи мушкилиҳои амалишавии Созишномаи умумӣ нигоҳ накарда, барои барқарор намудани иқтисодиёти фалаҷгардида ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии мардум талош меварзад. Пеш аз ҳама, зикри як қатор иншоотҳои муҳими стратегӣ хеле муҳиманд. Аз қабили, бунёди шоҳроҳи Кӯлоб–Қалъаи Хумб–Қулма–Қароқурум, роҳи оҳани Қӯрғонтеппа–Кӯлоб, оғози сохтмони нерӯгоҳи барқии Сангтӯда, туннели Анзоб ва дигарон ба ин мисол шуда метавонанд [2.172].

Ҳамин тариқ, баъди ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон марҳилаи сифатан нав оғоз гардида, мустаҳкамгардии пояҳои ваҳдати миллӣ ва дар сатҳи зарурӣ амалӣ намудани ҳимояи манфиатҳои миллӣ ба амал

Бо қаноатмандӣ қайд мекунам, ки тамоми мардуми Точикистон ҳаракатҳои ифротиро маҳкум мекунанд ва сиёсати давлатро дастгирӣ менамоянд, ба хотири оромию осоиши кишвар ва обрӯю эътибори халқу Ватанамон саъю талош доранд.

*Эмомалӣ Раҳмон*

бароварда мешавад. Президенти мамлакат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон зимни суханронии худ дар Конфронси байналхалқӣ бахшида ба панҷумин солгарди имзои Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон ва намунаи ибрати он барои Афғонистон иброз доштанд, ки: «Ин ҳуҷҷат ифодакунандаи қатъи ҷанги дохилӣ буда, ба оғози ҳаёти осоишта қадам ниҳодани мамлакатро инъикос менамояд. Муваффақияти бузургтарини бадастовардаи мо ҳамин аст, ки ваҳдати миллати тоҷик ва якпорчагии қаламрави Тоҷикистонро ҳифз карда тавонистем ва бо кӯмаки фаъолонаи ҷомеаи ҷаҳон ба мо муяссар гашт, ки ба ҷанги дохилӣ хотима дода, сулҳу созгорӣ ва адолатро дар мамлакат барқарор созем» [3.18].

Дар баробари ин, чунин натиҷаҳои бадастомада, мақому ҷойгоҳи таърихии Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллии тоҷикон муҳиммияти махсуси таърихӣ дорад. Новобаста аз он, ки худди миллати тоҷик асосгузори асосии сулҳу ризоияти дохилии Тоҷикистон аст, вале кӯмаку дастгирии кишварҳои дурру наздик ба раванди сулҳофарӣ дар кишвари мо мусоидат намудааст. Яъне, мақоми таърихии ин ҳуҷҷати расмӣ барои миллати тоҷик ва дигар шаҳрвандони Тоҷикистон хеле муҳим арзёбӣ мегардад.

> Мо бо боварии комил гуфта метавонем, ки ҳеҷ як ҳаракати экстремистӣ дар кишвари мо заминаи қавӣ надорад ва ваҳдати миллӣ ва ризоияти ҷомеаи Тоҷикистонро халалдор карда наметавонад.
>
> ***Эмомалӣ Раҳмон***

# ВАҲДАТИ МИЛЛӢ – ДАСТОВАРДИ МИЛЛӢ

***Назарзода Давлатхуҷа Шодихуҷа – Нозири калон оиди муқовимат ба коррупсияи шуъбаи минтақавӣ дар водии Зарафшони Раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Суғд***



Ваҳдати миллӣ шукуфоии Ватан аст, зеро дар давлате, ки сулҳу субот, дӯстию якдигарфаҳмӣ ҳукмфармост, он рӯз то рӯз гул-гул мешукуфад ва аз лиҳози сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ пеш меравад.

Оре, сулҳу Ваҳдат ибораҳоеанд, ки ҳамеша форам ба гӯши кас садо медиҳад. Вожаи Сулҳ – ин якдигарфаҳмӣ, осоиштагӣ будани ин ё он халқиятро таҷҷасум месозад. Ваҳдат бошад, ба ҳам омадан, аз як гиребон сар баровардан, ҳамдигарфаҳмию поктинатӣ ва миллатдӯст буданро ифода мекунад. 25-сол аст, ки дар қалбҳои мардуми тамаддунофар ва сулҳофари мо ин санаи пурнишоту ҳаётбахш маскан гирифтааст ва ба рӯйдоди воқеан таърихӣ ва азизу гиромӣ чун ҷон муқаддас табдил ёфтааст.

Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Рахмон дар ин маврид чунин таъкид намудаанд: «Созишномаи сулҳ барои сарзамини аҷдодии мо суботу оромии воқеиро таъмин кард, ваҳдати миллиро ба вуҷуд овард ва зиндагиеро фароҳам сохт, ки онро ҳар фарди покдилу некхоҳи мамлакат дер боз интизор буд». Маҳз ба шарофати ҳамин Ваҳдати миллӣ, сулҳу суботи сартосарӣ ва хиради азалии халқамон, мо мушт ба синаи пуркинаи душманони миллати тоҷик задем ва хатари аз байн рафтани ватани азизамон Тоҷикистони тозаистиқлол ва пароканда гаштани миллати куҳанбунёдамонро тавонистем пешгирӣ намоем. Заминаи асосии Ваҳдати миллӣ пеш аз ҳама, ин хиради азалии худи мардуми худогоҳи ватанпарвар ва саъю талошҳои Сарвари давлати навини тоҷикон буд, ки моро ба ин рӯзҳои хуррам расонд. Ваҳдати миллӣ барои мардуми мо дар баробари истиқлолият неъмати бебаҳо ва муқаддас аст. Ҳар як тоҷики ватанпарвар бояд, ифтихор аз он дошта бошад, ки миллати тоҷик таърихан ва табиатан сулҳдӯст, фарҳангпарвар, тамаддунофар ва созандаю бунёдкор мебошад. Таърих ва ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар исбот намуд, ки халқи тоҷикро дар масири таърих ҳамчун миллати куҳанбунёд, бонангу номус, бохираду адолатхоҳ, бунёдкору заҳматкаш, дорандаи хиради азалӣ, эҳтирому эътироф менамоянд.

> Дар давраи низои дохилӣ шахсон ва гурӯҳҳое буданд, ки ба ҷойи ҷустуҷӯи роҳҳои сулҳу субот баръакс худтаҳқиркунӣ ва худкушии миллати моро талқин мекарданд. Раванди сулҳу субот ба таҳкими истиқлолияти кишвар заминаи боэътимод гузошта, миллатамонро аз худкушиву худтаҳқиркунӣ раҳо намуд ва ҳисси ифтихори миллиро боз ҳам баланд бардошт.
>
> ***Эмомалӣ Раҳмон***

Ба ақидаи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Ҳар касе, ки ниҳоле сабзонда бошад, медонад, ки дарахт соле як маротиба ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Мо меваи ширину сабзонидаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравард гардид, мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша ба решаи он рассад».

Он дарахте, ки роҳбари давлати азизамон ба сулҳу ваҳдат ташбеҳ додаанд, имрӯзҳо меваҳои ширину бисёре ба самар оварда истодааст, ки бо онҳо мо тоҷикон фахр мекунем.

Ваҳдати миллӣ то ба имрӯз бо номи Асосгузори сулҳу Ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон алоқамандии ногусастанӣ дорад.

Бо талошҳо ва хизмати таърихӣ Пешвои миллат, ихтиёри давлатдориро ба дасти миллати тоҷик дода, аз вартаи нобуди наҷот ёфта, оташи ҷанги дохилиро хомӯш намуда, гурезаҳо ва муҳоҷирони иҷбориро ба Ватан баргардонид ва замина ба бунёди ҷомеаи навини Тоҷикистон гузошт. Сохтори фалаҷгардидаи ҳокимият, хусусан мақомоти ҳифзи ҳуқуқро барқарор сохта, артиши миллӣ ва нерӯҳои посбони сарҳадро таъсис дод. 27 июни соли 1997 ба имзо расидани Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ, заминаҳои ҳуқуқиву сиёсиро фароҳам оварда, сулҳи тоҷиконро ба даст овард.

Ҳаргиз фаромуш набояд кард, ки танҳо Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ асоси оромиву осудагии халқ, кафолати инкишофи давлат ва рушди ҳамаҷонибаи ҷомеа мебошанд. Агар ҳар яки мо дар рушду таҳкими Истиқлолу Ваҳдат ва дигар арзишҳои муқаддаси миллиамон сидқан саҳм гузошта, дар атрофи давлати миллӣ муттаҳид шавем, он гоҳ чун миллати ягона бо асолату фарҳанг ва симои хоси худ миёни давлатҳои мутамаддину мутараққии ҷаҳон мавқеи сазоворро пайдо хоҳем кард.

Гузашти солҳо собит намуд, ки музокироти сулҳ роҳи асоситарини рафъи ихтилофоти дохилӣ ва асоси пешрафту ободии кишвар мебошад. Беҳуда нест, ки ҳоло таҷрибаи сулҳу оштии миллии мо мавриди омӯзишу истифодаи созмонхои бонуфузи байналмилалӣ ва ҷомеаи башарӣ қарор дорад. Мо ҳоло амиқ дарк кардем, ки Ваҳдати миллӣ омили муҳимтарини рушди ҷомеа, шарти асосии пешрафти иқтисодиёту иҷтимоиёт ва фарҳанги мардуми тоҷик ба ҳисоб меравад. Маҳз ба ҳамин хотир, мо ҳифзи Истиклолият ва Ваҳдати миллиро аз ҷумлаи рисолатҳои инсонии худ мешуморем.

Баъзе ашхос ҳатто то ба имрӯз ба сиёсати мо ба таври амиқ сарфаҳм нарафтаанд, ки чаро ин қадар ба таърих, ба эҳёи хиради азалии тоҷикон рӯй оварда, дар шароити мушкили иқтисодӣ ин қадар ба ёдгориҳои таърихӣ ва эҳёи суннатҳои бузурги гузаштаи миллатамон таваҷҷӯҳ зоҳир менамоем. Аммо ин сиёсати мо аз ҷониби аксарияти мардум пуштибонӣ ёфтааст, чунки имрӯз он ҳисси ифтихори миллиро воқеан ҳам баланд мебардорад.

*Эмомалӣ Раҳмон*




*Имрӯз ваҳдати миллӣ ба яке аз арзишҳои муҳимми ҷомеаи мо табдил ёфтааст ва масъалаи ваҳдату ягонагӣ дар кору фаъолияти давлат ва ҳар як фарди ҷомеа қадру манзалати баланд ва ҷойгоҳи муҳим дошта, мардуми Тоҷикистон ин арзиши миллиро ҳамеша гиромӣ медоранд ва онро ҳифз мекунанд.*

*Эмомалӣ Раҳмон*








РАФИКОН!





















































































Ҳар касе, ки ниҳолеро сабзонда бошад, медонад: дарахт соле як бор ҳосил медиҳад. Аммо ниҳоле низ ҳаст, ки ҳамеша меваи ширин ба бор меорад. Ин ниҳол ниҳоли дӯстӣ ва ваҳдат аст. Мо меваи ширини ин ниҳоли сабзондаамонро чашидем, ҷомеаи мо аз он баҳравар гардид ва мо ҳаргиз роҳ намедиҳем, ки дигар теша бар решаи он расад.

Эмомалӣ Раҳмон



Ҷавониро фидо кардам, диёрам то ҷавон бошад,
Гузаштам борҳо аз ҷон, ки ҷонаш дар амон бошад.





# МУНДАРИҶА

***Султонзода С.С.*** Бахшида ба Рӯзи Ваҳдати миллӣ ....4

***Мирзонабот А.Х..*** Озодмарди суханвар....6

***Ҳакимзода Қ.*** Коррупсия монеи раванди рушди устувори давлат мегардад....10

***Аҳмадзода Р.*** Тоҷикистон – сарзамини сулҳу субот ва ваҳдати миллӣ ....15

***Муқимӣ Р.Н.*** Омилҳои муқовимат бо коррупсия ....20

***Акрамзода П.А.*** Ваҳдат – бақои миллату пойдевори давлат....24

***Рудобаи М.*** Ваҳдат ва омилҳои таҳкиму тақвияти он....26

***Қаландариён Ҳ.С.*** Нақши ҳувияти фарҳангӣ дар таҳкими ваҳдати миллӣ ....29

***Аламшозода Ф.М.*** Ваҳдату ягонагӣ мароми мост ....34

***Сафарзода Ш.Ҷ.*** Ваҳдат шарти пешрафти кишвар ....36

***Ҳикматуллозода И.Ҳ.*** Пешвои миллат ва таҳкими ваҳдати миллӣ ....39

***Ҳакимзода А.Р.*** Ваҳдати миллӣ маҳсули андешаи миллии мост ....42

***Маҳмадзода Ф.М.*** Санади тақдирсози сулҳ рамзи воқеии баҳамоиву сарҷамъии миллат ....46

***Носирӣ А.Қ.*** Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат,
Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар эҳёи сулҳ ва ваҳдати миллӣ! ....49

***Сайфиддинзода Н.С.*** Тарзу усулҳои ошкор намудани омилҳои
бавуҷудоварандаи коррупсия дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ..53

***Низомзода Н.*** Ваҳдати миллӣ ифтихори мост!....58

***Абдулманонзода А.А.*** «Формула барои эҷоди ваксина ва худи ваксинаи мубориза бар зидди
коррупсия»....61

***Бахромзода Б.Р.*** Ваҳдати миллӣ бақои миллат....65

***Неъматзода Н.*** «Ваҳдати миллӣ кафили сулҳу суботи Тоҷикистон»....68

***Маҳмуродзода О.Ҳ.*** Ғояи ваҳдати миллӣ дар як марҳалаи тақдирсози таърих....71

***Турсунзода С.Т.*** Муқовимат ба коррупсия – омили муҳими ташаккул ва инкишофи низоми
муосири идоракунии давлатӣ ....75

***Шуҳратзода Ш.*** Пешвои миллат – бунёдгузори сулҳу ваҳдати тоҷикон....80

***Давлатзод С.Ғ.*** Ташаккули сарвари сиёсӣ дар шароити Тоҷикистони соҳибистиқлол ....85

***Назриён В.Қ.*** Эмомалӣ Раҳмон поягузори сулҳ ва ваҳдати тоҷикон....89

***Салимзода С.Ҳ.*** Нақши Пешвои миллат дар муқовимат ба коррупсия....91

***Мавлоназар К.*** Дастовардҳои даврони Истиқлолият....96

***Тоирзода Б.Ҳ.*** Меъмори сулҳу ваҳдати Тоҷикистон....101

***Гулмаҳмадзода Ҷ.Г.*** Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ –
ҳуҷҷати сарнавиштсоз ва тақдирсози миллати тоҷик ....105

***Назарзода Д.Ш.*** Ваҳдати миллӣ – дастоварди миллӣ.... 111

